**АБДУНАБӢ ЗОҲИДОВ**

# ЗАБОНИ МОДАРӢ

КИТОБИ ДАРСӢ БАРОИ ДОНИШОМӮЗОНИ СИНФҲОИ ЧОРУМИ МАКТАБҲОИ МИЁНАИ ТАЪЛИМИ УМУМӢ

*Вазорати таълими халқи Республикаи Ӯзбекистон тасдиқ намудааст*

Нашри панҷум

ТОШКАНД — «O‘ZBEKISTON» — 2013

УЎК: 811.222.8(075)
КБК 81.2 Тож-9
З 87

Донишомӯзи азиз!

Хуб дар хотир дошта бошед, ки Шумо чашми бино ва ояндаи Ӯзбекистони соҳибистиқлол буда, бо дилҳои ҷавони худ муждарасони рӯзҳои нек ҳастед. Ватани озоди мо аз Шумо умедҳои зиёд дорад. Барои ин хондан ва омӯхтан лозим аст. Бигузор ин китоби дарсӣ дар фатҳи қуллаҳои дониш мададгори Шумо бошад. Ҳар як фикр ва қоидаи он ба идроки шумо нерӯ мебахшад. Аз ин рӯ, ба ҳар як саҳифаи он бо назари ихлос нигаред. Онро тозаю озода нигоҳ доред ва эҳтиёткорона истифода баред, то ки ҳар шахси дигар пас аз Шумо ба одоби хубу шоистаатон таҳсин хонад.

Дар фатҳи қуллаҳои дониш ба Шумо омад ёр бод!

ХЭТН «O‘zbekiston»

Муҳаррирони масъул:
номзади илми филология,
профессор **Т. Чориев,** сармутахассиси ВТХМТР **Ҷ. Эшонзода**

— Супоришҳои асосӣ

— Супоришҳои амалӣ

— Тестҳо (Санҷиши амалӣ)

**Аз ҳисоби маблағҳои Бунёди мақсадноки китоби республика барои иҷора чоп шудааст**

ISBN 878-9943-01-087-1

© Нашриёти «ЎЗБЕКИСТОН», 2004.
© ХЭТН «O‘zbekiston», 2007, 2009, 2011, 2013.




**Шеърро равон ва бурро хонед. Мазмунашро баён кунед.**

## ЎЗБЕКИСТОН

Ўзбекистонам, диёри дилрабои ман туӣ,
Ўзбекистонам, нури дидаҳои ман туӣ.

Боиси хурсандии беинтиҳои ман туӣ,
Шеъри ман, илҳоми ман, нашъунамои ман туӣ.

Пойтахтат шаҳри Тошканд маркази илму ҳунар,
Зиндагӣ дар ҷӯш аст бо меҳри тоза ҳар саҳар.

Мактабу фабрикаат бошад азизу мӯътабар,
Гаштааст аз меҳри оламтоби ховар баҳравар.

Боз зебо мешавӣ, эй гулшани боэътибор,
Ўзбекистон, аз зафарҳоят намоям ифтихор...

*Мардон Муҳаммадиев*




**Шеърро ифоданок хонед ва аз рӯи расм ҷумлаҳо тартиб диҳед.**

Бачагони азизи кишвари ман,
Тозагулҳои ин гулистонед!
Соли нави таҳсил муборак бод,
Шод бошеду нағзакак хонед!

*Мирсаид Миршакар*

# ТАКРОР

## ТАКРОРИ ҲИССАҲОИ НУТҚ

**Машқи 1.** Хонед. Ҳамдигарро ба муносибати оғози Соли нави таҳсил — Рӯзи Дониш табрик кунед.

### ГУЛҲОИ РӮЗИ ДОНИШ

Салом, фарзандони азизам! Омадед? Марҳамат, биёед! Чӣ қадар зебо шудаед! Либосҳо ва сару рӯ — ҳама тозаю озода! Соли гузашта дар синфи се, имсол дар синфи чор мехонед. Ба мактабатон нигоҳ кунед. Ҳама ҷой зебо, аз сари нав таъмир шудаанд. Ана, занги аввал! Муаллиматон шуморо ба синф даъват мекунад. Оҳо, синфатон бо гулҳои зебо оро дода шудааст. Дарси аввал — дарси **Сулҳ, Дӯстӣ** ва **Дониш** аст.

**Машқи 2.** Нақл кунед, ки Соли нави таҳсил — Рӯзи Донишро дар мактаби шумо чӣ тавр ҷашн гирифтанд. Нақлро ин тавр сар кунед ва 10—12 ҷумла нависед:

Якуми сентябр. Ҳамаи бачагон бо либосҳои тозаю озода ба мактаб омада буданд. Занги аввал ...

**Машқи 3.** Хонед. Калимаҳои матнро бо тартиби зерин навишта гиред.

Номи предметҳо: кӣ? чӣ? киҳо? чиҳо?

Амали предметҳо: чӣ кор мекунад?
Аломати предметҳо: чӣ хел? чӣ гуна? кадом?

## ХОТИРАҲОИ ТОБИСТОН

Ҳаво форам. Саҳрои васеъ, боғҳои дилкушо ва қирҳои зебо ороста гардидаанд. Рӯи онҳо бо алафҳои кабуд, гулҳои сурх пӯшида шудааст. Шапалакҳои сурх, сиёҳ, зард ва сафед парида мегарданд. Паррандаҳо ба деворҳои пасту баланд нишаста суруд мехонанд.

**Машқи 4.** Калимаҳои дар поён додашударо аз рӯи номи предмет, амал, аломати предмет ҷудо карда нависед.

Дарахт, равшан, месабзад, бод, бародар, калон, дарвоза, оҳанин, мехонад, гул, шамол, оҳу, сахт, кӯҳӣ, барг, шикастааст, шодӣ, хушрӯ, баромаданд, табар, теша, хона, бабр, ҳамсоя, девор, дошт, менависем.

**Машқи 5.** Хонед ва дар хотир доред.

Мактаб, китоб, хона, дафтар — номи предметҳо, яъне **исм** мебошанд.
Сурх, зебо, равшан, талх — аломати предметҳо, яъне **сифат** мебошанд.
Мехонам, менависам, мегӯям, давидем — амали предметҳо, яъне **феъл** мебошанд.

**Машқи 6.** Калимаҳоро аз рӯи намуна ба хелҳо ҷудо кунед ва нависед.

Давиданд, гуфт, сурх, китоб, шаҳр, зебо, мусича, панҷа, қалам, шӯр, дар, сафед, фаҳмидем, хуб, ангур, шинонд, дарё, васеъ, роҳ, бачагона, шунид, себ.

**Намуна**: **Исм** (кӣ? киҳо? чӣ? чиҳо?) — **шаҳр**...
**Сифат** (чӣ хел? чӣ гуна?) — **зебо**...
**Феъл** (чӣ кор мекунад) — **шинонд...**

**Машқи 7.** Ҳикоячаи зеринро ба дафтаратон навишта, ба зери исм як хат, сифат — хати мавҷнок, феъл — ду хат кашед.

## ШАПАЛАКҲО

Фасли баҳор буд. Офтоби дурахшон нур мепошид. Дар саҳро гулҳои рангоранг шукуфта буданд. Шапалакҳо аз гул ба гул парида мениншастанд. Шира ва шарбати гулҳоро мемакиданд.

Як рӯз ба гули сафед шапалаки сафед, ба гули зард шапалаки зард, ба гули сурх шапалаки сурх нишаста шира мемакиданд. Ҳамин вақт фароштуруки калон парида омада, шапалаки сиёҳро дошта гирифт.

### Саволҳо:

1. Исм чиро мефаҳмонад?
2. Исм ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад?
3. Сифат чист?
4. Сифат ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад?
5. Феъл чиро мефаҳмонад?
6. Феъл ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад?
7. Шумо ғайр аз исм, сифат ва феъл боз кадом ҳиссаҳои нутқро медонед?

**Машқи 8.** Аз калимаҳои поён се ҷумла созед. Ба зери исмҳо як хат, ба зери сифат хати мавҷнок, ба зери феълҳо ду хат кашед. Гӯед, ки калимаҳои **барои**, **дар** кадом ҳиссаи нутқ мебошанд.

Мактаббачагон, барои саёҳат, ба кӯҳ рафтанд; булбулон, дар, шохҳо, дарахтон, баланд, хушхон, месароянд; бузғолагон, мечариданд, метохтанд, ширмаст.

**Машқи 9.** Дар асоси сурати додашуда якчанд ҷумла тартиб дода, нависед ва аз ҷумлаҳо исм, сифат, феъл ва пешоянду пайвандакҳоро ёбед. Ба он чунин сарлавҳа гузоред: «Таътили тобистона дар истироҳатгоҳ».



**Машқи 10.** Аз матни поён калимаҳои ёридиҳандаро ёфта нависед.

## МАКТАБИ ТУ

Ту ҳар рӯз ба мактаб меоӣ. Рост ба синфат меравию дар партаат мешинӣ. Ин хуб аст. Аммо медонӣ, ки бачаҳои синфхонаҳои дигар ба чӣ кор машғуланд. Ана, биё, ба ин синфхона нигоҳ кунем...

**Машқи 11.** Бо пешояндҳои **аз**, **дар**, **ба** ҷумлаҳо созед.

**Намуна:** Собира ба ман дарси ҳисобро фаҳмонд.

**Машқи 12.** Шеърро хонед. Ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед:

1. Чаро шоир шеъри худро «Модар ва падар» номидааст?
2. Дар шеър дар ҳаққи падару модар чӣ гуфта шудааст?
3. Мо ба ивази ғамхорию дилсӯзии падару модар чӣ кор бояд кунем?

## МОДАР ВА ПАДАР

Намояд модари дилсӯзу ҷонӣ,
Ба фарзандон ҳамеша меҳрубонӣ.
Падар ҳам бо умеди ҷовидонӣ,
Кунад авлоди худро посбонӣ.

Аз ин ҳар ду бақои зиндагонист,
Аз ин ҳар ду баҳори шодмонист.
Умеди модар аз фарзанд бисёр,
Ки дар пирӣ шавад дилҷӯву ғамхор.

Падар хоҳад, ки фарзанди вафодор,
Ба таҳсини ҳама бошад сазовор.

Аз ин ҳар ду бақои зиндагонист,
Аз ин ҳар ду баҳори шодмонист.

*Бурҳон Фаррух*

**Супориш:** Бо ибораҳои **модари дилсӯз**, **фарзанди вафодор** ҷумлаҳо созед.

**Машқи 13.** Матнро нависед. Ба зери ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқ хат кашед.

## ПАХТА — БОИГАРИИ МО

Деҳқон бо ҳазор заҳмату душворӣ пахта меруёнад. Пахтаро дар ҷумҳурии мо «тиллои сафед» меноманд. Оре, қадру қиммати пахта ба тилло баробар аст. Аз ин рӯ, пахта шаъну шӯҳрати мо, нони болои дастархони мост.

Бе ин ашёи гаронбаҳо дар зиндагии мо фаровонӣ нест. Ҳар қадар ҳосили пахтаро зиёдтар ба даст орем, зиндагиамон ҳамон қадар пурфайзу бобаракат мегардад. Пахта боигарии халқи мост.

**Савол ва супориш:**

1. Вазифаи калимаҳои ёридиҳанда аз чӣ иборат аст?
2. Калимаҳои ёридиҳандаро номбар кунед.

# ТАКРОРИ ИБОРА ВА ҶУМЛАҲОИ СОДДА

Калимаҳои мустақилмаъно бо ҳам алоқаманд шуда, ибораро ташкил медиҳанд: китоби муаллим, нони гарм, мактаби мо, панҷ нафар талаба, китоб хондан.

**Машқи 14.** Аз калимаҳои зерин ибораҳо созед.

Замин, корам, хона, калон, боғ, мактаб, бача, доно, ин, шеър, модар, дидан

**Намуна:** Хонаи калон...

**Машқи 15.** Матнро хонед, иборахоро муайян намуда, ба дафтаратон нависед.

## АШКИ ШОДӢ

Пирамард аз як бари рӯи набера мебӯсиду кампир аз дигар бари рӯи ӯ. Аз чашмони онҳо ашки шодӣ мерехт. Вақте ки вай тӯҳфаҳои худ — чой, набот ва рӯмолро супурд, ҳам шодӣ ва ҳам ашки онҳо боз афзунтар шуд. Охир, ин тӯҳфаи аввалини набераашон буд!

*Абдусалом Деҳотӣ*

**Машқи 16.** Ба ҷои нуқтаҳо калимаҳои мувофиқ гузошта, ибора созед.

Чойники ..., кӯчаи ..., китоби ..., дарёи ..., гулро ..., падарро ..., ҳамон ..., ин ..., ду ..., панҷ ...

**Намуна:** чойники чой, гулро додан, ҳамон шахс ...

**Машқи 17.** Ибораҳоро истифода бурда ҷумлаҳо созед.

Фасли баҳор, таътили тобистона, дарахти гелос, иди Наврӯз, рафиқи дилсӯз.

**Намуна:** Мо дар боғи мактаб дарахти гелос шинонидем.

**Машқи 18.** Шеърро аз ёд кунед. Аз таркиби шеър ибораҳоро муайян кунед.

## ДУОИ МОДАРАМ

Шеър хонам дар санои модарам,
Қимат аз тилло дуои модарам.
Номи некаш доимо вирди забон,
Дар сарам бошад ҳавои модарам.

То шавад роҳи ҳаёти мо сафед,
Рехт мӯҳои сиёҳи модарам.
Дил ҳамеёбам ба монанди дилам,
Кас намеёбам ба ҷои модарам.

*Салим Кенҷа*

**Машқи 19.** Хонед ва мазмуни матнро нақл кунед.

## БОҒЧАИ МО ДИЛРАБОСТ

Саҳни ҳавлии мактаби мо боғчаи сабзу хуррамро мемонад. Вақте ки таътил сар шуд, бачаҳо гумон карданд, ки гулу себарга ва 150 бех дарахти мевадиҳандае, ки дар боғамон ҳаст, аз гармӣ хушк мешавад. Аммо мо пешакӣ нақша кашида будем, ки дар рӯзҳои таътил ба мактаб омада, боғчаро нигоҳубин мекунем. Ана, боз мактаб сар шуд. Мо ҳангоми ба мактаб

омадан аз бӯи муаттари гулҳо баҳра бурда, дар зери сояи дарахтон нишаста гарму ҷӯшон сӯҳбат мекунем.

**Супориш:** Аз матн ибораҳоро муайян кунед. **Намуна**: боғи мо, саҳни ҳавлии мактаб ....

**Машқи 20.** Хонед. Гӯед, ки дар матн аз хусуси чӣ сухан меравад.

## ДАРАХТИ АРЧА

Дарахти арча умри дароз мебинад. Баъзе арчаҳо то ҳазор сол умр мебинанд!

Ҳоло дар байни арчазор торафт бештар хонаҳои истироҳатӣ сохта мешаванд. Тобистон ба ин ҷойҳо сайёҳони бисёре меоянд. Табиати зебо, ҳавои соф, оби сарди чашмаю дарёчаҳо тобистон макони хуби истироҳати одамон мебошад. Маҳз барои ҳамин арчаро аз буридану сӯхтор муҳофизат мекунанд. Арчаҳо дар кӯҳсори баланди республикаи мо бисёр мерӯянд.

**Машқи 21.** Аз рӯи расм дар асоси саволҳои поёнӣ ҳикоячаи хурде нависед.



## Саволҳо:

1. Бачаҳо дар кучо кор мекунанд?
2. Дар боғи мактаб киҳо кор мекунанд?
3. Шоира бо чӣ кор машғул аст?
4. Рустам, Сӯҳроб, Толиб ва Шоира дар синфи чандум мехонанд?
5. Бачаҳо чӣ кор мекунанд?
6. Тоза нигоҳ доштани муҳити атроф чӣ аҳамият дорад?

# ТАКРОРИ ҶУМЛАҲОИ СОДДА

Калимаҳо ба ҳамдигар алоқаманд мешаванд. Дар натиҷа ҷумла ташкил меёбад. Ҷумла воҳиди асосии забон аст. Чунки инсон ба воситаи ҷумла фикри худро баён мекунад. Бо ҳамдигар мулоқот менамоянд.

**Машқи 22.** Хонед ва гӯед, ки дар ин матн чанд ҷумлаи содда мавҷуд аст.

### БУЗҲОИ КӮҲӢ

Сайди бузҳои кӯҳӣ ниҳоят мушкил аст. Онҳо бисёр ҳушёру чолоканд. Чашмони бузҳои кӯҳӣ хеле тезбин ва худашон тездав мебошанд. Бузҳои кӯҳӣ ҳанӯз аз хурдӣ нағз медонанд, ки душмани онҳо паланги кӯҳӣ мебошад.

**Машқи 23.** Бо калимаҳои зерин ҷумлаҳо созед.

Модар, хеле, ба, меҳрубон, ман, аст. Мо, маҳфил, адаб, мекунем, иштирок. Китоб, дониш,

манбаъ, аст. 8-уми декабр, мебошад, Конститут-сия, Республика, Ӯзбекистон.

**Намуна:** Модарам ба ман хеле меҳрубон аст.

**Машқи 24.** Бо ибораҳои *гули сурх, дарси забон, бачаи доно, хонаи васеъ* ҷумлаҳо тартиб диҳед.

**Машқи 25.** Хонед ва мазмуни матнро нақл кунед. Гӯед, ки шумо дар ҳаққи паррандагон чӣ гуна ғамхорӣ зоҳир менамоед.

## МОР ВА МУСИЧА

Боре ман рӯи ҳавлиро мерӯфтам. Мусичае дар болои дарахт патаррос мезад. Ба куҷо задани худро намедонист. Дидам, ки море ба лонаи мусича ҳамла карда, бачаҳояшро хӯрданист. Ман зуд акаамро чеғ задам. Вай аз воқеа огоҳ шуд. Чӯбро ба даст гирифту болои дарахт баромад. Мор худро партофта гурехт. Хайрият, бачаҳои мусича зинда монданд.

Роҳбари синфамон ин нақли маро шунида гуфтанд, ки вазифаи ҳар як талаба ба паррандаҳо ғамхорӣ кардан аст. Мо мувофиқи маслиҳати муаллимамон амал мекунем. Барои паррандаҳо лонаҳо сохта ба дарахтон мегузорем. Хусусан, дар рӯзҳои зимистон паррандаҳо ба ёрии мо мӯҳтоҷанд. Мо аз хӯроки онҳо доим бохабар бояд бошем.

**Супориш:** Бо калима ва ибораҳои *паррандагон, вазифаи мактаббачагон, маслиҳати муаллимон, ғамхорӣ намудан* ҷумлаҳо тартиб диҳед.

**Машқи 26.** Шеърро аз ёд кунед. Мақсади шоир аз навиштани ин шеър дар чист?

## ҲАР КӢ ЗАБОН ГУМ КУНАД

Ҳар кӣ забон гум кунад,
Ному нишон гум кунад.
Зӯру тавон гум кунад,
Ҷони ҷаҳон гум кунад.
Дурру садаф гум кунад,
Бахт зи каф гум кунад.
Шаъну шараф гум кунад,
Ёри чу ҷон гум кунад.
Гармии тан гум кунад,
Ишқи чаман гум кунад.
Меҳри Ватан гум кунад,
Модари ҷон гум кунад.

*Салим Кенҷа*

**Машқи 27.** Ба ҷои нуқтаҳо калимаҳои мувофиқро гузошта, ҷумлаҳоро нависед.

Ҳаштуми ... иди занон ва духтарон аст. Дар болои миз китобҳои ... гузошта шудаанд. Талабагон дар боғи ... кор мекунанд. Ба калонсолон дасти ёрӣ дароз кардан ... мост. Бисёр хонӣ, ... мешавӣ.

**Машқи 28.** Аз рӯи расми саҳифаи 17 якчанд ҷумлаҳо тартиб диҳед.

**Саволҳои ҷамъбастӣ:**

1. Ибораҳо чӣ тавр ташкил меёбанд?
2. Чӣ гуна калимаҳо ибора сохта метавонанд?







3. Ҷумлаҳо чӣ гуна хусусият доранд?
4. Ҷумла чӣ гуна воҳиди забон аст?
5. Фарқи ҷумла ва ибораро гуфта диҳед.
6. Кадоме аз инҳо ибора ва кадомашон ҷумлаанд: нони ширин, себи Самарқанд, Ман либоси нав пӯшидам. Себи Самарқанд ширин аст.

## АЪЗОҲОИ ЧИДАИ ҶУМЛА

Аъзоҳои ҷумла — мубтадо, хабар, муайянкунанда, пуркунанда, ҳол дар як ҷумла дуто ё зиёдтар бошанд, **аъзои чидаро** ташкил медиҳанд.

Аъзоҳои чида пайдарпай воқеъ гашта ба саволи ягона ҷавоб мешаванд.

**Машқи 29.** Ҷумлаҳоро хонед ва баъд аз он ҷумлаҳои чидааъзоро муайян карда, ба дафтаратон рӯбардор кунед.

1. Ситорагон бо дурахшандагии худ ба ҷаҳон равшанӣ медоданд. 2. Аз хӯрданиҳо нон ва мавиз, қандалот ва печак, писта ва бодом, ғӯлунг ва санҷид, шӯрбо, палав, харбуза ва ангур ба навбат дастархонро зинат медоданд. 3. Насими форами шабона бӯйҳои хуши сабзаҳои навхези баҳориро меоварданд. 4. Вай ба гирду атроф, ба замину осмон нигоҳ кард. 5. Гандум суп-сурх шуда пухта расида буд.

**Машқи 30.** Бо интихоб ва корбасти сараъзоҳо ҷумлаҳои чидааъзо тартиб диҳед.

**Машқи 31.** Аъзоҳои чидаи ҷумлаҳои зеринро муайян кунед.

1. Дар миёнаи майдонҳои гандумикорӣ, ҷавкорӣ, зағир ва кунҷидкорӣ пайколҳои пахта ва ғӯза зинати нав ва зебои тоза медод. 2. Аз байни деҳаи мо роҳи васеъ ва рост мегузарад. Даштҳо, дараҳо, роҳҳо, кӯчаҳо, бомҳо, теппаҳо, ҳама ҷо пур аз барф бошад ҳам, ҳавлии васеи Полвон-Арабро рӯфта, тоза карда буданд.

## Саволҳо

1. Чӣ гуна ҷумлаҳоро ҷумлаҳои чидааъзо меноманд?
2. Фарқи ҷумлаҳои чидаъзо аз ҷумлаҳои ғайричидаъзо дар чист?
3. Аъзоҳои чида ба чӣ гуна саволҳо ҷавоб мешаванд?

**Машқи 32.** Бо интихоб ва корбасти аъзоҳои ҷумла, ҷумлаҳои чидааъзо тартиб диҳед.

**Намуна:** Дар майдони олузор, дар зери дарахтони олу, ба рӯи сабза ва себаргаҳо занон ва духтарон ба шакли нимдоира якзону қатор шуда нишастанд.

## САРАЪЗОҲОИ ЧИДА

Сараъзоҳои ҷумла — мубтадо ва хабар пайдарпай омада чида мешаванд.

Мубтадои чида ба саволҳои кӣ? чӣ? киҳо? чиҳо? хабари чида ба саволҳои чӣ кор мекунад? чӣ шуд? чӣ мешавад ва ғайра ҷавоб мешавад.

**Машқи 33.** Савол ва воситаи алоқаи мубтадо ва хабари чидаро муайян кунед.

1. Дар атрофи гулхан Рӯзӣ, Сафарғулом, Қулмурод, Комил, Юсуф дастҳои худро гарм карда менишастанд. 2. Гӯсфандон, бузон, баррагон ва бузғолагон ба хобгоҳи худ даромада осуда хобида буданд. 3. Мо мешунавем, мехонем ва менависем. 4. Кӯчаю бозор, одаму олам ҳам ба назарам нағзу дилрабо менамуданд. 5. Дар ин бозӣ ӯ ё мебурд ё бой медод.

**Машқи 34.** Бо интихоб ва корбасти сараъзоҳо шашто ҷумлаҳои чидааъзо тартиб диҳед.

**Намуна:** Баргҳои паҳни палакҳои харбуза, каду ва бодиринг ғалбер барин пурсӯрох шуда ба замин мехобиданд.

**Машқи 35.** Аъзоҳои чида ва воситаҳои алоқаи онҳоро нишон диҳед.

1. Ману Шоҳин дар як парта менишинем. 2. Аз паррандагон зоғи ало шодмон мешавад, барфбозӣ мекунад, рақс мекунад. 3. Чароғи электр, газ, яхдон, чангтозакунак ва як қатор асбобҳои рӯзгор кори соҳибхоназанро хеле сабук карданд.

## АЪЗОҲОИ ПАЙРАВИ ЧИДА

> Аъзоҳои пайрави ҷумла — муайянкунанда, пуркунанда, ҳол пайдарпай омада чида мешаванд.

**Машқи 36.** Аъзоҳои пайрави чидаро муайян кунед.

1. Хомаи реги равон ва гиёҳҳои регии саланг, шӯра, хоршутур, кавар, кавора, явшон манзараҳои табиии он биёбонанд. 2. Ҳар кадом як порча заминро бо каланд гардонда гандум, ҷав, арзан, мош, ё ин ки харбуза ва тарбуз мекориданд. 3. Гӯсфандони дар қӯрабуда бедор шуда аз ҷояшон хеста маъос зада ҳаракат мекарданд. 4. Қатраҳои бузурги борон дар болои баргҳои навраси ток ҳамчун санги забарҷад, дар хӯшаҳои гули сунбул ҳамчун санги нилум, дар болои баргҳои албони гули шамъ ҳамчун ёқут ва дар рӯи сабзаҳо, барги бутта ва барги дарахтон мисоли зумуррад тобида назаррабоӣ мекарданд.

**Машқи 37.** Ҷумлаҳои аъзоҳои пайрави чида доштаро муайян кунед ва ба онҳо саволҳои мувофиқ гузоред.

1. Дарахтони бед, гуҷум ва тут ҳам шукуфта шукуффазореро ба назаратон ҷилва мекунонанд. 2. Зоғони алоюю шӯрнӯлҳо ҳар ҷо-ҳар ҷои замин-ҳои шудгор тӯда-тӯда нишаста ризқу рӯзӣ меҷустанд. 3. Шӯълаи офтоби бегоҳӣ аз рӯи гулҳои қадпаст оҳиста-оҳиста бардошта шуд. 4. Аз тарқишу роғҳои дару тиреза ғуввасзанон шамол медаромад. 5. Борон аз пагоҳ боз бо ғулғула ва селвор мерехт. 6. Навдаҳои дарахтони себу шафтолу, ноку зардолу албонҷ хӯрда, хишир-хишир садои дилнавоз мебароварданд.

**Машқи 38.** Бо интихоб ва корбасти аъзоҳои пайрави чида шашто ҷумла нависед. Савол ва воситаи алоқаҳо-яшонро муайян кунед.

**Намуна:** 1. Чизи хубу зебо дар ҳама ҳолат дилрабо аст.

**Чӣ хел?** — хубу зебо (муайянкунанда). Воситаи алоқааш пайвандаки **-у** мебошад.

## ПАЙВАНДАКҲО — ВОСИТАИ АЛОҚАИ АЪЗОҲОИ ЧИДА

Пайвандакҳои **ва** (**-у, -ю**) воситаи алоқаи аъзоҳои чида ба шумор мераванд.

Агар дар байни аъзоҳои чидаи ҷумла пайвандакҳои **ва** (**-у, -ю**) оянд, вергул гузошта намешаванд.

**Машқи 39.** Воситаҳои алоқаи аъзоҳои чидаро муайян кунед.

1. Саҳро бесадо ва сокин, дунё ором ва хомӯш буд. 2. Дар рӯи дастархон нон ва лаълии чоршарбат гузошта шуд. 3. Анор ва анҷир аз навда афзоиш меёбанд. 4. Гӯсфандҳо дар марғзору чарогоҳҳои кӯҳу дашт дар рамаҳо парвариш карда мешаванд. 5. Ба падару модарат салом гӯй.

**Машқи 40.** Бо интихоб ва корбасти пайвандакҳои ва, -у ҷумлаҳои чидааъзо тартиб диҳед.

**Машқи 41.** Аъзоҳои чида ва воситаи алоқаҳояшонро номбар кунед.

1. Дар канори кӯча ва хиёбонҳо дарахтҳои аз қабили чинор, бед, тӯс, булут, заранг, сафедор месабзанд. 2. Тухми тарбуз, харбуза ва ҳандалак моҳи март кошта мешавад. 3. Дар вилоятҳои Фарғона, Намангон ва Бухоро заводҳои азнавкоркарди нефт ҳастанд. 4. Шулха ва кунҷора барои ҳайвоноти хонагӣ ғизои серӣ ба ҳисоб меравад. 5. Падару писар дар як ҷо кор мекунанд.

## Саволҳо

1. Кадом пайвандакҳо воситаи алоқаи аъзоҳои чида ба шумор меравад?
2. Пайвандакҳои **ва** (**-у, -ю**) дар бунёди аъзоҳои чида чӣ гуна вазифаро иҷро мекунанд?

**Машқи 42.** Ба зери аъзоҳои чида хат кашед. Баъд аз он воситаҳои алоқа ва саволҳояшро муайян кунед.

1. Дар кишвари мо навъҳои нарм ва сахти гандум кишт мешаванд. 2. Пӯст танаи моро аз шикастёбӣ, об, чанг ва микробҳо ҳимоя мекунад. 3. Лолаву қизғалдоқ, бунафша, савсан, қоқу, садбарг барин гулҳои рангоранг диққати касро ба худ ҷалб мекунанд.

## АЛОМАТИ ВЕРГУЛ — ВОСИТАИ АЛОҚАИ АЪЗОҲОИ ЧИДА

Аломати вергул (,) мисли пайвандакҳои **ва** (**-у, -ю**) воситаи алоқаи ҷумлаҳои чидаъзо ба шумор меравад.
Он дар байни аъзоҳои чида гузошта мешавад.

**Машқи 43.** Бо гузориши савол аъзоҳои чида ва воситаи алоқаҳояшонро муайян кунед.

1. Дар токзорҳои республикаи мо навъҳои ангур ба мисли: ҳусайнӣ, чарос, тоифӣ, кишмиш парвариш меёбанд. 2. Пеш аз ҳама бодом, баъд зардолу, шафтолу, гелос, олуболу, олуча гул мекунанд. 3. Дар кӯҳҳо, дар саргаҳи дарёҳо об хеле шаффоф ва тоза мешавад. 4. Моддаҳои гиёҳванд ба системаи асаб, дил, меъда, ҷигар ва дигар аъзоҳои муҳими одам таъсири сахти манфӣ мерасонад.

**Машқи 44.** Воситаи алоқаҳои аъзоҳои чидаро муайян кунед.

1. Ман, Маъруф ва Маҳин баъд аз дарс ба хонаи Масъуд рафтем. 2. Хуршеда, Умеда ва Зебӣ ба ниҳолҳо об медиҳанд. 3. Кӯдакон шеър хонданд, суруданд, афсона гуфтанд, рақсиданд. 4. Вай қадбаланд, қоматаш рост, ришаш сип-сиёҳ, пӯсти рӯяш сиёҳтоб, нигоҳи чашмонаш тези андак қаҳролуд буд.

### Саволҳо

1. Кадом аломати китобӣ ҳамчун воситаи алоқаи аъзоҳои чида хизмат мекунад?
2. Дар байни аъзоҳои чида кадом аломат гузошта мешавад?

**Машқи 45.** Матнро хонед ва ба зери аъзоҳои чумла хат кашед. Савол ва воситаҳои алоқаашонро муайян кунед.

Даруни боғро токҳои ангури гуногун, ноку ношпотӣ, шафтолуву олуи ҳиротӣ ва дигар дарахтони мевадор раста-раста, қатор-қатор фурӯ гирифта буданд. Ғайр аз инҳо полизҳои харбуза, палакҳои каду, палакҳои тарбуз низ ин боғро ҳам пурзинат, ҳам пурнеъмат карда буданд.

## ҲИССАҲОИ НУТҚ

**Машқи 46.** Хонед ва исмҳои таркиби матнро нишон диҳед.

### ФИЛ

Фил дар ҷангалзорҳои мамлакатҳои гарм зиндагӣ мекунад. Фил яке аз ҳайвонҳои калонҷус-

сатарин мебошад. Ҳамин тавр бошад ҳам, одамон вайро ба худ ром кардаанд.

Филҳои ромшуда ёрирасони хуби одамон мебошанд. Вай чизҳои хеле вазнинро бардошта мекашонад. Бо хартумаш болорҳои ғафсро мебардорад. Дарахтҳоро бо решаҳояш кашида мепартояд.

**Машқи 47.** Аз калимаҳои офтоб, боғ, боғбон, себ, анор, анҷир, ангур, нок истифода бурда, дар мавзӯи «Боғи мо» иншоча нависед. Он ин тавр сар шавад:

Дар beruни ҳавлиамон боғи зебое дорем. Ниҳолҳои ин боғро бобоям парвариш кардаанд. Ҳоло ҳамаи онҳо ба ҳосил даромадаанд...

**Машқи 48.** Номи яклухти навишти зеринро ёбед.

Анҷир, шафтолу, олу, гелос =
Хар, буз, харгӯш, гов =
Сарвар, Рустам, Ҳилола, Ҳосила =
Шакар, ҳалво, қанд, асал =

**Машқи 49.** Аз таркиби матн исмҳоро муайян намуда, ба дафтаратон нависед.

## ШЕР ВА ПАЛАНГҲО

Дар мамлакатҳои гарм шер ва палангҳо зиндагӣ мекунанд. Ҳам шер ва ҳам паланг ҳайвонҳои дарранда мебошанд. Онҳо бо гӯшти ҷонваронзиндагонӣ мекунанд. Шер бисёр бақувват аст. Бо як ҳамла барзаговро меғалтонад. Паланг ҳам бисёр зӯр ва бадқаҳр аст.

# ИСМ

Калимаҳое, ки номи предметро мефаҳмонанд, **исм** номида мешаванд. Исм ба саволҳои **кӣ** ва **чӣ** ҷавоб мешавад. Масалан: китоб, дафтар, муаллим, Равшан, Зафар, дарё, Шамсия, чой, анҷир, кабӯтар, лола, қанд, шакар ва ғайра исм мебошанд.

**Машқи 50.** Матнро хонед ва ба зери исмҳо хат кашед.

МӮРЧАҲО

Хурмачаи шинниро Фарангис дар токчаи хона монда буд. Онро мӯрча зер кардааст. Холаи Сайёра мӯрчаҳоро чида партофт. Хурмачаро ба ресмон басту ба шифти хона овехт.

Дар даруни хурмача фақат як мӯрча монда буд. Вай шикамашро сер карду ба хонааш рафтанӣ шуд. Дид, ки ҷои фуромад нест. Дар гирди хурмача хеле давид. Ниҳоят ба ресмон часпида баромаду ба шифти хона расид. Аз шифт ба девор гузашт ва аз девор поён фуромад.

**Машқи 51.** Ба ҷои нуқтаҳо ҳарфҳои даркориро гузошта, исмҳоро пурра кунед.

Имора..., дарах..., кӯз..., бӯ..., Толи..., Сурай,.., Раҳи..., Фотим..., Ноди... .

**Машқи 52.** Шеърро аз ёд кунед. Исмҳоро муайян намоед.

## СЕБИ СУРХ

Дар боғи зебоманзаре,
Пухтаст себи сурхи мо.
Мисли пиёла ҳар яке,
Вазнину пурбор, хушнамо.
Дар фикри ман чарх мезанад,
Ин Кураи рӯи замин.
Рӯи ҷаҳон зебо шавад,
Монанди себ фардо, яқин.

*Мардон Муҳаммадқулов*

**Машқи 53.** Ба ҷои нуқтаҳо исмҳои мувофиқ гузошта, ҷумлаҳоро ба дафтар рӯбардор кунед.

Ман дар боғамон ниҳоли ... шинонидам. Ин ... ба модарам хеле писанд омад. Бачагон ба ... ёрӣ мерасонанд. Ислом бисёр ... медонад.

**Машқи 54.** Хонед. Исмҳоро муайян намоед.

## ФИРДАВС НАҶОТ ЁФТ

Фасли тобистон буд. Мо дар рӯи ҳавлӣ бозӣ мекардем. Ногоҳ духтараке омада гуфт, ки бачае дар ҳавз ғарқ шуда истодааст. Саросема давидем. Бачаро аз ҳавз берун оварда, дасту поҳояшро қату рост кардем. Аз даҳонаш оби бисёре рафт. Ӯро ба хонааш бурдем. Модари Фирдавс ба мо изҳори миннатдорӣ кард. Шодии мо аз шодии ӯ камтар набуд.

**Супориш:** Аз нақша истифода бурда, мазмуни нақлро бо ҷумлаҳои худатон нависед.

Нақша:

1. Бачаҳо чӣ кор мекарданд?
2. Духтарак омада чӣ гуфт?
3. Бачаҳо чӣ кор карданд?
4. Модари Фирдавс ба бачаҳо чӣ гуфт?

**Машқи 55.** Ба ҷои нуқтаҳо ҳарфҳои садоноки **о, у** -ро гузошта, исмҳоро хонед.

Х...на, ғ...либ, м...аллим, м...рғ, К...мил, Ш...ира, кит...б.

**Машқи 56.** Бозии дидактикӣ. Калимаҳоро якҷоя хонед:

1. китоб + хона = ?
2. чой + хона = ?
3. дониш + ҷӯ = ?

**Машқи 57.** Хонед ва мазмунашро нақл кунед.

## СУХАНИ СЕҲРНОК

Аз зинаи даромадгоҳи мактаб писараке лағжида сахт ба замин афтод. Вай Нодири муштзӯр буд. Азбаски Нодир бачаи бадҷаҳлу ҷангара буд, мо ӯро ҳамин тавр номида будем.

Нодир зуд аз ҷояш хесту рӯи зонуҳояшро аз барф тоза кард. Баъд мисли хурӯси ҷангара бошиддат ба сӯи Ҳалим давид. Маълум шуд, ки ба ғалтидани ӯ Ҳалим гунаҳкор будааст. Дар як

дам ҳангоматалабон ҷамъ шуданд. Ҳама мехостанд, ки ҷанги Ҳалиму Нодирро тамошо кунанд. Охир, Ҳалим бачаи пурқувват, аъзои маҳфили гӯштингирони мактаб.

Нодир ба Ҳалим наздик шуд. Ҳозир бо мушташ чунон ба сари Ҳалим мефурорад, ки ...

Аҷабо, чиро мебинем? Ҳалим ба Нодир чизе гуфт, ки Нодир ба маънои «ҳеҷ гап не» бепарвоёна даст афшонду рафт.

Ҳайрон шудем, ки чаро Нодир бо ӯ занозанӣ накард. Охир, ӯ тамоман ба ҷанг тайёр буд-ку! Шояд ягон сухани сеҳрнок гуфта бошад? Он сухани сеҳрнок чӣ бошад?

Фаҳмидем. Медонед, Ҳалим ба Нодир гуфтааст, ки «узр ҷӯраҷон, қасдан не, нохост поятро зер кардам. Маро мебахшӣ!»

*Маҳбуба Неъматзода*

**Машқи 58.** Аз китоби хониш се ҷумла интихоб карда нависед ва ба зери исмҳои он ҷумлаҳо хат кашед.

**Машқи 59.** Аз рӯи расм дар мавзӯи **«Саёҳатчиён»** ҳикоячаи хурде нависед. Нақшаи ҳикояча бояд чунин бошад:

Нақша:

1. Тайёрӣ ба сафар.
2. Дар роҳ.
3. Дар доманаи кӯҳсор.
4. Тамошои манзараи кӯҳсор.
5. Тайёрӣ ба хӯрокхӯрӣ.






Ҳикояча бояд чунин сар шавад: Фасли тобистон. Таътили тобистонаи мактаббачагон давом дорад...

Исмҳо ба саволҳои **кӣ? киҳо? чӣ? чиҳо?** ҷавоб мешаванд.

Саволҳои **кӣ? киҳо?** ба исмҳое гузошта мешаванд, ки онҳо одамонро ифода мекунанд: муаллим, талаба, бача, шоир, модар, хола, писар, амак, коргар, Усмон, Умед, Дилором, Олим ва ғайра.

Ба исмҳои дигар саволҳои **чӣ? чиҳо?** гузошта мешаванд: об, дарё, нок, оҳу, буз, гов, биринҷ, саҳро, осмон, нур, сулҳ, китоб, қалам, дӯстӣ... .

**Машқи 60.** Калимаҳои додашударо ба ду сутун рӯбардор карда нависед. Дар сутуни якум исмҳои ба саволҳои кӣ? киҳо? ва дар сутуни дуюм исмҳои ба саволҳои чӣ? чиҳо? ҷавобшавандаро қайд кунед.

Қаламҳо, муаллим, Шодӣ, рӯзнома, нон, анор, Гулчеҳра, Меҳринисо, биноҳо, шоирон.

**Намуна:**

| **кӣ? киҳо?** | **чӣ? чиҳо?** |
|---|---|
| муаллим | қаламҳо |
| ... | ... |

**Машқи 61.** Матнро хонед ва исмҳои ба саволҳои кӣ? киҳо? чӣ? чиҳо? ҷавобдиҳандаро ҷудо карда нависед.

## ҲАМА ХУРСАНД БУДАНД

Ҳаво гарм шуда, офтоб ба болои сар рост шуда буд. Онҳо ба сӯи қишлоқ баргаштанд. Дар дасти Анвар халтаи пур аз пудина ва ҷағ-ҷағу шӯра, дар дасти Сурайё шолча, дар дасти Муҳаббат ва Ғаниҷон дастаҳои гул буд. Рӯйҳои ҳама мисли гули лола сурх гашта, димоғҳо муаттар, табъҳо чоқ ва дидаҳо пур аз шодию хурсандӣ буд.

*Ҷалол Икромӣ*

**Машқи 62.** Матнро хонед. Исмҳои ба саволҳои кӣ? киҳо? чӣ? чиҳо? ҷавобшавандаро ҷудо кунед.

## ГИРЕҲ

Бегоҳӣ ҳамроҳи додарам Шаҳриёр дар рӯи ҳавлӣ бозӣ мекардем. Ногоҳ ҳамсояамон Баҳром фарёд кард:

— Бачаҳо! Мултфилм сар шуд, мултфилм!

Бо Шаҳриёр сӯи хона давидем. Аз зинаҳо парида-парида ба ошёнаи чорум расидем. Ман зуд гӯшаки телевизорро тоб додам. Бо шавқ мултфилм тамошо мекардем, ки садои тап-тапи чизе баромад.

Чӣ бошад? Ҳайрон шуда ба роҳрав баромадам. Бинам Шаҳриёр баҳузур рӯи шолчаи роҳрав нишаста, поҳои туфлидорашро ба фарши хона мезанад.

— Ҳа, чӣ гап? — пурсидам ман.

— Биё ёрӣ деҳ! — фарёд кард Шаҳриёр. — Ресмони туфлиямро кушода наметавонам.

Паҳлӯяш нишаста, рӯи пойафзоли лойолуди ӯ хам шудам... .

*Маҳбуба Неъматзода*

**Намуна:**

| | |
|---|---|
| **кӣ? киҳо?** | **чӣ? чиҳо?** |
| додарам | гиреҳ |
| Шаҳриёр | ҳавлӣ |
| ... | ... |

**Машқи 63.** Шеърро равон ва бурро хонед. Исмҳои онро муайян кунед.

ИДИ РАМАЗОН

Омад иди Рамазон,
Дар бозор ҳалво арзон.
Бобоҷон, баъди намоз,
Ҳалво оред ба мо боз.

Ба ман харед, ҷон бобо,
Кулчаи «Кунҷидҳалво».
Аз барои Дурдона,
Ҳалвои «Мағзи дона».
Гиред барои момо,
Ҳалвои «Лавз» як кило.
Зеро ки мебинад нағз,
Момоям ҳалвои «Лавз».

*Маҳбуба Неъматзода*

**Машқи 64.** Саволҳои **кӣ?** ва **чӣ?**-ро навишта, ба онҳо исмҳои мувофиқро фикр кунед.

**Намуна:**

| **кӣ?** | **чӣ?** |
|---|---|
| падар | пахта |
| модар | чой |
| ... | ... |

**Машқи 65.** Бо исмҳои *муаллим, даст, банд, арча, барра* ҷумлаҳо созед. Ҳамсадоҳои такрор ва **д, т**-ро ба хотир оред.

**Машқи 66.** Як гурӯҳ исмҳоро фикр карда нависед, ки дар таркиби онҳо аломати сакта (ъ) бошад. Ба онҳо саволи мувофиқро ёфта гузоред?

**Намуна:** ваъда **(чӣ?),** Восеъ **(кӣ?)** ...

**Машқи 67.** Хонед ва нақл кунед, ки дар матн оид ба мактаби кӯҳна чиҳо гуфта шудааст.

## МАКТАБИ КӮҲНА

Ман мактаб рафтам. Мактаб як хонаи танг буд. Ду дар дошт. Яке аз онҳо дари даромад

буд, он дарро ҳам дар вақтҳои сармо пӯшонда мемонданд. Мактабдорамон ба чашми дар ба ҷои оина ба коғаз равғани зағир молида буд, то ки барфу борон ба дарун надарояд.

Коғази равғанин чангу хоки кӯчаро ба худ гирифта буд, ки монанди дастгири дег сиёҳ ва чиркин шуда буд. Бинобар ин аз ин дарича ҳам ба хона равшании дуруст намедаромад. Даруни мактабро ба 9 қисм ҷудо карда буданд, ки гӯё дар даруни он 9 охурчаи гӯшаи пешгоҳи ин хона ҷои мактабдорнишине буд. Дар он ҷо дарича ҳам буд. Охурчаи пеши дари даромад кавшкашак буд ва дар охурчаҳои дигар бачагон нишаста дарс мехонданд.

*Садриддин Айнӣ*

**Супориш:**

1. Мактаби худатонро ба мактаби дар ин ҳикояча навишта муқоиса кунед.
2. Аз матн танҳо исмҳоеро, ки ба саволи чӣ? ҷавоб мешаванд, навишта гиред.

**Машқи 68.** Ба ҷои нуқтаҳо исмҳои ба саволҳои кӣ? ва киҳо? ҷавобдиҳандаро аз қавс муайян карда гузоред.

Як гурӯҳ … ба хонаи мо омаданд … ва … бо ҳамдигар дӯст мебошанд. ..... дар ва тиреза месозад. Талабагон ба ..... саволҳо доданд. (Донишомӯзон, муаллим, усто, Шаҳноза, Замира)

**Машқи 69.** Матнро хонед ва аз рӯи нақшаи поёнӣ ҳикоячае нависед.

## ГУРГ ДАР ЛИБОСИ ГӮСФАНД

Гуруснагӣ ба ҷони гург расид. Чӣ бояд кард? Фикр карда ҳилаеро пеш гирифт. Як пӯсти гӯсфандеро ёфта пӯшиду байни рама даромад. Чӯпон бегоҳӣ рамаро ҳай карда ба ҳел (қӯра) маҳкам кард. Гург ҳам дар ҳел монд.

Шаб фаро расид. Ду-се кас ба назди чӯпон ба меҳмонӣ омаданд. Чӯпон хест ва гуфт, ки ман ҳоло як гӯсфанд мекушам ва кабоб мепазам. Чӯпон ба ҳел даромад. Ногаҳон дасташ ба ҳамон гург расид. Ӯ дар торикӣ дасту пои гургро басту сар зад.

**Нақша:**

1. Ҳилаи гург.
2. Омадани меҳмонон.
3. Ба ҳел рафтани чӯпон.
4. Фиреб хӯрдани гург.

**Супориш:** Аз таркиби ҷумлаҳои худатон тартибдода исмҳоро муайян кунед.

**Машқи 70.** Хонед. Калимаҳоро мувофиқи маънояшон ба қатори худ гузоред.

Деҳа, рӯй, сард, олам, офтоб, қишлоқ, афт, хунук, хуршед, ҷаҳон, башара,

**Намуна:** 1) хуршед, ... 2) рӯй, ...
3) Олам, ... 4) қишлоқ, ...

**Машқи 71.** Зарбулмасалҳоро хонед ва ба ёд доред. Аз таркиби онҳо исмҳоро муайян кунед.

1. Аз бекор — ҳама безор.
2. Ҳунар — аз мулку мероси падар беҳ.
3. Марди боҳунар хор намешавад, ба дӯсту душман зор намешавад.
4. Бачаи эрка — балои ҷон.
5. Салом аз хурду калом аз калон.
6. Ақлу одоб — Ҳасану Ҳусейн.
7. Оламро офтоб, одамро илм равшан мекунад.
8. Ҳурмат аз калону иззат аз хурдон.
9. Шахси боодоб дар ҳама ҷо болонишин аст.
10. Сухан бисёр дону андаке гӯй, якеро сад магӯй, садро яке гӯй.

**Машқи 72.** Ба ҷои нуқтаҳо ҳарфҳо гузошта, исмҳоро пурра карда нависед.

Оли…, кито…, духт…р, ҳав…ӣ, тӯ…ӣ, нонв…й, ошп…з, заб…н,

**Машқи 73.** Хонед. Муаллими азизатонро бо рӯзи идашон табрик кунед.

## РӮЗИ МУАЛЛИМОН

Адиб, олим, бинокор, рассом, духтур, наққош… . Чӣ пешаҳои наҷиб ва пурифтихор. Роҳи ҳар яке ба ин пешаҳо аз мактаб сар задааст. Ин роҳ аз омӯхтани ҳарфи аввалини «Алифбо» ибтидо гирифтааст. Роҳҳои пешгирифта гуногу-

нанд, вале умумияте доранд. Зеро ҳар кадомашро бо роҳбарии муаллим пайсипарӣ менамоянд. Беҳуда нагуфтаанд, ки «Ҳаққи устод аз падар беш аст».

Барои ин ҳам Рӯзи муаллимон на танҳо иди касбии омӯзгорон, балки иди ҳама ва ҳар кас мебошад, ки пеши муаллим дониш омӯхтааст.

Ҳукумати мо ба ин касби наҷиб эътибори калон медиҳад.

**Супориш:**

1. Аз матн исмҳоро навишта гиред ва саволи мувофиқ гузоред.
2. Бо калимаҳои *олим, бинокор, духтур* ҷумлаҳо тартиб диҳед.

**Машқи 74.** Хонед ва маънидод кунед.

Хари Исо одамӣ нахоҳад шуд,
Гарчи дар пойи минбаре бошад.
В-одамеро ки тарбият накунанд,
То ба садсолагӣ харе бошад.

* * *

Ҳар он тифл, к-ӯ ҷабри омӯзгор
Набинад, ҷафо бинад аз рӯзгор.

*Саъдии Шерозӣ*

**Супориш:**

1. Бо калима ва ибораҳои *одоб, субҳи фирӯз, саҳни мактаб, муаллими мо* ҷумлаҳо тартиб диҳед ва нависед.

2. Калимаи муқобили *субҳ, шом* аст. Шумо калимаи муқобили *шитоб*-ро ёфта нависед:

Субҳ — шом, шитоб — ...

## ИСМҲОИ ХОС

Исмҳое, ки барои фарқ кардан ба яке аз ашёҳои ҳамҷинс дода шудаанд, **исми хос** номида мешаванд. Исмҳои хос номи одамон, ному насаб, лақаб, тахаллус, шаҳру маҳал, ҳайвонот, номҳои ҷуғрофӣ, сайёраҳо мебошанд: Манучеҳр, Беҳрӯз, Шоҳсанам, Нигина, Самарқанд, Сирдарё, Бухоро, «Табиатшиносӣ», барномаи «Рангинкамон».

**Машқи 75.** Ному насаби худ, падар ва модаратонро нависед. Бо истифода аз онҳо ҷумла тартиб диҳед.

*Намуна:* Ман Шамсияи Илҳомзода дар синфи чоруми мактаби рақами 5-уми ноҳияи Деҳнав мехонам. Падарам Илҳом Акбаров дар чопхонаи «Чағониён» кор мекунад. Модарам Шоира Холова дӯзанда мебошад.

**Машқи 76.** Хонед ва гӯед, ки кадом калимаҳо бо ҳарфи калон навишта шудаанд.

# ДУГОНАҲОИ САНЪАТДӮСТ

Дар мактаби мо ҳар як санаи таърихиро бо тайёрии махсус пешвоз мегиранд. Дар арафаи ҷашнҳо ҷамъомади калони мактабиён барпо мегардад. Дар ин гуна маҷлисҳо қариб ҳамаи аҳолии деҳаамон — Гармчашма иштирок менамоянд.

Иштирокчиён баъд аз қисми тантанавии ҷамъомад баромади дастаи ҳаваскорони санъати мактабро интизор мешаванд.

Сурудхонӣ ва рақсҳои ҳаваскорони санъати хурдсол — хонандагони синфи чорум — Тӯтинисо Шарифова, Шарофат Абдураҳимова, Дилором Бозороваро ҳама меписанданд. Ин дугонаҳои санъатдӯст баробари ҳунарманд буданашон дар мактаб бо баҳои хубу аъло таҳсил намуда, дар корҳои ҷамъиятӣ фаъолона иштирок мекунанд.

**Супориш:**

1. Калимаҳои бо ҳарфи калон навишташударо рӯбардор кунед ва савол гузоред.
2. Бо ибораҳои *дугонаҳои санъатдӯст, корҳои ҷамъиятӣ, баҳои хубу аъло* ҷумла тартиб диҳед.

**Машқи 77.** Оид ба фасли тирамоҳ аз рӯи нақшаи зерин иншо нависед.

**Нақша:**

1. Фасли тирамоҳ.
2. Тамоми меваҳо саросар пухтаанд.
3. Чидани ҳосил дар боғҳо.
4. Манзараи табиат дар ин фасл.

**Машқи 78.** Аз таркиби исмҳои зерин калимаҳои бо ҳарфи калон навиштаро ҷудо карда нависед.

Ситора, ҷаҳон, Шоира, иззат, Дилором, мактаб, Рафиқ, қалам, дафтар, шодӣ, зебо, ранг, Шодӣ, ситора, Зӯҳро, Ҳасан, доно, зукко.

**Машқи 79.** Шеърро хонед, исмҳои хосро муайян кунед ва ба дафтаратон нависед.

## МӮЛИЁН

Пурсидам аз Гулистон,
Боғча хуб ё дабистон.
Гуфт: — Ҷои хуб Мӯлиён,
Ҳавлияки бобоҷон.

*Маҳбуба Неъматзода*

**Машқи 80.** Хонед ва гӯед, ки ибораҳои *марди солхӯрда, ҳавопаймои реактивӣ, пардаи хаёл* чӣ маъно доранд?

## ДАР СОҲИЛИ КӮЛ

Бачаҳои бисёре дар кӯл оббозӣ мекунанд. Садоҳои хандаву бозӣ ва ҷастухези шодиомези онҳо дар фазои кӯҳистон ғулғула андохтааст.

Марди солхӯрдае дуртар аз соҳил дар рӯи алафи сабз нишаста тану по ва миёни бараҳнаи худро офтоб медод. Дар паҳлӯяш як ҷуфт асо. Дар осмон чанд ҳавопаймои реактивӣ рахҳои сафед мекашанд. Акси он рахҳо ба оби соф афтида, мисли мор ба назар менамоянд.

Мард ба осмон муддате чашм медӯзад. Баъд боз ба бачагон нигоҳ мекунад. Рӯи чашмонашро пардаи хаёл мепӯшад.

*Фазлиддин Муҳаммадиев*

**Машқи 81.** Байтро хонед ва маънидод кунед. Чаро онро зуд фаҳмида тавонистед?

Кӯш, то халқро ба кор оӣ,
То ба хулқат ҷаҳон биоройӣ.

*Низомии Ганҷавӣ*

**Машқи 82.** Хонед ва нависед.

## ЗАМИНИ МИРЗОЧӮЛ

Мавҷи қарсак дар фазо печид. Ҳама навбат ба навбат саркори ҷавонро муборакбод намуданд. Хурсандии онҳо интиҳо надошт. Раҳимамак духтархондаш Латофатро табрик кард ва гуфт, ки замини Мирзочӯл чун дасти модарон саховатпеша аст. Вай ба даҳҳо ҳамдиёрони Латофат номи неку мартабаи баланд инъом кардааст.

*Мирзо Шукуров*

**Супориш:**

1. Ба зери калимаҳое, ки аввали онҳо бо ҳарфи калон навишта шудааст, хат кашед ва саволи мувофиқ гузоред.
2. Калимаҳои хурсандӣ, саркори ҷавон ва инъомро бори дигар навишта, маънидод намоед.

**Машқи 83.** Шашто калима гӯед, ки бо ҳарфи калон навишта шаванд ва бо онҳо ҷумлаҳо созед.

**Намуна:** Самарқанд, Гулнора, Дилором, Зарафшон ...

**Машқи 84.** Ба ҷои нуқтаҳо ҳарфҳои заруриро гузошта, пурра кунед.

Ӯзбекист...н, Т...ркия, Турсунз...да, Парвин..., Н...гина, Тошк...нд.

**Машқи 85.** Хонед ва мазмуни матнро нақл кунед.

## ИСФАНА

Дар Республикаи Қирғизистон як деҳа воқеъ гардидааст. Номи ин деҳа Исфана мебошад. Исфана дар бағали кӯҳҳои сарсабз, соҳили дарёчаи хушобу кӯҳӣ ҷойгир аст. Оби сарду софи дарёча заминҳои мардуми деҳаро шодоб мегардонад.

Одамони деҳа — тоҷикҳо, қирғизҳо, ӯзбекҳо буда, дӯстона зиндагонӣ мекунанд. Дар деҳа мактаби калоне сохта шудааст. Дар он мактаббачагон ба забони модариашон — тоҷикӣ, қирғизӣ ва ӯзбекӣ таҳсил мегиранд.

**Супориш:** Ба ҳамин монанд дар бораи деҳаи худатон як ҳикояча нависед. Қайд намоед, ки деҳаи шумо чӣ ном дорад? Дар доманаи кадом кӯҳ, соҳили кадом дарё ё водӣ ҷой гирифтааст?

**Машқи 86.** Саволу ҷавоби зеринро хонед ва онро дар синф иҷро кунед.

## САВОЛУ ҶАВОБ

Муаллим Фирдавсро назди тахтаи синф даъват карда, аз бачаҳо пурсид:

— Канӣ, бачаҳо, кӣ ба Фирдавс савол дорад?

— Наргис: — Чаро мо аввали ном, номи падар, насаби одамон, аввали номи шаҳру мамлакатҳо, кӯҳҳо, дарёҳо ва деҳаро бо ҳарфи калон менависем?

— Фирдавс: — Чунки ин номҳо исм мебошанд.

— Шамсия: — Ин тавр бошад, барои чӣ мо аввали ҳамаи исмҳоро бо ҳарфи калон менависем?

— Умед: — Мо фақат аввали исмҳои хосро бо ҳарфи калон менависем.

Муаллим: — Офарин бачаҳо, ҳамаатон ба саволи Наргис ҷавоб додед, вале ҷавоби Умед дурусттар мебошад.

Як гурӯҳ номҳо исмҳои хосро ташкил медиҳанд, ки мо аввали онҳоро бо ҳарфи калон менависем. Масалан: аввали ном Аҳмад, Шодӣ, Зебо, Зӯҳро; номи падар ва насаби одамон — Раҳмонов, Бозоров, Алиев, Шукуров; аввали номи мамлакатҳо — Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон...

номи ноҳияҳо: Нурато, Боғибаланд, Лоҳутӣ, Рӯдакӣ, Сиёб, ...

номи деҳаҳо: Косонсой, Хӯҷа Аҳрор, Амир Темур...

номи аввали дарёҳо: Сирдарё, Амударё, Зарафшон...

номи аввали кӯҳҳо: Ҳимолой, Олтой...

номи аввали ҳайвонҳо: Хайбар, (саг), Мошон (гурба),...

**Машқи 87.** Номи худ ва ному насаби ҳамнишинатонро нависед.

**Машқи 88.** Ба зери исмҳои хос хат кашед ва онҳоро шарҳ диҳед.

## КАҲРАМОНИИ ИСМОИЛ ҲАМЗААЛИЕВ

Писари далери халқи тоҷик, тӯпчӣ — Исмоил Ҳамзаалиев дар ҷанг ба муқобили фашистон қаҳрамонии бемисле нишон дод. Вай дар остонаи Лаҳистон ярадор шуд. Ҳамзаалиев дар назди тӯп монда буд.

Ба ҳамаи душвориҳо нигоҳ накарда, ӯ ба зидди аскарони Германияи фашистӣ тӯп пар-рондан гирифт. Як ваҷаб ҳам пас нагашт. Аскарони мо пас аз чанд вақт расида омаданд. Фашистонро зада ба тарафи Аврупои Ғарбӣ пеш кардан гирифтанд.

**Супориш:** Бо ибораҳои *писари далери халқи тоҷик, қаҳрамонии бемисле* ҷумлаҳо созед.

**Машқи 89.** Бозии грамматикӣ. Шаҳрҳоеро номбар кунед, ки бо ҳарфҳои М, Д, Т, К, Қ, А, В, Ч, Р, Н сар мешаванд.

**Машқи 90.** Матнро хонед ва мазмуни онро нақл кунед. Илова намоед, ки шумо ба киҳо ёрӣ расондед. «Умратон об барин дароз шавад» — гуфтани муйсафед чӣ маъно дорад?

## УМРАТОН ОБ БАРИН ДАРОЗ ШАВАД

Рустаму Раҳмат аз мактаб бармегаштанд. Ногоҳ чашмашон ба мӯйсафеди дардманде афтод, ки дар хараки канори роҳ базӯр нишастааст. Фаҳмиданд, ки аҳволи мӯйсафед бад аст. Ҳамоно наздаш рафтанд.

— Бобо, чӣ шуд ба шумо? — пурсид Рустам.

— Ягон ҷоятон дард мекунад? — пурсид Раҳмат.

— Об бачем, об, — базӯр овоз баровард мӯйсафед.

Рустам тозон рафта як пиёла об овард. Обро нӯшонданд. Мӯйсафед каме ба худ омад.

— Боракалло, бачаҳоям, боракалло, умратон об барин дароз шавад, — дуо кард мӯйсафед. — Акнун рафтан гиретон. Ман камтар дамамро гирифта, баъд ба хонаам меравам.

*Ҳоҷӣ Содиқ*

**Машқи 91.** Бо ҳарфҳои А, Д, М, Т, В, Ф, Х, И, Э, З, Р, К, Л, О номҳои шахс созед.

**Машқи 92.** Ба воситаи калимаҳои зерин: Шокир, Сирдарё, бо, модараш, дӯстон, деҳа, дидан, барои, бемор, рафтан, духтур, Бозорова ҷумлаҳо созед.

**Машқи 93.** Ба ҷои нуқтаҳо ҳарфҳои даркориро гузошта, исмҳои хосро пурра нависед.

...арғона, ...ашқадарё, ...рим, ...арафшон, ...мерика, ...уркия, ...анада, ...пония.

**Машқи 94.** Шеърро бодиққат хонед. Исмҳои хосро ёфта, ба дафтаратон нависед.

## ФАРЗАНДОН

Фахр созам бо ту ман, эй сайқали рӯи замин,
Фахр созам бо тую бо боғҳои дилнишин.
Фахр созам бо Зарафшон, фахр созам бо Сиёб,
Бо манору гунбазу бо қасру бо Афросиёб.
Бар асил фарзандҳоят бод сад ҳамду сано,
Зинда бодо Испитомени далеру бовафо... .

*Салим Кенҷа*

**Машқи 95.** Ба ҷои нуқтаҳо исмҳои хос гузошта, ҷумларо дар шакли пурра нависед.

Мо ба шаҳри ... рафтем. Муаллим ... ба мо роҳбалад буданд. Хонандагони синфи мо ... , ... , ... , дар хусуси ин саёҳат ҳикоячаҳои шавқовар навиштанд. Махсусан, ба мо мадрасаи ... шаҳри Бухоро хеле маъқул шуд.

**Машқи 96.** Хонед. Мазмуни ҳикояро нақл кунед. Гӯед, ки чаро ҳикояча «Имтиҳон» номида шудааст.

## ИМТИҲОН

Зарринаи хурдакак сари дастархон нишасту даст ба себи сурх бурд. Аммо табассуми падарашро дида, андаке хиҷолат кашид. Себро ба ҷояш гузошт.

— Гир, духтарам, гир! Ин барои хӯрдан аст. На барои тамошо — гуфт падараш.

Ӯ себро газида ба акааш Сӯҳроб ва аппааш Лутфия нигоҳ кард. Онҳо паст-паст гуфтугӯ карда механдиданд. Заррина ҳайрон шуд. Охир мисли пешина чойро нарезондааст. Китоби суратдорашро ҳам надарондааст. Пас чаро ҳама ба ӯ менигаранд?

Аҳли оила хӯрок мехӯрданд. Дар бораи чизе сухан меронданд. Хомӯширо падараш Салимамак аз байн бардошт.

— Зарринаҷон ту имсол сесола шудӣ. Мо ин рӯзро қайд мекунем. Акнун гӯй: гӯшат канӣ?

Заррина чашмони калон-калонашро нимпӯш карда, гӯшашро нишон дод.

— Биниат? — савол дод Сӯҳроб.

Заррина биниашро нишон дод.

Саволҳо паи ҳам меомаданд. Заррина ҷавоб медод. Модар аз ҷавобҳои Заррина ба шавқ меомад ва ӯро мебӯсид.

**Супориш:**

1. Исмҳои хосро рӯбардор намоед ва шарҳ диҳед.
2. Бо ибораҳои Зарринаи хурдакак, табассуми падар, китоби суратдор ҷумла тартиб диҳед.

**Машқи 97.** Калимаҳои зеринро мувофиқи саволҳои кӣ? ва чӣ? ба ду гурӯҳ ҷудо карда нависед. Ба зери исмҳои хоси онҳо хат кашед.

Анор, духтарча, Зариф, писар, садо, Андиҷон, Ургут, Помир, Сафар, дарахт, шоҳтут, пиёла, чой, қанд, китобча, мошин, Салим, Дилоро, Зӯҳро.

**Машқи 98.** Хонед. Гӯед, ки шумо кӣ шудан мехоҳед.

## НАДИМ ВА СУРАЙЁ

Сурайё дар синфи 4 «Б», Надим дар синфи 4 «а» мехонад. Надим табиатан бачаи шӯх буд. Ҳазлу шӯхиро дӯст медошт. Сурайё бошад, ин гуна сифатҳоро намеписандид. Ин духтари хурдҷуссаи чашмсиёҳ рост ва ҷиддӣ гап мезад. Вай дина бегоҳирӯзӣ дар худи ана ҳамин ҷо бо Надим аз хусуси касбу кор сухан карда гуфт, ки ман ҳам мисли Дилором Бозорова муаллима шудан мехоҳам.

*Мирзои Шарқӣ*

**Супориш:**

1. Нависед, зери исмҳои хос хат кашида, онҳоро шарҳ диҳед.
2. Калимаҳои *Сурайё, чашмсиёҳ, ҷиддиро* такроран нависед.

**Машқи 99.** Хонед. Исмҳои хосро шарҳ диҳед ва онҳоро навишта гиред.

## ОЛУФТАМАЙМУН

Некпо ном маймунаки хурдҷусса понздаҳ сол дар хонаи Хуррамамак хушу хуррам зиндагӣ мекард. Хуррамамак собиқ корманди сирк буд. Тамоми умр бо ҷонваракон сару кор дошт. Некпо ҳамроҳи аъзоёни оила сари як миз нишаста таомҳои гарму хушбӯй, қандинҳои бомазза мехӯрд. Аз пиёлаҳои ҷилодор чою қаҳва менӯшид.

Тобистони соли гузашта Хуррамамак бемор шуд. Писараш Фирӯз маймунро ба боғи ҳайвонот супорид. Рӯзҳои аввал Некпо даруни қафас хеле маъюс менишаст. Рӯи фарши чӯбин хобидан нахост. Фирӯз ба боғи ҳайвонот табақчаву пиёла, кати хоб, кӯрпача ва болопӯши ӯро овард. Акнун Некпо осуда аст.

*Маҳбуба Неъматзода*

**Машқи 100.** Бозии дидактикӣ. Ба ҳар як ҳарфи исми хоси «Анор» чандтоӣ исми дигар хос аст, номбар кунед.

**Намуна**: ба ҳарфи «А» — Акрам, Анвар, Акбар, Амир, Алишер...

**Машқи 101.** Хонед. Гӯед, ки донишманд гуфта чӣ гуна одамонро меноманд. Барои ба мақсад расидан чӣ кор кардан лозим?

## ДОНИШМАНД

Орзу. Чӣ қадар зебо ва форам аст ин калима! Нафиса дар синфи 4-ум мехонад. Ӯ орзуи муаллима шудан дорад. Не бачаҳо, барои ба мақсад расидан танҳо орзу кардан кифоя нест. Барои ба мақсад расидан саъю кӯшиш кардан лозим. Аз ин ҷост, ки Нафиса кӯшиш кард, хонд. Аввал мактаб, баъд институтро хатм намуд. Муаллима шуд. Акнун одамон ӯро бо иззат ва эҳтиром «муаллима Нафиса Қаххоровна» мегӯянд.

Нафиса Қаххоровна хонданро давом дод. Китоб навишт. Олиму донишманд шуд.

Ҳукумат хизматҳои шоистаи Нафиса Қаххоровнаро ба чанд ордену медал қадр намуд.

**Супориш:**

1. Исмҳои хосро нависед, савол гузоред ва шарҳ диҳед.
2. Бо таркиби саъю кӯшиш, иззату эҳтиром ҷумлаҳо тартиб диҳед.

**Машқи 102.** Аз чунин исмҳои хос ҷумлаҳо тартиб диҳед:

Помир, Китоб, Самарқанд, Бухоро, Ислом, Рӯдакӣ, Садриддин ....

**Намуна:** Рӯдакӣ асосгузори адабиёти классикии форсу тоҷик аст.

**Машқи 103.** Бозии дидактикӣ. Аввал ҳарфҳоро аз боло ба поён хонед, баъд номи чанд ноҳияи республикаамонро фикр кунед, ки бо ҳамин ҳарфҳо сар мешаванд. Аввали номи ноҳияро бо ҳарфи калон нависед:

| | | | |
|---|---|---|---|
| С-... | Ф-... | У-... | К-... |
| К-... | С-... | А-... | Х-... |
| Б-... | М-... | Я-... | |

**Н а м у н а :** С — Сӯх, Б — Бухоро

**Машқи 104.** Шеърро хонед ва исмҳои хосро муайян намоед.

## ЗАРАФШОН

Шабу рӯз бошад равон,
Дарёи шӯх Зарафшон.
Ин дарё дар фасли гул,
Ба чакааш ниҳад гул.
Кони гили муаттар,
Тайлоқи зебоманзар.
Аз обаш сабзу хуррам,
Ҳамчун чеҳраи одам.
Чун ҷавонони чолок,
Меравад Зирабулоқ.
Чун навҷавон медавад,
Ба Иштихон меравад.
Талли ғулом, Хишрав ГЭС,
Дидаӣ оё ҳаргиз?
Аз шӯхоби Зарафшон,
Аз шӯхоби Зарафшон.
Шаҳру деҳ пурнур бошад,
Дили мо масрур бошад.
Эй дарёи Зарафшон,
Ба ту садҳо шарафшон.

*Мардон Муҳаммадқулов*

# ИСМҲОИ ТАНҲО ВА ҶАМЪ

**Машқи 105.** Хонед ва гӯед, ки барои пухтани нон чиҳо лозим ва киҳо меҳнат мекунанд?

Дар синфи шумо оё бачаҳое ҳастанд, ки ба нон беҳурматӣ зоҳир мекунанд?

## НОНҲОИ БОЛАЗЗАТ

Деҳқонони мо дар саҳроҳо, кӯҳу даштҳо меҳнат карда, ғаллаи фаровон мерӯёнанд. Осиёбонҳо он ғаллаҳоро аз осиё гузаронида, орд тайёр мекунанд. Нонвойҳо аз орд хамир карда, нонҳои болаззат мепазанд. Дар республикаи мо нонҳои хушсифату хуштаъм пухта мешавад. Мо ба қадри ин гуна ҳаёти озод бояд бирасем.

Мутаассифона, баъзе бачаҳо нисбат ба нон беҳурматӣ мекунанд. Нонро ба замин мепартоянд. Ин гуна бачаҳо бетартиб мебошанд. Ин кори нодуруст аст.

**Супориш:** Исмҳои зеринро муқоиса кунед, ки онҳо аз кадом ҷиҳат фарқ доранд ва ба онҳо савол гузоред:

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| деҳқон | — | деҳқонон | бача | — | бачаҳо |
| саҳро | — | саҳроҳо | ғалла | — | ғаллаҳо |
| нон | — | нонҳо | | | |

**Машқи 106.** Шеърро хонед. Мазмунашро нақл кунед.

## СУБҲИ ЗИМИСТОН

Аҷаб субҳи зимистон сеҳркор аст,
К-аз ӯ дар чеҳраҳо нақши баҳор аст.

Кулоҳ аз барф пӯшида дарахтон,
Табиат дилфиребу нашъабор аст.
Ба зери новаи ҳар бомгӯша,
Намоён шишаҳои тобдор аст.
Барояд шарфаи об аз таги ях,
Чу оҳанге ба қалби ҷӯйбор аст.
Ба яхбанди раҳу пайроҳа бингар,
Билағжӣ гар қадам ноустувор аст.
Ба ҳар сӯ кӯдакон тозанду бозанд,
Ба сурхӣ рӯяшон мисли анор аст.
Зи сармо заррае парво надорам,
Дили мо кураи пур аз шарор аст.

*Алӣ Бобоҷон*

**Супориш:** Аз таркиби шеър исмҳои танҳо ва ҷамъро ба сутунҳои алоҳида ёфта нависед:

**Намуна:**

| **танҳо** | **ҷамъ** |
|---|---|
| зимистон | чеҳраҳо |
| ... | ... |

Исмҳо **танҳо** (якто) ва **ҷамъ** (бисёр) мешаванд. Исмҳои танҳо якто будани предметро мефаҳмонанд: бача, китоб, кӯча, машина, рӯз, дарахт, миз ва ғайра.

Исми ҷамъ бисёр будани предметро мефаҳмонад: китобҳо, хонандагон, дарахтҳо, шаҳрҳо....

Пасвандҳои **-ҳо, -он, -ён, -гон** исмҳои ҷамъ месозанд.

**Машқи 107.** Аз таркиби ин калимаҳо исмҳои ҷамъро ёфта нависед ва ба зери пасвандҳои ҷамъсоз хат кашед:

Меҳмон, меҳмонҳо, хона, хонаҳо, мева, меваҳо, парранда, паррандагон, бом, кӯҳ, санг, асп, зин, тарбуз, оҳу, коргар ....

**Супориш:** Бо исмҳои ҷамъи навиштаатон ҷумлаҳои пурмазмун тартиб диҳед.

**Машқи 108.** Ҳашт калима ёбед ва ба онҳо пасвандҳои **-ҳо, -он, -гон** -ро илова карда, исми ҷамъ созед:

**Намуна:** ҳинду — ҳиндуён ...

**Машқи 109.** Афсонаи «Рӯбоҳи бедум»-ро хонед ва мазмунашро нақл кунед.

## РӮБОҲИ БЕДУМ

Рӯбоҳе ба доми сайёд афтода, базӯр халос шуд. Вале думаш он ҷо монд. Рӯбоҳ чанд рӯз аз шарму ҳаё берун набаромад. Аммо гуруснагӣ маҷбураш кард, ки берун барояд. Рӯбоҳи дигар инро дида масхара мекард. Охир, кадом рӯбоҳ бедум шудааст! Зеби рӯбоҳ дар думаш аст.

Рӯбоҳи бедум фикр карда — фикр карда илоҷи корро ёфтанӣ шуд. Ӯ як рӯз рӯбоҳҳоро ҷамъ намуда гуфт:

— Ана, мебинед, ман дум надорам. Медонед, дум надоштан хуб будааст: аввал ин ки боратон сабук мешавад, баъд тезтар медавед.

Рӯбоҳи пире сухан пурсид ва гуфт:

— Эй рафиқи бедум, агар ту думатро дар хонаи сайёд намемондӣ, ин маслиҳатро ба мо намедодӣ.

**Супориш:** Дар асоси нақшаи зерин мазмуни афсонаро нависед ва ба зери исмҳои танҳо як хат ва ба зери исмҳои ҷамъ ду хат кашед.

### Н а қ ш а:

1. Ба доми сайёд афтодани рӯбоҳ.
2. Маслиҳати рӯбоҳи бедум ба рӯбоҳҳо.
3. Ҷавоби рӯбоҳи пир.

## САВОЛҲОИ ТЕСТӢ

**1. Кадоме аз ин калимаҳо исмҳои хосанд:**

а) Шодӣ, Нодир, Шаҳло, рафиқ;
б) баланд, омад, дид, низ;
в) Шодӣ, Рафиқ, Нодир, Шаҳло;
г) талабагон, муаллимон, рафиқ;
ғ) Аслӣ, китоб, шодӣ, Дилором.

**2. Дар кадом қатор исмҳои ҷамъ воқеъ шудаанд, ёбед:**

а) модар, бисёр, хеле;
б) фаровон, калон, майдон;
в) рафт, одамон, соя;
г) масалан, зимистон, дурахшон;
ғ) дастон, деҳаҳо, хизматчиён.

## ПАСВАНДҲОИ ИСМСОЗ

Пасвандҳои **-ҳо, -он, -гон,** исмҳои ҷамъ месозанд.

**Машқи 110.** Нависед ва ба зери исмҳо хат кашед.

## КОНСТИТУТСИЯИ ӮЗБЕКИСТОН

Ӯзбекистон республикаи соҳибистиқлол аст. Вай вилоятҳои бисёр дорад. Дар ин республика халқҳои гуногун дар асоси як қонун зиндагӣ мекунанд. Мо ин қонунро Конститутсия меномем. Мувофиқи ин қонун ҳама баробарҳуқуқ аст. Ҳар кас ба хондан, меҳнат кардан, истироҳат намудан ва ғайраҳо ҳуқуқ дорад.

**Супориш:** Ба воситаи исмҳои ҷамъи ин матн: вилоятҳо, халқҳо, боигариҳо ҷумлаҳо тартиб диҳед.

**Машқи 111.** Матнро хонед ва ба зери исмҳо хат кашед.

## ТАШАККУР, САИДҶОН!

Саидҷон бегоҳӣ аз мактаб меомад. Ногоҳ ӯ ба чизе пешпо хӯрд. Ба замин нигоҳ карду чашмонаш калон-калон кушода шуда монд. Дар роҳ ҳамёни касе афтода мондааст. Саидҷон ҳамёнро зуд гирифта аз назар гузаронд. Дар он 120 сӯм пул, паспорт, ҳуҷҷати ҳарбӣ буданд. «Валиев Мурод», охир, ин муаллими худам-ку.

Саидҷон давон-давон ба хонаи муаллим Валиев рафт. — Муаллим, магар инҳо аз они шумост? — гуфт ӯ.

Мурод Валиев, ки дар куҷо афтидани ҳамёни худро намедонист, хеле ғамгин ва хафа менишаст. Тасодуфан аз ёфт шудани ҳамёнаш хеле шод гардид.

— Ташаккур, Саидҷон! — гуфт ӯ. — Намедонистам, ки чӣ кор кунам. Раҳмат ба ту!

*Бердӣ Умаров*

**Супориш:** Аз рӯи расм иншочае нависед ва дар он пешванду пасвандҳоро истифода баред.



**Машқи 112.** Бо калимаҳои *шафтолузор, оҳангар, пахтазор, гулистон, подачӣ* яктогӣ ҷумла созед.

**Намуна**: Дар деҳаи мо шафтолузор мавҷуд аст.

**Машқи 113.** Матнро хонед ва ба зери исмҳо хат кашед.

Моҳидорӣ, обчакорӣ ё боғпарварӣ машғулияти хуб аст. Баъзеҳо паррандагонро дӯст медоранд. Пагоҳиҳо мурғони хушхон чунон хониш мекунанд, ки дилатон боғ-боғ кушода мешаванд. Дар сабзазор кабк ва бедонаи ёбоӣ низ хуб месароянд. Ҳар кас дар зиндагӣ бо ягон кори ба худаш маъқул машғул мешавад.

**Супориш:** Аз дохили матн калимаҳои пасванддори исмсозро навишта гиред.

**Машқ 114.** Ба ҷои нуқтаҳо пасвандҳои даркориро гузоред:

**Намуна**: аъло — аълочӣ,

деҳқон — ..., хунук — ...
пахта — ..., кишт — ...
кӯҳ — ..., кор — ...

**Машқи 115.** Бо калимаҳои *чашмасор, шикорчӣ, оҳангар, наългар* ва *сарҳадчиён* ҷумлаҳо созед.

## САВОЛҲОИ ТЕСТӢ

**1. Кадоме аз ин калимаҳо пасванд доранд:**

а) талаба, китоб, одам;
б) шод, рӯз, саргарм;
в) себзор, оҳангар, тасвирчӣ;
г) дарс, муаллимон, қалам;
ғ) замин, олам, офтоб.

**2. Дар кадом ҷумла исми сохта мавҷуд:**

а) Китоби шавқовар харидам;
б) Муаллимро хеле ҳурмат мекунем;
в) Дар деҳаамон дарахтзори калоне мавҷуд аст;
г) Дар кӯча ҳеҷ кас наменамуд;
ғ) Тошканд пойтахти Ватани мост.

## ПЕШВАНДИ ИСМСОЗИ *ҲАМ-*

Пешванди **ҳам-** пеш аз калима омада исм месозад.

**Машқи 116.** Ба исмҳои *роҳ, соя, аср, фикр, ватан, диёр* пешванди **ҳам-** илова карда, калимаҳои нав созед. Мазмуни онҳоро муқоиса намоед.

**Намуна:** роҳ — ҳамроҳ, ...

**Машқи 117.** Матнро нависед ва ба зери исмҳое, ки пешванди **ҳам-** доранд, хат кашед.

Мо бо муаллим ҳамсӯҳбат шудем. Дере нагузашта ҳамсинфонамон Дилором ва Анзурат омаданд. Мо ҳамроҳи муаллим ба музейи таърихии шаҳрамон рафтем.

**Машқи 118.** Панҷ калимае ёфта нависед, ки пешванди **ҳам-** дошта бошанд.

**Намуна:** ҳамкорӣ, ҳамдардӣ ...

**Машқи 119.** Таркиби калимаҳои *ҳамдам, ҳамзамон, ҳамзабон, ҳамгап, ҳамдарс*-ро ҷудо кунед.

**Намуна**: ҳамдаст — ҳам + даст.

**Машқи 120.** Бо калимаҳои *ҳамдард, ҳамфикр, ҳамкор, ҳамватан* ҷумлаҳо тартиб диҳед.

**Машқи 121.** Матнро хонед. Мазмунашро нақл кунед.

## ДУ ДИДАИ БИНОИ МАН

Модаркалон як набера дошт. Наберааш чорсола буд. Чашмони модаркалон хира шуда монда буданд. Аз ҳамин сабаб наберааш дар ҳама ҷо ба ӯ ҳамроҳ буд. Модаркалон набераашро бисёр дӯст медошт. Наберааш ҳам ба ӯ ҳамдард буд. Ӯ набераашро навозишкорона «ду дидаи бинои ман» мегуфт.

**Супориш:**

1. Маънои ибораи «ду дидаи биноӣ ман»-ро фаҳмонед.
2. Матнро рӯбардор карда, зери исмҳое, ки пешванди **ҳам-** доранд, хат кашед.

# ФЕЪЛ

Феъл ҳиссаи нутқест, ки *амал, ҳолат ва ҳаракати ашёро* ифода карда, ба саволҳои *чӣ кор кард?, чӣ кор мекунад?, чӣ мешавад?* ҷавоб мешавад.

**Машқи 122.** Нависед. Гӯед, ки манзараи ёбон чӣ гуна тасвир шудааст.

ДАР ЁБОН

Ман ба ёбон баромадам. Ёбон аз рӯи даричаи мо васеъ ва хушҳавотар буд. Боди сабуке мевазид. Ба димоғи кас як бӯи хуши нозукеро меовард. Сабза ва себаргаҳои лаби ҷӯй ва дигар алафҳои худрӯй ба назари кас ҳим-ҳим тофта, чашми одамро мебурданд. Ҳаво на сард ва на гарм. Бағоят форам буд...

*Садриддин Айнӣ*

**Супориш:** Матнро рӯбардор кунед ва зери калимаҳое, ки ба саволҳои чӣ кор мекард? чӣ кор мекарданд? чӣ буд? ҷавоб мешаванд, хат кашед.

**Машқи 123.** Ба ҷумлаҳои зерин саволҳои дуруст гузоред ва ба дафтаратон рӯбардор кунед.

| | |
|---|---|
| Чӣ кор мекунад? | Модарам дарз медӯзад.<br>Падарам ба сабзиҳо об медиҳад. |
| Чӣ кор кард? | Бародарам аз мактаб омад.<br>Дар кунҷи боғ дарахти нок мерӯид. |

| | |
|---|---|
| Чӣ кор мекард? | Барф бошиддат меборид. |
| Чӣ мешавад? | Ҳаво гарм мешавад. Аз хамир фатир мешавад? |

**Машқи 124.** Ба саволҳои зерин аз қавс калимаҳои мувофиқро ёфта, ҷавоб нависед.

1. Талаба чӣ кор мекунад?
2. Ҳаво чӣ хел буд?
3. Муаллим чӣ кор кард?
4. Падарам чӣ шуд?

(фаҳмонд, менависад, хунук, сиҳат шуд)

**Машқи 125.** Калимаҳои зеринро навишта гиред, савол гузоред ва гӯед, ки онҳо чиро мефаҳмонанд.

Борид, гарм шуд, диданд, афтода мондаанд, қарор дод, муҳофизат карда мешаванд, паҳн гардид, мечинанд, рехтанд, сохтанд, нигоҳубин карданд.

*Давидан, рафтан, кор кардан, гиристан, парвоз кардан, истодан, андеша кардан, дӯст доштан, хурсанд шудан* ба феъл мисол шуда метавонанд.

Мисолҳои дигар:

**чӣ кор кард?** рафт, омад, гуфт, дид

**чӣ кор мекунад?** медаравад, мепазад, мерезад, мекашонад

**чӣ мешавад?** гарм мешавад, хунук мешавад, сиҳат мешавад, пир мешавад

**Машқи 126.** Хонед ва гӯед, ки чаро матн «Ёрии бамаврид» номида шудааст.

## ЁРИИ БАМАВРИД

Вақте ки аз хона баромадам, чашмам ногоҳ ба оғилхонаи оташгирифтаи ҳамсояамон афтод. Мо фурсатро аз даст надода, дар як мижазанӣ ба ҷои воқеа расидем ва ба хомӯшкунӣ сар кардем. Аз даруни оғил садои гову гӯсола ва гӯсфандон беист шунида мешуд. Пас аз фурсате дигар ҳамсояҳо низ аз сӯхтор хабардор шуда, ба ёрӣ омаданд.

**Супориш:** Матнро рӯбардор намоед, зери феълҳо хат кашед ва савол гузоред.

**Машқи 127.** Бо феълҳои *хонед, омад, рақсид, рехт, нишаст* ҷумлаҳо созед.

**Намуна**: Дилором ба назди модараш омад.

**Машқи 128.** Чистонро хонед ва ба он савол гузоред.

Меравад, мераваду ба ақибаш ҳаргиз нигоҳ намекунад.

**Машқи 129.** Шеърро хонед, феълҳои онро бо ёрии саволҳо муайян кунед.

## МӮРЧА

Мӯрчаи доно
Дона меорад,
Донаро сӯи
Хона меорад.

Гурез аз роҳ,
Нарас ба дона,
Мӯрчаяк барад
Онро ба хона.

*Н. Розиқ*

**Машқи 130.** Ба ҷои нуқтаҳо феълҳои мувофиқ гузоред.

Хоҳари Ҳасан аз Бухоро ... Деҳқонон ба киштукори баҳорӣ ... Бачагон дар боғи мактаб ниҳолҳо ... Хонандагони синфи мо ба мусобиқаи спортӣ ... Мо 19-солагии Рӯзи истиқлоли Ӯзбекистонро ...

**Машқи 131.** Калимаҳоро ҷобаҷо гузошта, ҷумларо мантиқан дуруст намоед ва нависед.

Мерӯбад, ҳавлӣ, Зӯҳро, озода; Шамол, вазид, форам, баҳорӣ; Дарахт, сабз, шикаст, бача, беодоб; Беғубор, осмон, менамуд, чашм, соф.

**Намуна:** Осмон ба чашм софу беғубор менамуд.

**Машқи 132.** Хонед. Гӯед, ки чаро хонандагон хурсандию кафкӯбӣ карданд.

## ҚАРСАК

Отаҷонова аз номи хонандагон ба устод С. Айнӣ муроҷиат карда гуфт:

— Устод! Иҷозат диҳед, мактабамонро ба номи Шумо гузорем.

Дар толор хомӯшӣ ҳукмфармо буд. Устод ҳам хомӯш менишаст. Ҳама мунтазири ҷавоб буд. Ногоҳ устод Лоҳутӣ аз ҷой хеста, бо овози баланд «иҷозат доданд» — гӯён қарсак зад. Аввал адибон, баъд хонандагон аз ҷои худ хеста кафкӯбӣ карданд. Ду устоди бузург ба ҳамдигар нигариста табассум менамуданд.

**Супориш:**

1. Ба феълҳо савол гузошта, онҳоро эзоҳ диҳед.
2. Исмҳои хосро муайян кунед.

**Машқи 133.** Калимаҳоро дуруст хонед ва ҷумлаҳо нависед:

Ёрӣ медиҳанд, пурсуҷӯ карданд, писанд омад, намоиш доданд, ба хотир овард.

**Машқи 134.** Ҷумлаҳоро ба дафтаратон нависед ва ба зери феълҳо хат кашед.

1. Ман ба дугонаам мактуб навиштам. 2. Ту рақси хуб мекунӣ. 3. Мо ба хонандагони сустхон ёрӣ мерасонем. 4. Шумо меҳнати ҳалол мекунед. 5. Вай дар завод кор мекунад. 6. Онҳо аз роҳи дур омаданд.

## САВОЛҲОИ ТЕСТӢ

**1. Аз калимаҳое, ки дар поён дода шудаанд, феълро ёбед:**

а) нон, об, ҳаво;
б) омад, гуфт, дид;
в) китоб, нохун, замин.
г) хона, хом, модар;
ғ) мусаффо, беғубор.

**2. Дар кадом қатор танҳо феълҳо омадаанд:**

а) рав, равған, ҳаво;
б) ман, он, фардо;
в) шин, рафт, гуфт.
г) ду, се, чор;
ғ) шумо, онҳо.

# ЗАМОНҲОИ ФЕЪЛ

Кадоме аз ин калимаҳо феъл мебошанд? Ёбед.

Меравад, Тошканд, имсол, дид, навис, омад, Қодир, қалам, навохт, дафтар, Зариф, мошин, шинонданд, гӯй.

Феълҳо се замон доранд: **замони гузашта, замони ҳозира, замони оянда**.

**Машқи 135.** Хонед. Маънидод намоед.

## ДАР САҲРО

Тирамоҳи соли 1918 буд. Рӯзе падарам ду амакам, ман ва се нафар бачаҳои ҳамсояро ҳамроҳаш гирифта, ба саҳро бурд. Замини кишт дар Ӯрдамалик, дар соҳили дарёи Зарафшон, дар паҳлӯи роҳи оҳан воқеъ гардида буд. Мо он ҷоҳоро бори аввал медидем. Роҳи оҳан ва поездро ҳам дафъаи аввал дар ҳамон ҷо дидем.

Дам ба дам поездҳо дуру дароз ҳуштаккашон, гумбурросзанон мегузаштанд. Мо, бачаҳо, аз ҳайбати он тарсида, ба пахтазор пинҳон шудем. Яке аз поездҳо омаду дар қарибии мо истода монд. Ман ва Акобиру Самеъ ба тарафи поезд, вагонҳо ва ба одамон менигаристем.

*Сотим Улуғзода*

**Супориш:** Феълҳоро ёбед ва нависед.

**Машқи 136.** Калимаҳоро дуруст хонед ва нависед.

Ӯрдамалик, Зарафшон, дафъа, дуру дароз, ҳуштаккашон, гумбурросзанон.

**Машқи 137.** Ба воситаи феълҳои зерин ҷумлаҳо созед.

Шитофт, давом дод, рав, мехонем, меояд.

**Намуна:** Мо пахтачиниро давом додем.

**Машқи 138.** Феълҳои зеринро навишта гиред, ба онҳо савол гузоред ва замонашонро муайян кунед.

Мехобид, кӯҳна шуд, шикаст, партофтанд.

**Намуна**: чӣ кор карданд? — партофтанд.

## ФЕЪЛИ ЗАМОНИ ГУЗАШТА

Феъли замони гузашта ҳаракату ҳолати дар замони гузашта иҷрошударо мефаҳмонад ва ба саволҳои **чӣ кор кард? чӣ шуд?** ҷавоб мешавад.

Масалан: Қодир чӣ кор кард? — Қодир омад. Ҳаво чӣ шуд? — Ҳаво хунук шуд.

**Машқи 139.** Ба саволҳои предмет чӣ кор кард? чӣ кор мекунад? чӣ шуд? чӣ мешавад? сетогӣ феъл нависед.

**Намуна:** Чӣ кор кард? — омад, нишаст, рафт...

**Машқи 140.** Феълҳои зеринро дар замони гузашта нависед.

Шукуфтан, хондан, рӯфтан, хобидан, ҷаҳидан, омадан, расидан, кашидан, буридан, хӯрдан.

**Машқи 141.** Хонед ва нақл кунед, ки пирамард ба писараш чӣ насиҳат кард.

## ҲАНГОМИ САФАР

Як пири дунёдида ба писараш, ки ба сафар мебаромадааст, чунин насиҳат кардааст.

— Барои наздик шудани роҳи дур дар паҳлӯят бояд дӯстат бошад. Агар чунин рафиқи нағз наёбӣ, дар дастат бояд асо дошта бошӣ. Агар роҳ ободбошад ҳам, боке нест. Лекин наздик шавад гуфта бо роҳи нообод нарав. Ғайр аз ин кӯшиш кун, ки ҳаво торик нашуда ба манзил расида гирӣ.

**Супориш:** Матнро нависед. Зери феълҳо хат кашида, савол гузоред.

**Саволҳо:** предмет чӣ кор кард? чӣ кор карданд? чӣ шуд?

Ба саволҳои замони гузаштаи феъл сетогӣ калима нависед.

**Машқи 142.** Якчанд феъл нависед, ки ба саволҳои замони гузашта ҷавоб шаванд.

**Намуна:** дид, хонд ...

**Машқи 143.** Ба ҷои нуқтаҳо феъли замони гузашта гузоред.

Талабагон ба саҳро ... Маҷлиси тантанавии хонандагони мактаби мо .... Рустам ва Ҳасан китобҳоро ... . Саҳар ман ба дӯкони нонфурӯшӣ ... . Меҳмонони хориҷӣ аз Самарқанд ба сӯи Бухоро ....

**Машқи 144.** Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед.

## МОР, УҚОБ ВА ШИКОРЧӢ

Рӯзе байни мору уқоб ҷанги калон рӯй дод. Мор зӯр баромада уқобро печонид. Уқоб беҳол шуд. Шикорчӣ омаду уқобро аз марг наҷот дод. Мор ба хашм омада, заҳрашро ба шохи гов, ки шикорчӣ бо он об менӯшид, зад. Шикорчӣ, ки аз ин воқеа хабардор набуд, шохро аз оби чашма пур кард ва хост бинӯшад. Ҳамин вақт уқоб аз куҷое пайдо шуд ва ҷанг зада шохро гирифту ба ҳаво парвоз кард.

**Супориш:** Мазмуни матнро дар асоси нақшаи поён нависед ва ба зери феълҳое, ки ба саволи *предмет чӣ кор кард?* ҷавоб мешаванд, хат кашед.

### Нақша:

1. Ҷанги байни мору уқоб.
2. Аз марг наҷот ёфтани уқоб.
3. Ба хашм омадани мор.
4. Қасоси мор аз шикорчӣ.
5. Пайдо шудани уқоб ва наҷот додани шикорчӣ.

**Машқи 145.** Ба ҷои нуқтаҳо калимаҳои мувофиқ ёфта, ҷумлаҳо тартиб диҳед ва савол гузоред.

... борид. ... давид.
... хунук шуд. ... парид.
... вазид. ... хӯрд.

**Машқи 146.** Хонед ва феълҳояшро муайян кунед.

Ривоят мекунанд, ки боре Искандари Зулқарнайн баъди фатҳи рӯи олам баҳри забт кардани Торикистон тайёрии ҳарҷониба мебинад. Мӯйсафеде аз фарзандаш илтимос мекунад, ки вайро пинҳонӣ ба сандуқе андохта, ҳамроҳи худ бубарад. Писар баъди андешаҳои зиёд насиҳату илтимоси падари куҳансолро ба инобат гирифта, ӯро бо худ мегирад. Чанд шабу рӯз роҳ тай намуда, ба дарвозаи Торикистон мерасанд. Падар аз ҳолату вазъияти ба вуқӯъ пайваста воқиф гардида, ба писараш тавсия мекунад, ки ӯ як ҷуфт гову байтали тойдорро пайдо кунад. Ҷуфти говро ба тойи байтал маҳкам банданду худи байталро ҳамроҳашон гиранд. Писар ин супориши падарро иҷро менамояд, он гоҳ пас гашта, ба олами равшан баромаданӣ мешавад, вале роҳгум мезанад. Хатари талафи лашкариён ба сар меафтад ва мардум дар таҳлука мемонанд. Дар ин овон мӯйсафед ба писар супориш медиҳад, ки ҳамон байталро раҳо кунаду аз қафои он асп давондан гиранд. Писар ин корро анҷом дода, овоз мебарорад.

*Алиқул Девонақулов*

**Машқи 147.** Ба воситаи феълҳои замони гузаштаи зерин ҷумлаҳо созед.

Хонд, нишаст, баромада рафт, хурсанд шуд, ба даст дароварданд, ёрӣ доданд, ба шаҳр рафт, ...

**Машқи 148.** Феълҳои замони гузаштаро ёфта, ба дафтаратон нависед.

Овард, бин, меояд, истод, монд, мебарад, рафта истодааст, дид, менависед, мехонад, мебинад ....

## ФЕЪЛИ ЗАМОНИ ҲОЗИРА

Феъли замони ҳозира ба саволҳои предмет **чӣ кор мекунад? чӣ мешавад? чӣ кор карда истодааст?** ҷавоб мешавад.

Амалу ҳолат дар замони ҳозира иҷро мешавад:

Зӯҳро чӣ кор мекунад? — Зӯҳро бозӣ мекунад. Ҳасан чӣ кор карда истодааст? — Ҳасан дарс тайёр карда истодааст.

Борон бошиддат борида истодааст. Мо пахтаро чида истодаем.

**Машқи 149.** Ба воситаи феълҳои зерин ҷумлаҳо созед.

Хонда истодааст, менависед, бовар карда истодаам, хандида истодааст.

**Машқи 150.** Ба ҷои нуқтаҳо феъли замони ҳозираро гузошта, мазмуни ҷумларо пурра намоед.

Ҳасан китоби забони модариро .... Мо дар боғи мактаб кор .... Деҳқонон аз замин ҳосили фаровон .... Муаллим маърӯзаро .... Зӯҳро ба кор ....

**Машқи 151.** Феълҳои зеринро дар замони ҳозира нависед ва бо он ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Нишастан, навиштан, хабар кардан, супориш додан, овардан.

**Машқи 152.** Оид ба феъли замони ҳозира чор калима ёбед ва ба воситаи онҳо чор ҷумла нависед.

**Машқи 153.** Аз рӯи расм ҳикоячае нависед, ки он аз 8–10 ҷумлаи содда иборат бошад. Замонҳои феълро муайян кунед.



## ФЕЪЛИ ЗАМОНИ ҲОЗИРА-ОЯНДА

Феъли замони ҳозира-оянда ба саволҳои предмет **чӣ кор мекунад? чӣ мешавад?** ҷавоб мешавад.

Замониояндаи феъл ба саволи предмет *чӣ мекунад?* ҷавоб мешавад. Амалу ҳолат дар замони оянда иҷро мегардад.

Падарам кай меояд? — Падарам пагоҳ меояд. Осиё кай ба кор медарояд? — Осиё имрӯз ба кор медарояд.

**Супориш:** Феълҳои зеринро навишта гиред ва савол гузоред.

Шиҳа мекашад, менавозад, садо медиҳанд, парида мераванд, ҳаракат мекунанд, фишшос мезананд, мебароранд, фаро мегиранд.

Ин феълҳо кадом замонро ифода мекунанд?

**Машқи 154.** Хонед ва мазмунашро нақл кунед.

## МУШ ВА ШУТУР

Муш ва шутур дӯстони ҷонӣ буданд. Шутур бовиқор якто-якто қадам мемонд ва оҳиста гап мезад.

Муш ҳам мехост, ки мисли шутур бошад. Мисли шутур оҳиста қадам монданӣ мешуд, вале аз рӯи одат якбора питир-питиркунон тохта мерафт. Мехост бо овози пасту ғафс гап занад, вале якбора чиррос мезад. Чунин беэҳтиётӣ ва беандешагиҳояш ба сари муш азобу кулфатҳои бисёре овард. Рафта-рафта сустпаймонӣ ва фиребгарӣ барин хислатҳои бади муш ошкор шуд ва шутур ҳам оқибат аз муш рӯ гардонд.

**Супориш:** Матнро рӯбардор кунед ва ба зери феълҳое, ки ба саволҳои **чӣ кор мекунад? чӣ мешавад?** ҷавоб мешаванд, хат кашед.

**Машқи 155.** Хонед ва мазмунашро нақл кунед, ки мақсади Саъдии Шерозӣ дар чист?

## ҲИКОЯТ

Ҳотами Тойро гуфтанд:

— Аз худ бузургҳимматар дар ҷаҳон дидӣ ё шунидӣ?

Гуфт:

— Бале, рӯзе чиҳил шутур қурбонӣ карда будам умарои арабро. Пас ба гӯшаи саҳрое рафта будам. Хорканеро даррасидам, пушта фароҳам оварда. Гуфтамаш:

— Ба меҳмони Ҳотам чаро наравӣ, ки халқе бар симоти ӯ ҷамъ омаданд?

Гуфт:

Ҳар ки нон аз амали хеш хӯрад,
Миннат аз Ҳотами Тоӣ набарад.

Ман ӯро дар ҳиммату ҷавонмардӣ аз худ бартар дидам.

**Супориш:**

1. Калимаҳои *бузургҳиммат*, *умаро, симот, ҳиммат, ҷавонмардӣ*-ро маънидод намоед.
2. Ба зери феълҳо хат кашед ва замони онҳоро муайян кунед.

**Машқи 156.** Феълҳоро ба сутун ҷудо карда нависед.

Хӯрд, лесид, мехонад, ҳаловат мебарад, суруд хонд, рақс мекунад.

I. Замони гузашта

**хӯрд...**

II. Замони ҳозира-оянда

**мебарад...**

**Машқи 157.** Ба ҷои нуқтаҳо феълҳои замони ҳозира-ояндаро гузошта, мазмуни ҷумлаҳоро пурра намоед.

1. Зӯҳро ... . 2. Донишомӯзон дар боғи мактаб ниҳолҳои мевадор ... . 3. Фардо модарам ба қишлоқ ... . 4. Пагоҳ маҷлиси умумии муаллимон ... . 5. Дилором китоби афсонаи халқиро ....

# СИФАТ

Калимаҳое, ки аломати предметҳоро мефаҳмонанд, сифат ном дорад.

Сифат ба саволҳои чӣ хел? чӣ гуна? ҷавоб мешавад.

**Машқи 158.** Хонед ва мазмуни шеърро гӯед.

### ТИРАМОҲИ ПУРФАЙЗ

Шӯҳрати бисёр дорад тирамоҳ,
Номи лангардор дорад тирамоҳ.
Даст боло, рӯи хандон, чашми сер,
Домани пурбор дорад тирамоҳ.

*Мирзо Турсунзода*

**Супориш:** Аз таркиби шеър сифатҳоро ёбед ва савол гузоред.

**Намуна:** тирамоҳи (чӣ хел?) — пурфайз, рӯи (чӣ гуна?) хандон.

**Машқи 159.** Хонед ва сифатҳоро ёфта, савол гузоред.

### БОҒҲОИ ДИЛКУШО

Ҳавои форам. Саҳрои васеъ, боғҳои дилкушо ва қирҳои зебо ороста гардидаанд. Рӯи онҳо бо алафҳои кабуд, гулҳои сурх, киштҳои гуногун ва бо пахта пӯшида шудааст. Шапалакҳои сурх, сиёҳ, зард ва сафед парида мегарданд. Пар-

рандаҳо ба деворҳои пасту баланди бомҳо ва ба рӯи гулҳои рангоранг менишастанд, бо овозҳои шӯх месароиданд.

*Садриддин Айнӣ*

**Супориш:** 1. Ба ибораҳои *ҳавои форам, саҳрои васеъ, боғҳои дилкушо, қирҳои зебо, алафҳои кабуд, гулҳои сурх, сиёҳ, сафед, деворҳои пасту баланд* саволҳои мувофиқ гузоред.

**Намуна:** Ҳавои (чӣ хел?) форам.

2. Бо ибораҳои саҳрои васеъ, алафҳои кабуд, гулҳои рангоранг, овозҳои шӯх ҷумлаҳо тартиб диҳед.

**Машқи 160.** Порчаи шеъриро хонед, сифатҳоро муайян намуда, ба дафтаратон нависед.

Чӣ солҳои фаровону умрҳои дароз,
Ки халқ бар сари мо бар замин бихоҳад рафт.
Чунон ки даст ба даст омадааст мулк ба мо,
Ба даштҳои дигар ҳамчунин бихоҳад рафт.

**Машқи 161.** Ба ҷои нуқтаҳо сифатҳои мувофиқро гузоред.

**Намуна:** Хонаи ... — хонаи васеъ,

талабаи ..., қалами ..., шаҳри ..., китоби ..., нони ..., гули ..., пахтаи ..., дарёи ..., одами ..., боғи ..., кӯҳи ..., бачаи ..., хонаи ..., мошини ..., кӯчаи ... .

**Машқи 162.** Хонед ва сифатро муайян кунед.

Водии Фарғона бо киштзорҳои паҳновари зархез, пахтаи маҳиннаху меваҳои ширин машҳур аст. Боғу токзоронаш канор надоранд. Деҳаҳо ободу, мардумонаш шод. Ҳама осуда зиндагонӣ мекунанд. Дар ин водӣ ҳазорҳо гектар заминҳои нав кушода шудаанд.

**Машқи 163.** Шеърро хонед ва гӯед, ки кадом сифатҳои себ тасвир шудаанд.

СЕБАК

Себаки сурхи сероб,
Ширин асту хӯрданбоб.
Себак хеле хушрӯй аст,
Хушмаззаву хушбӯй аст.
Рангу бӯяш гулмонанд,
Шириниаш мисли қанд.

*Алӣ Бобоҷон*

**Супориш:** Шеърро аз ёд кунед, сифатҳояшро ёбед.

**Машқи 164.** Матне навишта, сарлавҳаи онро «Ватани азизи мо» гузоред. Матнро ин тавр сар кунед:

Диёри мо басо зебо ва дилписанд аст, дарахтзори сарсабзу пурмеваи он, обҳои равон, дарёҳои пуртуғён, чашмаҳои хунуки онро дӯст медорам...

**Супориш:** Аз матни навиштаатон сифатҳоро ёбед ва савол гузоред.

**Машқи 165.** Ба ҷои нуқтаҳо сифатҳои мувофиқ ёфта, ҷумлаҳоро пурра намоед.

1. Ман ба Ватани ... аз таҳти дил хизмат мекунам. 2. Талабагони синфи мо дар озмуни ... иштирок намуданд. 3. Аз боғи ... меваҳои ... чидем. 4. Дар саҳрои ... пахтаҳои ... шукуфтаанд.

**Машқи 166.** Ба саволҳои зерин ҷавоб гардонед ва баъд навишта гиред.

1. Шаб торик мешавад, рӯз-чӣ?
2. Дарахт баланд мерӯяд, бутта-чӣ?
3. Осмон соф ва кабуд аст, ҳаво-чӣ?
4. Чой талх аст, қанд-чӣ?
5. Гург ҳайвони дарранда аст, гӯсфанд-чӣ?

**Машқи 167.** Шеърро хонед ва сифатҳоро муайян намуда, ба онҳо савол гузоред.

### НОНИ ТАНӮРӢ

Нони танӯрӣ,
Нони танӯрӣ.
Чун офтобак,
Сурху банурӣ.

Бе ширу қаймоқ,
Бе мағзу ҷазза.
Бе маска ҳам ту,
Хеле бомазза.

Хуштаъму хушбӯ,
Эй нони гандум!
Ҳам қуввати дил,
Ҳам ҷони мардум.

Дар манзили мо,
Нуру нишотӣ,
Файзи замонӣ,
Асли ҳаётӣ!

*Алӣ Бобоҷон*

Сифат бо исм алоқаманд мешавад. Алоқаи сифатро бо исм бандаки изофӣ таъмин мекунад:

**исм** **сифат**

табиат + и + зебо,
бача + и + боақл,

**исм** **сифат**

манзараҳо + и + дилкушо,
талаба + и + аълохон.

**Машқи 168.** Хонед. Гӯед, ки дар бораи оҳуча чиҳо гуфта шудааст.

## ОҲУЧА

Ман ҳар рӯз говро ба ҷои сералаф бурда, ба яккамех мебастаму болои бистари махмалини майсаҳо, себаргаҳо дароз кашида машғули тамошои манзараҳои дилрабои табиат мешудам. Гов фаш-фашкунон алаф мехӯрд. Оҳуча низ аз очааш ақиб мондан намехост. Вай бо дандонҳои тезу нозукаш себаргаҳоро чида, қирт-қирт мехӯрд. Баъд шикамаш сер мешуду чорхез зада, ба чор тараф давида, бозӣ мекарду ман аз ин завқ мебурдам.

**Супориш:**

1. Иборaҳои *ҷои сералаф, бистари махмалин, манзараҳои дилрабо, дандонҳои тез*-ро нависед. Сифатҳояшро ёбед ва ба онҳо ҷумла тартиб диҳед.
2. Калимаҳои *бистар, дилрабо*-ро эзоҳ диҳед.

**Машқи 169.** Порчаи шеъриро хонед. Мазмунашро эзоҳ диҳед.

Вуҷуди мардуми доно мисоли зарри тиллост,
Ки ӯ ҳар куҷо ки равад қадру қиматаш донанд.
Бузургзодаи нодон ба шаҳр вомонад,
Ки дар диёри ғарибаш ба ҳеҷ настонанд.

*Аз «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ*

**Супориш:**

1. Иборaҳои мардуми *доно, зарри тилло, бузургзодаи нодон, диёри ғарибон*-ро нависед, сифати онҳоро ёфта, савол гузоред.
2. Калимаҳои *диёр, зар, бузургзода*-ро эзоҳ диҳед.

**Машқи 170.** Дар сутуни якум исмҳо, дар сутуни дуюм сифатҳо дода шудаанд. Исму сифатҳои мувофиқро ёфта, алоқаманд намоед.

| | |
|---|---|
| барг | шавқовар |
| об | сиёҳ |
| рафиқ | нағз |
| китоб | сабз |
| асп | тоза |

**Машқи 171.** Аз калимаҳои *баланд, теппа, ҷой, хатарнок, коргар, ҷавон, гул, сурх, чароғ, равшан, иқлим,*

мӯътадил аввал ибораҳои мувофиқ созед, баъд он ибораҳоро дар ҷумлаҳо кор фармоед.

| **Намуна: Ибора** | **Ҷумла** |
|---|---|
| коргари ҷавон | Коргари ҷавон барои иҷрои нақшаи рӯзона кӯшиш мекунад. |

**Машқи 172.** Хонед. Гӯед, ки ғайр аз китобҳои дарсиатон боз кадом китобҳо доред.

## ДӮСТИ БЕҲТАРИН

Китоб ганҷи бебаҳо, хазинаи шеъру суханҳои оқилона, макони илму дониш, рафиқу бародари мост.

Ба китобхонӣ ман аз хурдӣ шавқу ҳаваси калон пайдо карда будам. Ҳоло вақтҳои холиамро бо хондани роман, повест ва ҳикояҳо мегузаронам. Дар синфи мо китобдӯстон бисёранд. Мо дар синф ҳар ҳафта дар бораи асарҳои хондаамон сӯҳбат мегузаронем.

Шавқи китобхонӣ маро маҷбур кард, ки китобхонаи шахсии худамро ташкил намоям. Дар давоми чор сол шумораи китобҳоям қариб ба 400 адад расид. Аз китобхонаи шахсии ман мисли китобхонаи мактаб рафиқонам истифода мебаранд.

**Супориш:**

1. Аз таркиби матн сифатҳоро ёфта, савол гузоред.
2. Пасванди **-тар** бо сифатҳо меояд: *зебо — зеботар, калон — калонтар, равшан — равшантар, баланд — баландтар* ва ғайра...

**Машқи 173.** Бо ибораҳои *бачаи калонтар, хонаи равшантар, ҳаёти хуррамтар* ҷумлаҳо тартиб диҳед.

**Машқи 174.** Ба ҷои нуқтаҳо сифатҳоеро, ки пасванди **-тар** доранд, гузошта, ҷумлаҳоро пурра намоед.

**Намуна:**

Аз даруни киштӣ моҳиҳои зеботарини баҳр намудор мешуданд.

1. Аз дур мошинаи ... ба назар намуд. 2. Қишлоқи болотар аз мо манзараи ... дошт. 3. Дашту биёбони ... ватан ба назарам мисли ҷаннат намудор мешуданд. 4. Мо диёри ... аз бӯстон дорем.

**Машқи 175.** Матнро хонед ва сифатҳоро ёбед.

## ПАЛАНГИ КӮҲӢ

Паланги кӯҳӣ ҳокими қуллаҳои баландтарини барфпӯш аст. Ин ҳайвон ба хунукӣ ниҳоят пурбардошт мебошад. Вай бисёр чусту чолок ва далер аст. Паланг аз домгоҳи қуллаҳову бағали пиряхҳо, ки барои ҳайвонот дастнорас аст, моҳирона гузашта метавонад.

Дар кӯҳҳои мушкилгузар, ки ҳатто тобистон ҳам он ҷойҳо барфпӯшанд, паланги кӯҳӣ ба умеди сайди бузи кӯҳӣ поён намефароянд.

**Супориш:** Аз матн ибораҳои *паланги кӯҳӣ, қуллаҳои баландтарин, кӯҳҳои мушкилгузар, бузи кӯҳӣ*-ро навишта гиред ва мустақилона ҷумлаҳои мазмунан пурра тартиб диҳед.

# СИФАТҲОИ АСЛӢ ВА НИСБӢ

**Сифати аслӣ** аломат ва хусусияти предметро мефаҳмонад. Масалан: қалами сурх, гулҳои рангоранг....

**Сифати нисбӣ** нисбат доштани он бо предметҳои дигарро нишон медиҳад.

Масалан: хонаи хиштин, дари оҳанин, либоси пашмин, ҷуроби пахтагин.

| Сифатҳои аслӣ чунинанд: | Сифатҳои нисбӣ чунинанд: |
|---|---|
| гули **сурх** | пули **сангин** |
| матои **сафед** | дари **оҳанин** |
| себи **ширин** | ҷомаи **пахтагин** |
| олуи **зард** | меҳнати **фикрӣ** |
| оби **талх** | хониши **шабона** |
| гулҳои **рангоранг** | борони **имрӯза** |
| либоси **зебо** | бози **шикорӣ** |
| дашти **сабзу хуррам** | меҳри **модарӣ** |

**Машқи 176.** Аз таркиби ин иборaҳо сифатҳои аслӣ ва нисбиро муайян кунед.

Ҷомаи корӣ, арӯси нозанин, хонаи хиштин, борони имрӯза, дарахти хушк, бинои пуршукӯҳ.

**Машқи 177.** Ба исмҳои зерин сифатҳои аслии мувофиқ ёфта, ибора тартиб диҳед.

Санги ..., ҳавои ..., чӯби ..., боди ..., боғи ..., дашти... ва ғайраҳо.

**Намуна:** либоси кӯҳна (ё либоси нав).

**Машқи 178.** Ба исмҳои зерин сифатҳои нисбии мувофиқ ёфта, ибора тартиб диҳед.

Забони ..., ҳайвони ..., тоқии ..., дари ..., меҳнати ..., бози ... ва ғайраҳо.

**Намуна**: бози шикорӣ.

**Машқи 179.** Ба воситаи ибораҳои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Себи ширин, кӯҳи паст, оҳуи даштӣ, ҳайвони хонагӣ, забони форсӣ, бинои пуршукӯҳ.

**Машқи 180.** Хонед. Сифатҳои аслӣ ва нисбиро муайян кунед.

## ҚИШЛОҚИ НАВ

Қишлоқ ба тозагӣ бино ёфта бошад ҳам, хеле калон буд. Муҳоҷирони ғармӣ, дарвозӣ, хуҷандӣ, уротеппагӣ, фарғонагӣ ва дигарон дар як ҷой камин гирифта буданд. Барои ҳар хонавода хонаву ҷои ҷудогона бошад ҳам молхона, анбори захираи ҳосилот, анбори озуқаи ҳаррӯза ва сарои асбоби киштукор муштарак буданд.

Дар миёнҷои қишлоқ мактаб, клуб, қироатхона, чойхонаи сурх, духтурхона, ҳаммом ва дӯкон

барин иморатҳои ҷамоатӣ бино ёфта буданд. Дар як тарафи иморатҳои ҷамоатӣ боғчаи умумии сабзу хуррам бо ниҳолҳои дусабзаи навхези худ чашми бинандаро нур медод.

Дохунда ва Гулнор пас аз ягон-ягон аз назар гузаронидани иморатҳои қишлоқ ба чойхонаи сурх омада, чой фармуданд.

*Садриддин Айнӣ*

**Машқи 181.** Матнро хонед.

## ДАР САҲРОИ ВАТАН

Баҳори хуррам омад. Ҳаво гарм шудан гирифт. Барфи охирини заминҳо об шуданд. Офтоб нури ҳаловат мебахшид. Деҳқонони мо баҳорро ҳамчун меҳмони азиз пешвоз мегиранд. Онҳо таъмири трактор ва дигар мошинҳои хоҷагии қишлоқро кайҳо ба охир расониданд. Ҳамаи техника ба саҳро бароварда мешавад. Тракторчиён заминҳои мулоимро шудгор мекунанд. Киштукор сар мешавад.

Донаҳои ғаллаю чигитҳои пахта ба заминҳои нарм афтида, баъд аз чанд рӯз неш мезананд.

Меҳнаткашони мо кӯшиш мекунанд, ки бештар ғалла, пахта ва сабзавоти фаровон гиранд.

**Супориш:**

1. Сифатҳои аслӣ ва нисбиро муайян намоед.
2. Бо иборaҳои *баҳори хуррам, барфи охирин, меҳмони азиз, заминҳои мулоим* ҷумлаҳо тартиб диҳед.

## САВОЛҲОИ ТЕСТӢ

**1. Сифат чист?**

а) сифат номи предметро мефаҳмонад;
б) сифат ҳаракату ҳолатро мефаҳмонад;
в) сифат замонро ифода мекунад;
г) сифат аломат ва хусусияти предметро мефаҳмонад;
ғ) сифат шумораи предметро мефаҳмонад.

**2. Кадоме аз ин гурӯҳи калимаҳо сифатанд?**

а) рафт, омад, гуфт;
б) осмон, китоб, бача;
в) кабуд, соф, хиштин;
г) ба, бо, аз;
ғ) ман, шаш, баъд.

**3. Сифат ба чунин саволҳо ҷавоб мешавад:**

а) кӣ? киҳо? чӣ? чиҳо?
б) чӣ кор мекунад? чӣ мешавад?
в) кай? куҷо? кӣ?
г) чӣ хел? чӣ гуна? кадом?
ғ) чӣ? чанд? кадом?

**4. Сифат чунин хелҳо дорад:**

а) сифати феълӣ ва номӣ;
б) сифати аслӣ ва нисбӣ;
в) сифати содда ва феълӣ;
г) сифати яктаркиба;
ғ) сифатҳои хос ва ҷинс.

**5. Кадоме аз ин гурӯҳи калимаҳо сифатҳои аслианд:**

а) сурх, сиёҳ, ширин;
б) омад, хон, бин;
в) қалам, муаллим, даҳ;

г) ман, вай, шумо;
ғ) оҳиста, тез, имрӯз.

**6. Кадоме аз инҳо сифатҳои нисбианд:**

а) баланд, зебо, талх;
б) хоҳар, додар, мошина;
в) Олим, ман, бист;
г) чой, пахта, коғаз;
ғ) форсӣ, корӣ, пахтагин.

**Супориш:** Аз рӯи расм ҳикоячае нависед, ки дар он сифатҳои аслӣ ва нисбӣ истифода шуда бошанд.



## ПАСВАНДҲОИ СИФАТСОЗ

Пасвандҳои **-и, -ин, -гӣ** пасвандҳои сифатсоз мебошанд. Ин пасвандҳо ба исм ҳамроҳ шуда, сифат месозанд. Масалан: баҳор — баҳор**ӣ**, санг — санг**ин**, хона — хона**гӣ**.

**Машқи 182.** Ба исмҳои *чӯб, кӯҳ, бача, гарм, халқ, барф, баҳор* ва пасвандҳои -и, -ин, -гӣ-ро илова карда, сифатҳо созед.

**Машқи 183.** Аз гурӯҳи калимаҳо исму сифатро муайян намуда, ибораҳо созед.

| | |
|---|---|
| хона | халқӣ |
| меҳнат | барфӣ |
| вазифа | баҳорӣ |
| дарвоза | дастӣ |
| асбобҳо | хонагӣ |
| бобо | чӯбин |
| кишт | бачагӣ |
| буз | хиштин |
| либос | чармин |

**Намуна**: хонаи хиштин (чӣ хел?) хиштин.

**Машқи 184.** Ба ҷои нуқтаҳо пасвандҳои мувофиқро ёфта, нависед.

чин ..., пахта ..., зардӯз ..., киса ..., тирамоҳ ..., халқ ... .

**Машқи 185.** Калимаҳои зеринро муқоиса карда, савол гузоред.

| | |
|---|---|
| сим — симин | оҳан — оҳанин |
| чӯб — чӯбин | равған — равғанин |
| баҳор — баҳорӣ | ранг — рангин |
| тилло — тиллоӣ | пӯлод — пӯлодин |
| кайҳон — кайҳонӣ | таҷриба — таҷрибавӣ |

**Машқи 186.** Бо ибораҳои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед:

нони хонагӣ, гӯшвори нуқрагин, дастаи чӯбин, оши равғанин, шими пахтагин, қалами чӯбин ....

**Намуна:** Модар барои духтараш гӯшвори нуқрагин харид.

**Машқи 187.** Дар мавзӯи «Вазифаи хонагии ман» иншои хурде нависед. Иншоро ин тавр оғоз кунед:

Муаллим ҳар рӯз вазифаи хонагӣ месупоранд. Ман ин вазифаҳоро навишта мегирам ....

**Машқи 188.** Чистонро нависед. Зери сифатҳо хат кашед ва гӯед, ки онҳо чӣ тавр сохта шудаанд.

## ЧИСТОН

Дар дасти Сангин,
Як халтаи чармин.
Дар халтаи чармин,
Як ҳавзаки сангин.
Ин ҳавзаки сангин,
Пури обаки рангин.

**Машқи 189.** Шеърро хонед ва сифатҳоро ёбед.

## САМБӮСАИ АЛАФИН

Биё, биё, дугона,
Биё баро аз хона.
Равем, алаф бичинем,
Гардем бо ин баҳона.
Ҳаво софу беғубор,
Сабза дамида бисёр.
Рӯи даст испаноқ,
Аз борони баҳор.
Кокуи нав дамида,
Чағ-чағи нав расида.

Майсаҳоро навозад,
Насимаке вазида.
Чинем аз лаби ҷӯй,
Пудинаҳои худрӯй.
Аз алафи тар пазем,
Самбӯсаҳои хушрӯй.
Самбӯса — нони Наврӯз,
Зебад ба хони Наврӯз.

*Маҳбуба Неъматзода*

**Супориш:** Маънои калимаҳои *испаноқ, қоқу, чағ-чағ, хон*-ро фаҳмонед.

**Машқи 190.** Мақолро хонед ва мазмунашро гӯед.

Олими беамал — занбӯри беасал.

**Машқи 191.** Чистонро нависед ва калимаҳои *бесоя* ва *бедаст* -ро таҳлил намоед.

Чист он бесояву бедаст,
Аз кӯҳ баланд, аз алаф паст.

## ПЕШВАНДҲОИ СИФАТСОЗИ НО-, БО-, БА-, БЕ-

**Машқи 192.** Ба исмҳои зерин пешвандҳои **но-, бо-, ба-, бе-** илова намуда, калимаҳои нав созед.

Шинос, ақл, канор, кас, ғайрат, адаб, хор, хатар ....

**Супориш:** Калимаҳои сохтаатонро дар ибора кор фармоед ва савол гузоред.

**Намуна:** Хатар — бехатар, роҳи бехатар.

Пешвандҳои **но-, бо-, ба-, бе-** сифатсоз мебошанд. Онҳо ба аввали исм ҳамроҳ шуда сифат месозанд ва бо исм якҷоя навишта мешаванд. Масалан: *номаълум, норозӣ, боақл, батартиб, бесифат.*

**Машқи 193.** Аз калимаҳои зерин иборахо созед.

Бофаросат, осмон, одам, бедард, нобоб, ношинос, чой, кас, меҳмон, баҳор, абр, ногуфт, бехазон, бардурӯғ ... .

**Намуна:** Одами бедард.

**Машқи 194.** Ба воситаи ибораҳои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Талабаи босавод, бачаи бамаънӣ, умри бардавом, марди ботадбир.

**Машқи 195.** Ба ҷои нуқтаҳо сифатҳои мувофиқ ёфта, гузоред.

Бачаи ..., ҷавони ..., саҳрои ..., биёбони ..., каси ..., ҳодисаи ....

**Намуна:** биёбони бедолу дарахт (бепоён).

**Машқи 196.** Чистони зеринро навишта гиред ва таркиби калимаҳои *бедаст* ва *бепо*-ро ҷудо кунед.

Бедасту бепо дарвоза мекушояд.

# ШУМОРА

Ду, панҷ, шаш, даҳ, дувоздаҳ, бист, як саду бисту чор, панҷум ... шумора мебошанд.

Он ҳиссаи нутқе, ки миқдор ва тартиби предметро мефаҳмонад, **шумора** номида мешавад. Шумора ба саволҳои чӣ қадар, чанд ҷавоб мешавад.

Масалан: *панҷ китоб, сӣ нафар талаба, синфи чорум* ... .

**Машқи 197.** Кадом шумораҳоро медонед, аз онҳо даҳтояшро нависед.

**Намуна:** як, ду, сӣ, чил, панҷоҳ, сад, сесад.

## САВОЛҲОИ ТЕСТӢ

**1. Кадоме аз ин калимаҳо бо пасвандҳои сифатсоз сохта шудаанд:**

а) хониш, равшан, гуфтор;
б) чинӣ, форсӣ, чӯбин;
в) одамон, шолӣ, заргар;
г) рафтагӣ, хондагӣ, нишастагӣ;
ғ) моён, теппаҳо, сангча.

**2. Кадоме аз ин калимаҳо бо пешвандҳои сифатсоз сохта шудаанд:**

а) дарафтидан, даррасидан;
б) баланд, паст, сабук;
в) ношинос, бемаза;
г) аз хона, бо модар;
ғ) ҳамсоя, бо ёр, бе душворӣ.

**Машқи 198.** Ба ҷои нуқтаҳо шумораҳои мувофиқро гузошта, ибора созед.

синфи ..., китоб ..., харбуза..., қатори ...

**Машқи 199.** Ба воситаи шумораҳои зерин ҷумлаҳо созед:

дувоздаҳ нафар, панҷто, даҳум, чоряки сеюм, бисту се сар ....

**Машқи 200.** Матнро хонед, шумораҳоро муайян кунед.

Аз се ду ҳиссаи бадани мо аз об иборат аст. Об ба таркиби хуне, ки моддаҳои ғизоиро ба тамоми организм мебарад, **дохил мешавад**. Об аз сатҳи пӯст бухор шуда, ҳарорати бадани моро идора мекунад. Об ба организм барои дур кардани ҳар гуна моддаҳои зараровар **даркор аст.** Об барои ҳайвонот ҳам ба ҳамин аҳамият молик аст. Барои баъзе ҳайвонҳо, аз он ҷумла барои моҳиҳо об ягона муҳити зиндагӣ ҳам мебошад.

Бе об рустаниҳо **намесабзанд**. Об тахминан 4/5 ҳиссаи растаниро ташкил медиҳад. Об аз хок ба рустаниҳо моддаҳои ғизоӣ мебарад. Бо ёрии об тухмӣ варам карда **месабзад** ва рустаниҳо калон шуда мева медиҳанд.

**Машқи 201.** Ба ҷои нуқтаҳо шумораи мувофиқ гузоред ва ҷумлаҳоро пурра нависед.

1. Чуқурии ин қудуқ ... метр аст. 2. Мо ... қадам дуртар рафтем. 3. Талабагони синфи ... дар боғ... дона ниҳол шинониданд. 4. Имсол ... солагии мустақилияти Республикаамонро ҷашн мегирем.

**Машқи 202.** Матнро хонед ва фикратонро баён кунед.

## Дарси ибрат

Подшоҳе буд, ки дар зулму бедод ба мардум аз ҳад гузаронида, тамоми мардуми кишвари ӯ аз вай безор буданд ва дуои бадаш мекарданд. Ин подшоҳ боре ба шикор рафту баъди баргаштан ба дарбори худ тамоми кирдору рафтори худро тағйир дод. Зиндониёни зиёдеро, ки бегуноҳ ҳабс шуда буданд, озод намуд, аз кишоварзон андозҳои гаронро бекор кард, ба мӯҳтоҷону бечорагон аз хазина моли зиёд бахшид, онҳоеро, ки дар ҳаққи мардум ҷабр намуда буданд, ба ҷазояшон расонд.

Яке аз ходимони дарбор, ки ба подшоҳ хеле наздик буд, аз ин тағйири ногаҳонии рафтору кирдори подшоҳ пурсон шуд. Подшоҳ гуфт:

— Вақте ки ба шикор рафта будам, дидам, ки саге ба рӯбоҳе ҳамла овард ва пойи рӯбоҳро шикаст. Дар ин асно яке аз сангҳое, ки шикорчие партофта буд, ба пойи саг зад ва пойи сагро шикаст. Ман аз тамошои ин ҳодиса барои худ панде гирифтам ва байтҳои зерин ба хотирам расид ва тарки ҷабру зулм кардам:

Ба чашми хеш дидам дар гузаргоҳ,  
Ки зад бар ҷони мӯре мурғаке роҳ.  
Ҳанӯз аз қайди минқораш напардохт,  
Ки мурғи дигар омад, кори ӯ сохт.

*Аз «Ҷавомеъулҳикоёт»*

Шумораҳо ду хел мешаванд. Шумораҳои миқдорӣ ва тартибӣ. Шумораҳои миқдорӣ миқдори предметро мефаҳмонанд. Чунончӣ: *даҳ китоб, ду нафар талаба, чор дона себ, панҷто қалам,* ... .

**Машқи 203.** Аз ҷумлаҳои зерин шумораҳои миқдориро муайян намоед.

1. Чор кас омаданд. 2. Ду нафар талаба аз ҷой хестанд. 3. Дар синфи мо 10 нафар хонанда бо баҳои аъло мехонад. 4. Дар маҷлис 25 нафар иштирок намуданд. 5. Ман чоряки дуюмро бо баҳои аъло ба охир расонидам.

**Машқи 204.** Ба ҷои нуқтаҳо шумораҳои миқдориро ёфта нависед.

1. Ман ... сола шудам. 2. Падарам ... сол боз муаллимӣ мекунанд. 3. Чӯпони деҳаи мо ... — ... сар гӯсфанд дорад ва ҳар пагоҳ ба чарогоҳ мебарад. 4. Меҳрибону ... дона дафтари расм харид. 5. ... нафар аълочиёни синфи мо дар мусобиқа иштирок намуданд.

**Машқи 205.** Шумораҳои миқдории 13, 18, 50, 5–6, 10–15, 25-ро бо ҳарф нависед.

**Машқи 206.** Ба воситаи шумораҳои миқдории 8, 319, 25–30, 10–12 ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Шумораҳои тартибӣ тартиби предметро мефаҳмонанд: *панҷум, даҳум, бистум, бисту сеюм, як саду сеюм.*

Шумораҳои тартибӣ бо пасвандҳои *-ум*, *-юм* сохта мешаванд: *синфи чорум, қатори дуюм, соли якум, баҳори сеюм*.

**Машқи 207.** Ҷумлаҳоро нависед ва ба зери шумораҳои тартибӣ хат кашед.

1. Фирдавс дар синфи чорум мехонад. 2. Пагоҳии ҳаштуми март як гурӯҳ меҳмонон ба хона омаданд. 3. Бисту панҷуми май рӯзи зодрӯзи падарам аст. 4. Ман дар қатори сеюм нишастам.

**Машқи 208.** Ҷумлаҳоро хонед ва ба ҷои нуқтаҳо шумораҳои тартибии мувофиқро гузоред.

1. ... май олимпиадаи хонандагон баргузор мегардад. 2. Шарофат дар синфи ... мехонад. 3. Соли ... ғалаба ба даст омад. 4. Мо дар ошёнаи ... зиндагӣ мекунем. 5. Имсол дар хониш мактаби мо ҷои ... -ро гирифт.

**Машқи 209.** Шумораҳоро муқоиса намуда, фарқи онҳоро гӯед.

| | |
|---|---|
| 1. ду талаба | қатори якум |
| 2. чор ошёна | ошёнаи чорум |
| 3. як рӯз | рӯзи якум |
| 4. сесола | соли сеюм |
| 5. як саду чор варақ | варақи як саду чорум |

**Машқи 210.** Шумораҳои тартибиро бо рақам нависед ва ҷумлаҳо тартиб диҳед.

ҳафтодум, бистум, шастум, бисту дуюм, панҷоҳу панҷум, сию сеюм.

## САВОЛҲОИ ТЕСТӢ

**1. Аз қатори калимаҳое, ки дар поён дода шудаанд, шумораро ёбед:**

а) ман, китоб, омад;
б) хондагӣ, рафт, бисёр;
в) тез, кам, вале;
г) андак, ниҳоят, бисёр;
ғ) шаш, сад, сесад, нӯҳсад.

**2. Кадом гурӯҳе аз ин калимаҳо шумораҳои миқдорианд?**

а) хеле, зиёд, кам;
б) ду, даҳ, се, як, дувоздаҳ, понздаҳ;
в) бисёр, дид, рав;
г) мо, тор, сеюм;
ғ) ду, модар, чор китоб.

**3. Кадом гурӯҳе аз ин калимаҳо шумораҳои тартибианд?**

а) чорум, талаба, якум;
б) бисёр, кам, ду;
в) бистум, чилум, якум;
г) модар, сонӣ, сесад;
ғ) чорум, якум, талаба.

**4. Шумора чист?**

а) шумора номи предметро мефаҳмонад;
б) шумора миқдор ва тартиби предметро мефаҳмонад;
в) шумора аломат ва хосияти предметро мефаҳмонад;
г) шумора ҳаракат ва ҳолати предметро мефаҳмонад;
ғ) шумора бо предмет алоқа надорад.

# ҶОНИШИН

Муқоиса намоед:

**А**

1. Шодӣ дар синфи чорум мехонад.
2. Нодира хеле боодоб аст.
3. Ҳасан даҳ китоб дорад.

**Б**

1. Вай аълочӣ аст.
2. Зӯҳро низ ҳамин хел аст.
3. Ман ҳам ҳамин қадар китоб дорам.

**Ҷонишинҳо** предмет, аломат ва миқдори предметҳоро мефаҳмонанд. Ҷонишин ба ҷои исм, сифат ва шумора кор фармуда мешавад.

**Машқи 211.** Ба ҷои нуқтаҳо ҷонишинҳои мувофиқро ёфта, нависед.

1. Баҳром аскар аст ... тирпаррониро меомӯзад. 2. Фотеҳ бачаи хушмуомила мебошад. Бародараш Фаёз низ ... аст. 3. Ман дувоздаҳ саҳифа навиштам. Шоира низ ... рӯнавис кард.

**Машқи 212.** Се ҷумла нависед, ки ҷонишинҳо ба ҷои исм, сифат ва шумора омада бошанд.

**Машқи 213.** Хонед. Гӯед, ки чаро *гулҳои дӯстӣ* номида шудааст?

## ГУЛҲОИ ДӮСТӢ

Ба мактаби мо бачагони миллатҳои гуногун омаданд. Ману Салим ба ҳар кадоми онҳо яктоӣ гул тӯҳфа кардем. Онҳо гулҳоро мебӯиданд ва миннатдорӣ мекарданд. Мо аз хурсандӣ завқ мекардем. Гулҳои дӯстии мо ба тамоми ватанамон паҳн шуданд.

**Супориш:** Матнро нависед, зери калимаҳои *ман, онҳо, мо* хат кашед ва гӯед, ки калимаҳо ба ҷои кадом исмҳо омадаанд.

Калимаҳои *ман, ту, вай, ӯ, мо, шумо, онҳо, ин, он, ҳамин, ҳамон* **ҷонишин** мебошанд. Ҷонишинҳо асосан ба ҷои исмҳо меоянд.

**Машқи 214.** Хонед ва гӯед, ки шоир кадом ҷонишинҳоро ба кор бурдааст.

### МОДАР

Модари ғамгусори ман,
Шодии рӯзгори ман.
Роҳати ман, мадори ман,
Боғи ману баҳори ман.
Модари ғамгусори ман!
Садқа шавам ба номи ту.
Лоиқи эҳтироми ту,
Мақсади ту, мароми ту.
Мақсади ман, мароми ман,
Модари ғамгусори ман!

*Гулчеҳра Сулаймонова*

**Машқи 215.** Матнро нависед, ба ҷои нуқтаҳо ҷонишинҳои мувофиқро гузоред.

## СИНФИ МО

Дар синфи ... 30 нафар талаба таҳсил менамоянд. Ҳамаи ... бо ҳам дӯстона муносибат мекунанд. Худи ... бо Рустам Бобохонов чор сол боз дар як парта мешинам. Рустам бачаи боинтизом аст. ... аз дарсҳо баҳои аъло мегирад. Рустам дар корҳои ҷамъиятӣ фаъолона иштирок мекунад. ... имсол тобистон бисёр меҳнат кард.

**Машқи 216.** Хонед. Гӯед, ки кадом шеърҳои Мирсаид Миршакарро медонед. Ҷонишинҳои матнро муайян кунед.

## ШОИРИ ДӮСТДОШТАИ БАЧАГОН

Шоир Мирсаид Миршакар соли 1912 дар деҳаи Синдеваи Помир таваллуд ёфтааст. Вай аз бачагӣ хушзеҳн, ҳозирҷавоб ва нотарсу далер буд. Мирсаид аввал дар мактаб-интернати шаҳри Хоруғ мехонад. Пас аз он бо як гурӯҳ рафиқонаш ба шаҳри Душанбе меояд. Ӯ 600 км роҳро пиёда тай намуда, таҳсилро дар Душанбе давом медиҳад. Аз ҳамон вақт сар карда вай ба шеърнависӣ шурӯъ кард. Ӯ барои бачагон шеъру достонҳо эҷод кардааст. Ӯро бачагон хеле дӯст медоранд.

**Машқи 217.** Хонед, гӯед, ки дар вақти таътили зимистона ба кадом корҳо машғул мешавед.

## ТАЪТИЛИ ЗИМИСТОНА

Ана, таътили зимистона ҳам омад. Вақти истироҳати шумо фаро расид. Истироҳат ҳар хел мешавад. Аммо истироҳати беҳтарин дар ҳавои кушод сайру гашт кардан аст. Ҳангоми сайру гашт тамоми мушоҳидаҳои худро қайд кунед. Баъди таътил шумо боз ба мактаб меоед, он гоҳ таассуроти худро нақл мекунед ва менависед.

**Супориш:**

1. Таътили зимистонаи худро нависед.
2. Аз он ҷонишинҳоро ёфта, ба зераш хат кашед.

Ҷонишинҳо аз калимаҳои дигар ҷудо навишта мешаванд.

**Машқи 218.** Бо ҷонишинҳои *ман, мо, шумо, онҳо, вай* яктоӣ ҷумла тартиб диҳед.

**Машқи 219.** Хонед. Гӯед, ки дар бораи сангпушт чиҳоро медонед.

## САНГПУШТ

Боре ҳодисаеро дидам. Мошини боркаши пурборе тасодуфан сангпуштеро зер кард. Ман хаёл кардам, ки сангпушт майда-майда шуд. Мошин гузашт, вале сангпушт зинда буд. Тақрибан 5 дақиқа вай беҳаракат истод. Баъд якбора ҷунбид ва чун ҳарвақта шитоб накарда, оҳиста-оҳиста қадам гузошт.

**Супориш.** Матнро нависед, зери ҷонишинҳо хат кашед.

**Машқи 220.** Хонед. Гӯед, ки аз пахта чиҳо тайёр мекунанд.

## ТАРОНАИ ПАХТАЧИНОН

Пахтаи мо, бубин, чӣ бешумор аст,
Ин самари ғайрати марди кор аст.
Дубора ин зар моли мо мешавад,
Ҷомаи мо, рӯмоли мо мешавад.
Ин пахта тиру тӯпи мо мешавад,
Мошини мо клуби мо мешавад.
Чароғи чун офтоби мо ҳамин аст,
Дафтари мо, китоби мо ҳамин аст.

*Абулқосим Лоҳутӣ*

## Худро бисанҷед:

1. Дар бораи ҷонишинҳо чиҳо медонед?
2. Кадом калимаҳо ҷонишин мешаванд? Якчандтои онҳоро номбар кунед.
3. Ҷонишинҳо ба ҷои кадом ҳиссаҳои нутқ меоянд?

## САВОЛҲОИ ТЕСТӢ

**1. Кадом гурӯҳе аз ин калимаҳо ҷонишин мебошанд:**

а) дид, гуфт, рафт;
б) мо, шумо, ӯ, онҳо;
в) даҳ, ду, се, чор;

г) нон, ин, биринҷ;
ғ) ях, моҳ, офтоб.

**2. Кадоме аз ин ҷумлаҳо ҷонишин доранд:**

а) Мошина якбора истод;
б) Одина ба чарогоҳ рафт;
в) Ин бача интизоми хуб дорад;
г) Пахтаҳо хуб шукуфтанд;
ғ) Трактор заминро шудгор мекунад.

## ЗАРФ

Калимаҳое, ки вақт, замон, ҷой, тарзи иҷрои амалро мефаҳмононанд, **зарф** ном доранд. Зарф ба саволҳои *кай? куҷо? чӣ тарз? монанди чӣ? аз чӣ сабаб?* ва ғайра ҷавоб мешавад.

Калимаҳои *имсол, якбора, имрӯз, пагоҳ, ин ҷо, тез, оҳиста, ғуввосзанон, давон-давон* зарф мебошанд.

**Супориш:** Аз таркиби ҷумлаҳо зарфҳоро ёбед.

1. Нурҳои офтоб барқвор паҳн мешуданд. 2. Вай нохост овозе баровард. 3. Имрӯз ҳаво гарм мешавад. 4. Аз китоб бисёр чизҳоро фаҳмидам.

**Машқи 221.** Ба ҷои нуқтаҳо зарфҳои мувофиқро гузошта, ҷумлаҳоро нависед.

1. ... падарам аз сафар омад. 2. Яххо ... об мешаванд. 3. Вай ... паст гап мезад. 4. Гунҷишк ... нафас мегирифт. 5. Ман дар маҷлис ... гап задам.

**Машқи 222.** Бо зарфҳои *кам, дирӯз, далерона, берун, сонӣ, оҳиста* ҷумлаҳои пурмазмун тартиб диҳед.

**Машқи 223.** Нависед. Аз таркиби ҷумлаҳо зарфҳоро ёфта, ба зери онҳо хат кашед.

Бача ва модар нисфи шаб аз қатора фаромаданд. Боди хунук аз чапу рост мевазид. Онҳо тез-тез қадам партофта, ба роҳи калон баромаданд. Барфи хушк зери пои онҳо ғарч-ғарч садо медод. Ниҳоят онҳо ба кӯчаҳои танги шаҳр расиданд.

**Машқи 224.** Зарфҳоро бо ёрии савол муайян кунед.

1. Кафлесак рафта-рафта ба қурбоққа мубаддал мешавад. 2. Оҳиста-оҳиста боридани жола тезтар ба об шудани он сабаб шуд. 3. Дар ҳар ҷо-ҳар ҷо дарахтони олуи ёбоӣ рӯида буданд. 4. Тракторҳо ғар-ғаркунон дар ҳар ҷо-ҳар ҷо кор мекунанд.

**Машқи 225.** Машқро хонед ва мазмунашро нақл кунед.

## ҲИКОЯТ

Ёд дорам, ки шабе дар корвони ҳамма шаб рафта будаму саҳаргоҳ дар канори бешае хуфта. Шӯридае, ки дар он сафар ҳамроҳи мо буд, наъране баровард ва роҳи биёбон гирифту даме ором наёфт. Чун рӯз шуд, гуфтамаш:

— Он чӣ ҳолат буд?

Гуфт:

— Булбулонро дидам, ки ба нолиш даромада буданд аз дарахту кабкон аз кӯҳу баландӣ дар об ва баҳоим аз беша. Андеша кардам, ки

мурувват набошад, хамма дар тасбеҳу ман дар ғафлат хуфта.

**Шеър:**

Дӯш мурғе ба субҳ менолид,
Ақлу сабрам бибурду тоқату ҳуш.
Яке аз дӯстони мухлисро,
Магар овози ман расид ба гӯш...

*Аз «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ*

**Супориш:**

1. Аз матн зарфҳоро ёбед ва навишта гиред.
2. Калимаҳои *хуфта, баҳоим, хамма, мурувват*-ро бо ёрии луғат (фарҳанг) маънидод кунед.

**Машқи 226.** Оид ба деҳаи худ ягон ҳикоячае нависед. Дар он зарфҳоро истифода намоед. Ҳикоячаи шумо тахминан чунин бояд оғоз ёбад:

Ман дар деҳаи Оқсой таваллуд ёфтаам. Деҳаи мо бисёр калон аст. Дар он қариб 20 ҳазор аҳолӣ зиндагонӣ мекунанд ...

> Зарфҳои такрор бо дефис навишта мешаванд: *тез-тез, оҳиста-оҳиста, давон-давон, ғур-ғуркунон* ва ғайраҳо.

**Машқи 227.** Афсонаи зеринро хонед ва мазмунашро нақл кунед.

## ХАРГӮШ ВА САГИ ШИКОРӢ

Як саги шикорӣ харгӯшеро таъқиб карда, ба ӯ расида натавонист. Ақиб гашт. Чӯпон, ки ин манзараро тамошо мекард, сагро таъна зад:

— Ҳайфи ту барин саги шикорӣ, ки як ҳайвони хурдакакро дошта натавонистӣ.

Саг оромона ҷавоб дод:

— Афсӯс, ки фарқи ману харгӯшро дар ҷисм дидӣ, на дар давидан. Ман медавам, то хӯроки болаззат ба даст орам. Ӯ медавад, то ҷонашро наҷот диҳад.

**Саволҳо:**

1. Чаро саг ақиб гашт?
2. Чӯпон чӣ гуфта сагро таъна зад?
3. Саг чӣ ҷавоб дод?

**Супориш:** Аз матни навиштаатон зарфҳоро ёфта, ба зери онҳо хат кашед.

**Машқи 228.** Хонед. Мазмунашро нақл кунед.

## РӮБОҲИ КАБУД

Рӯбоҳе дар наздики шаҳр хона дошт. Шабҳо вай дар бозор гашта, порчаҳои майдаи гӯшт ва равғанҳоро мечинд. Як бор вай ба дӯкони рангрез даромада монд. Ҳама ҷояш ранги кабуд шуд.

Бо ин ҳол ба ҷангал рафт. Он вақт ҳайвонҳои ваҳшӣ ба худ подшоҳ интихоб мекарданд. Онҳо рӯбоҳро дида, ӯро ба худ подшоҳ интихоб карданд. Рӯбоҳ ба ҳукмронӣ сар кард. Ҳатто паланг ва бабрҳо ба ӯ мутеъ шуданд. Аммо ҳукмронии рӯбоҳ дер накашид. Борон борида ранги кабуди вай шуста шуд. Он гоҳ рӯбоҳи малларанг-

ро ҳама шинохтанд. Ӯро нафақат аз ҳукмронӣ фуровварданд, балки мурданивор ҳам заданд.

**Супориш:** Аз матн зарфҳоро ёфта, навишта гиред.

**Машқи 229.** Дар бораи «Барфбозӣ» нақли хурде нависед. Дар он зарфҳоро истифода баред.

### Худро бисанҷед:

1. Чӣ гуна калимаҳо зарф мешаванд?
2. Зарфҳо ба кадом саволҳо ҷавоб мешаванд?
3. Зарф чист?

## САВОЛҲОИ ТЕСТӢ

**1. Кадоме аз ии калимаҳо зарф аст?**

а) боистеъдод;
б) ҷавонмард;
в) рафтуомад;
г) шитобкорона;
ғ) бисту як.

**2. Дар кадоме аз ин ҷумлаҳо зарф мавҷуд?**

а) обрӯи шарафи инсон аз кори ӯст;
б) дар музеи таърихӣ ёдгориҳои гуногун мавҷуданд;
в) Аслам ба модараш гуфт;
г) Солеҳ хонандаи аълохон аст;
ғ) Ҳасан бегоҳӣ ба паррандагон хона сохт.

**3. Аз қатори ин калимаҳо зарфҳоро ёбед:**

а) ман, ду, шумо, омад;
б) олим, китоб, ҳамин;
в) сонӣ, бисёр, тез, оҳиста;
г) илм, муаллим дарс;
ғ) бист, мо, рафт, хонд.

# ПЕШОЯНДҲО

Калимаҳои *аз, ба, дар, то, бо, барои, мисли* пеш аз калимаҳо меоянд. Аз ин сабаб онҳо пешоянд номида мешаванд. Пешояндҳо аз калимаҳои дигар ҷудо навишта мешаванд.

**Машқи 230.** Матнро хонед. Пешояндҳои онро нишон диҳед.

## ДӮСТОНИ БОЛДОРИ МО

Рӯзе аз мактаб бармегаштам. Ногоҳ чашмам ба паррандае афтод. Вай дар рӯи барф мехобид. Онро аз замин бардоштам. Ҷонварак базӯр-базӯр нафас мекашид. Маълум, ки аз хунукӣ ва гуруснагӣ ба ин ҳол афтодааст. Ба ҷонварак дилам сӯхт. Онро ба хона овардам. Аз тахтапораҳо лонаи зебое сохтам. Ба дарунаш онро мондаму ба шохи бед овехтам. Тез-тез аз обу донаш бохабар мешудам. Баъди чанд вақт ҷонварак сиҳат шуд.

*Холис Раҷабов*

**Супориш:**

1. Мисолҳои зеринро аз матн навишта гиред: *аз мактаб, ба парранда, дар роҳ, аз замин, ба ҷонварак, ба хона, аз хона, аз тахтапораҳо, ба шох, дар шох;*
2. Калимаҳои *мактаб, парранда, роҳ, замин, ҷонварак, хона, тахтапора, шох* кадом ҳиссаи нутқанд?

**Машқи 231.** Бо ёрии пешояндҳои *аз, ба, дар, бо, бе, барои* ҷумлаҳо тартиб диҳед.

**Машқи 232.** Ба ҷои нуқтаҳо пешояндҳои мувофиқро гузошта, ҷумлаҳоро нависед.

Офтоби оламоро ... паси кӯҳҳо баромада, ... деҳа нур мепошид. Духтарак ... ферма мерафт. Мардум ... гулдастаҳо ӯро пешвоз гирифтанд. Ман ... бародарам тӯҳфа харидам. Наргис ... шавқ дарсро гӯш мекард.

**Машқи 233.** Хонед. Гӯед, ки дар ин матн сухан дар бораи киҳо меравад?

## АЗ ХУРДСОЛӢ

Алишер ғарқи хаёл оҳиста-оҳиста сӯи хонаашон роҳсипор шуд. Акнун Хуршед фаҳмид, ки ӯ сардори синф шудааст. Вай ҳам мактабхон шудааст. Дар синфи якум мехонад, ҳар ду ба як мактаб мераванд. Ин одатро дар оилаи мо то ҳол ҳеҷ кас вайрон накардааст, ҳатто Хуршеди хурдсол ҳам. Ҳар кас ҳатто гуноҳе содир кард, бояд онро худаш ислоҳ намояд. Инро аз хурдсолӣ падару модарашон ёд додаанд.

*Латофат Кенҷаева*

**Супориш:**

1. Аз матн пешояндҳоро ёфта нависед.
2. Калимаҳои *оҳиста-оҳиста, сӯи, вай, ӯ, якум* кадом ҳиссаи нутқ мебошанд?

> Пешояндҳо калимаҳои ғайримустақилмаъно мебошанд. Пешояндҳо калимаҳои асосиро бо ҳам алоқаманд мекунанд. Пешояндҳо: *аз, ба, дар, то, бо, бе, барои, мисли, монанди* ва ғайраҳо мебошанд.

**Машқи 234.** Хонед ва гӯед, ки заводи гаҷ чиҳо мебарорад.

## ЗАВОДИ ГАҶ

Мошинҳо аз андаке интизорӣ пайдо мешаванд. Паси ҳамдигар сето. Ҳар се боркаш, ҳар се ранги осмонии кушодро доранд. Ин мошинҳо шах мекашонанд. Шахи сафедро онҳо аз кони кушоди кӯҳҳои деҳаи мо бор карда, ба заводи гаҷ мебаранд. Заводи гаҷ дар даромадгоҳи шаҳр воқеъ аст. Дудкашҳои ин завод, ки доимо ба фазо дуди сафед мебароранд, аз деҳаи мо бараъло намоёнанд.

**Супориш:** Матнро нависед, зери пешояндҳо хат кашед. Гӯед, ки онҳо пеш аз кадом калимаҳо омадаанд.

**Машқи 235.** Аз калима ва ибораҳои *боғи ҳайвонот, соҳили дарё, боғ, талабагони синфи мо, рафтанд, тамошо карданд, баргаштанд, таассуроти хуб гузошт* ва ғайраҳо истифода бурда, ҷумлаҳо тартиб диҳед ва нависед. Зери пешояндҳое, ки худатон истифода намудед, хат кашед.

**Машқи 236.** Ҳодисаро хонед ва мазмунашро нақл кунед.

## ШУҶОАТИ ҶУМЪА
(*Ҳодиса*)

Ҷумъа ба молҳо хӯрок медод. Нохост садои баланде шунида шуд. Ба тарафи садо нигариста, якбора шах шуда монд. Тақрибан 100 метр дуртар чор гург меомад.

—Эҳ, чаро падарам ба қишлоқ рафтанд-а?—афсӯс хӯрд вай. Вале ӯ худро гум накард. Тозон ба хона даромад. Милтиқи падарашро гирифта баромад. Гурги якум бо як ҷаҳиш худро ба болои девори оғил гирифт. Аммо ба оғилхона даромада натавонист. Ҷисми беҷони он аз тири писарбачаи нотарс ба замин афтид. Се гурги дигар тарсида гурехтанд. Ҳамин тавр, Ҷумъа молҳои ҷамъиятиро аз хатар эмин дошт.

**Супориш:** Пешояндҳои матнро ёбед ва навишта гиред.

**Н а м у н а :** ба боло, ба тарафи садо, дар ҷояш ...

**Машқи 237.** Шеърҳоро аз ёд кунед ва ба дафтаратон нависед, ба зери пешояндҳо хат кашед. Мазмунашро фаҳмонед.

Он кас ки ба динору дирҳам хайр наандӯхт.
Сар оқибат андар сари динору дирҳам кард.
Хоҳӣ, мутамматӯъ шавӣ аз дуниву уқбо,
Бо халқ карам, чу худо бо ту нарм кард.

*Аз «Гулистон»-и Саъдӣ*

## Луғат

**динору дирҳам** — пул
**мутамматӯъ** — баҳрамандгардӣ
**дуниву уқбо** — неъмати дунё

Илм чандон, ки бештар хонӣ,
Чун амал дар ту нест, нодонӣ
На муҳаққиқ бувад, на донишманд.
Чорпое бар ӯ китобе чанд.
Он тиҳимағзро чӣ илму хабар
Ки бар ӯ ҳезум аст ё дафтар?

*Аз «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ*

**Машқи 238.** Бо пешояндҳои *бар, чун, дар, бо* ҷумлаҳо тартиб диҳед.

**Машқи 239.** Хонед ва гӯед, ки шумо нонрезаҳоро чӣ кор мекунед.

## НОНРЕЗА

Амаки Ҳасанбой чизи аз замин бардоштаашро пуф карда тоза намуд. Баъд ба ман нишон дод. Дар кафи ӯ нонрезае буд, ки ниҳоят майда. Чашмони хашмгини амаки Ҳасанбой мегуфтанд, ки нонрезаро надида, аз болояш гузашта рафтан гуноҳ аст.

*Раҷаб Амонов*

**Супориш:** Матнро нависед ва ба зери пешояндҳо хат кашед.

**Машқи 240.** Хонед ва мазмуни матнро нақл кунед. Шумо дар дарси меҳнат бо кадом корҳо машғул мешавед.

## ИЗИ ПОИ ГУНҶИШК

Боре Зӯҳро дид, ки гунҷишкаке дар рӯи барф нишаста, бо минқораш нонрезаеро гирифту «фиррӣ» парида рафт. Зӯҳро хеле вақт табас-

сумкунон ба гунҷишк ва пои ӯ нигарист. Баъд дар дилаш хоҳише пайдо шуд, ки изи пои гунҷишкро дар матои сафед дӯзад.

Ӯ дар дарси меҳнат аз ҳама пинҳонӣ ба кор сар кард. Муаллима аз мақсади духтарак огоҳ гардида, ба ӯ ёрӣ расонд.

— Мана, ин кӯкзаниро «изи гунҷишк» меноманд, — гӯён ӯ дар рӯи матоъ сӯзанро чанд навъ зада, изи бисёри пои гунҷишк ҳосил кард.

**Супориш:** Аз матн пешояндҳоро ёбед ва гӯед, ки онҳо пеш аз кадом калимаҳо (ҳиссаи нутқ) омадаанд.

**Машқи 241.** Дар асоси мисолҳои машқи 218: *бо минқораш, бо гунҷишк, дар матои сафед, бо изи ҷонварак, дар рӯи матоъ* ҷумлаҳо тартиб диҳед ва нависед.

**Намуна:** Майнае дар миёни замини боғи мо нишаста, бо минқораш чизеро мекофт.

**Машқи 242.** Зарбулмасалҳоро аз ёд кунед. Мазмунашро шарҳ диҳед ва ба дафтаратон нависед.

Аввал таом, баъд аз он калом.

* * *

Андак-андак бо ҳам шавад бисёр,
Дона-дона ғалла дар анбор.

* * *

Бе пир марав дар бимонӣ,
Ҳарчанд ки Сикандари замонӣ.

* * *

Мурдан ба иллат беҳ аз зиндагонии
бамазаллат.

* * *

Некӣ куну ба об андоз.

* * *

Дили бе илм чашми бенур аст,
Марди нодон зи мардумӣ дур аст.

* * *

Ҳар касеро баҳри коре сохтанд,
Меҳри ӯро бар дилаш андохтанд.

* * *

Ҷуз ба хирадманд мафармо амал,
Гарчи амал кори хирадманд аст.

* * *

Барои дӯст ҷонатро фидо кун,
Валекин дӯст аз душман ҷудо кун.

**Супориш:**

1. Пешояндҳоро аз таркиби зарбулмасалҳо ёбед ва ба зери онҳо хат кашед.
2. Вазифаи пешояндҳоро гӯед.
3. Аз таркиби зарбулмасалҳо исм, сифат, ҷонишин, феъл ва зарфро ҷудо намуда, ба сутунчаҳо нависед.

**Намуна:**

| **исм** | **сифат** | **ҷонишин** | **зарф** | **феъл** |
|---|---|---|---|---|
| таом | пир | ту | аввал | шавад. |

## Худро бисанҷед:

1. Кадом пешояндҳоро медонед, номбар кунед.
2. Вазифаи пешояндҳо дар ҷумла аз чӣ иборат аст?
3. Чӣ гуна калимаҳо пешоянд мешаванд?
4. Имлои пешояндҳо дар навишт чӣ навъ аст?

## САВОЛҲОИ ТЕСТӢ

**1. Кадоме аз ин гурӯҳи калимаҳо пешоянд мебошанд:**

а) ман, ту, вай, ӯ;
б) нон, об, себ, гӯшт;
в) барои, чун, бо, ба, аз, дар;
г) омад, рафт, дид, хонд;
ғ) даҳ, бист, сеюм, бисту дуюм.

**2. Дар таркиби кадоме аз ин ҷумлаҳо пешоянд мавҷуд:**

а) ошноям — Собирҷон хеле хурсанд буд;
б) талабагони синфи мо ба ғунучини пахта рафтанд;
в) Фазлиддин нони гарм овард;
г) Солеҳ ва Дилором ҳамсинф мебошанд;
ғ) ин одам иродаи оҳанин дорад.

**3. Кадоме аз ин калимаҳои таркиби ибораҳо пешоянд доранд:**

а) мактаби мо, хонаи зебо;
б) калиди дар, дари хона;
в) бо муаллим, дар хона;
г) нони гарм, себи ширин;
ғ) ман ва падарам, модарро дидам.

# ПАСОЯНДҲО

**Пасояндҳо** калимаҳои мустақилмаъно нестанд. Онҳо калимаҳои асосиро бо ҳам алоқаманд мекунанд: *-ро, барин, боз, қатӣ, катӣ* пасоянд мебошанд.

Падарро дидам, меҳмонро гусел кардан, гул барин нозук, дер боз наомадан...

**Машқи 243.** Матнро хонед. Мазмунашро нақл кунед.

## СУРАТИ РӮДАКӢ

Пирамард лаҳзае абрӯ чин карда, хомӯш монд. Инъомҷон ҳар боре, ки бобояшро дар ин вазъият мебинад, ӯро ба Рӯдакӣ монанд мекунад. Риши сафедашон шаршара барин ба рӯи сина рехтагӣ, сарашон баланд, пешониашон пурожанг, дар ҳақиқат, Рӯдакии зинда!

Як бор Инъомҷон сурати бобояшро кашид. Ба сурати Рӯдакӣ монанд шуд. Муаллим ҳам сурати Рӯдакӣ гуфтанд. Инъомҷон гап назад. Хайр, сурати Рӯдакӣ бошад, сурати Рӯдакӣ-дия.

*Баҳром Фирӯз*

**Супориш:**

1. Матнро нависед. Ба зери пасояндҳо хат кашед.
2. Пешояндҳоро нишон диҳед.

Пасояндҳо пас аз калимаҳои асосӣ меоянд, бинобар ин онҳоро **пасоянд** меноманд.

**Машқи 244.** Бо ёрии пасоянди *-ро, барин, боз* ҷумлаҳо тартиб диҳед.

**Намуна:** Ман дер боз ба саёҳати кӯҳсор нарафтаам.

**Машқи 245.** Ҷумлаҳоро нависед, ба ҷои нуқтаҳо пасояндҳои мувофиқ ёфта нависед.

1. Муаллима Зарифова ... дар мактаб хурду калон ҳама ҳурмат мекунад. 2. Зӯҳро най... хониши булбул... менавохт. 3. Дирӯз ... аз модаркалонам дарак нест. 4. Осмон ... абри ғафс фаро мегирифт. 5. Қодир падараш ... варзишгари моҳир шудан мехост.

**Машқи 246.** Ба ҷои нуқтаҳо калимаҳои мувофиқ ёфта, ҷумлаҳоро пурра намоед.

1. Талабагони синфи мо ... ро бохтанд. 2. Аз хунукӣ ... барин меларзид. 3. Як ... боз дар мактаб мусобиқаи варзишӣ давом мекард. 4. ... ро дар пои ҳайкал гузоштем.

**Машқи 247.** Матнро хонед ва вазифаи пасояндҳоро гӯед.

## МЕВАИ ДАВОБАХШ

Дар бораи давобахш будани анҷир бисёр гуфтан мумкин аст. Дар деҳаи Боғибаланди шаҳри Самарқанд анҷири зард ва сиёҳ парвариш меёбад. Анҷир дарахти басо гармидӯст аст. Анҷир ва тут барин меваҳо чун нон азиз ҳастанд.

Солҳои душворию қаҳтӣ ин меваҳои аҷибро одамон моҳҳои дарози зимистон истеъмол намуда, аз марг халос ёфтаанд.

**Машқи 248.** Бо ёрии пасояндҳои *барин, боз, қатӣ, катӣ* калимаҳои поёниро бо ҳамдигар алоқаманд карда, ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Модар, мӯътабар, пахта, тирамоҳ, нест, чидан, майдон, саҳро, гӯй, кӯҳ, алаф, роҳ, об, осмон, донаҳо, шабнам, дурахшидан, марворид, сабзидан, ҷорӣ шудан, дугона, ман, рафтан ...

**Намуна:** Дар саҳро ва кӯҳҳо донаҳои шабнам болои алафҳо марворид барин медурахшиданд.

**Машқи 249.** Матнро нависед ва ба зери пасояндҳо хат кашед.

Сад қадам барин роҳ гашта будем, ки ногоҳ аз кадом тараф як саги калони бадвоҳимае пайдо шуд. Саг дандонҳояшро тез карда, ба сари роҳ баромад. Бо овози хирриаш ак-аккунон ба сӯи мо давид.

Чашмони сагро суп-сурх хун пахш карда буд. Мӯйҳои хокистаррангаш сих барин хеста буданд. Ҳар як пояш дасти одами калонсол барин ғафс буд. Дандонҳояш дароз-дароз, забонаш суп-сурх ... Хайрият гӯшҳояш буридагӣ будааст, вагарна мо ӯро гург мегуфтем.

*Пӯлод Толис*

**Машқи 250.** Чистонҳоро аз ёд кунед. Ҷавоби онҳоро гуфта, пасояндҳоро муайян кунед.

Рафтанаш тир барин,
Шиштанаш мир барин.
Сиёҳиаш қир барин,
Сафедиаш шир барин.

* * *

Об дар об чӣ бошад,
Ҳавзи гулоб чӣ бошад.
Оташ расад ях кунад
Ба ин ҷавоб чӣ бошад?

**Машқи 251.** Панду насиҳатҳоро аз ёд кунед.

Тавоно бувад, ҳар кӣ доно бувад,
Зи дониш дили пир барно бувад.

*Абулқосим Фирдавсӣ*

Соҳибҳунаре, ки ботамиз аст,
Дар дидаи мардумон азиз аст.

*Бадриддин Ҳилолӣ*

**Худро бисанҷед:**

1. Пасояндҳо чӣ гуна калимаҳоянд?
2. Кадом пасояндҳоро медонед, номбар кунед.
3. Вазифаи пасояндҳо аз чӣ иборат аст?
4. Чаро калимаҳои *-ро, барин, боз* -ро пасоянд мегӯянд?

## САВОЛҲОИ ТЕСТӢ

**1. Кадоме аз инҳо пасоянд мебошанд:**

а) ба, бо, бе, дар;
б) ин, он, ҳамин, ҳамон;
в) як, он, боз, на;
г) боз, барин, -ро, катӣ;
ғ) чун, бе, ҳамин.

**2. Дар кадом ҷумлаи поёнӣ пасоянд мавҷуд:**

а) Инсон бе об зиндагӣ нахоҳад кард;
б) Донистан аз хондан аст;
в) Аз худ калонро ҳурмат кунед;
г) Аз бекор — ҳама безор;
ғ) Тарки одат — амри маҳол.

**3. Дар кадом қатор танҳо пасояндҳо ҷой гирифтаанд:**

а) -ро, барои, бе;
б) барин, аз, то;
в) катӣ, барин, ҳамин;
г) чун, боз, барин;
ғ) барин, -ро, боз, қатӣ, катӣ.

# ПАЙВАНДАКҲОИ ПАЙВАСТКУНАНДА

**Машқи 252.** Хонед ва мазмунашро нақл кунед.

### ҲИКОЯТ

Писари марди обрӯманд ва бузургвор бар гурӯҳе мардум даровехт ва ҷанҷол кард. Одамон пеши падараш омаданд. Падар хост, ки писарашро ҷазо диҳад. Писараш гуфт:

— Эй падар, ман аз беақлӣ ва бехирадӣ гуноҳе кардам. Ту, ки бохирад ҳастӣ, чаро маро

ҷазо медиҳӣ? Падарро ин гап хуш омад ва писарашро авф кард.

*Хоҷа Низомулмулки Тӯсӣ*

**Супориш:**

1. Матнро нависед ва зери калимаҳои пайвандаки пайвасткунанда хат кашед.
2. Таркиби калимаҳои *беақлӣ, бехирадӣ ва бохирад*-ро ҷудо кунед.
3. Ҷумлаи «Падарро ин гап хуш омад»-ро ҷудо кунед ва боз чӣ тавр гуфтан мумкин аст.

**Машқи 253.** Бо калима ва ибораҳои *ман ва Шариф, бобояму модаркалонамро, муаллим ва талабагонро, мехонад ва менависад* ҷумлаҳо тартиб диҳед.

> Пайвандакҳо калимаҳои ғайримустақилмаъно мебошанд. Онҳо калимаҳои мустақилмаъно ва ҷумлаҳои соддаро бо ҳам пайваст мекунанд. *Ва, -у, -ю, аммо, вале, лекин, ё.., ё.., ки.., ё.., ин ки* пайвандак мебошанд.

**Машқи 254.** Матнро хонед, пайвандак ва аломатҳои китобатиро номбар кунед.

Онҳо вақти намози аср ба Басра расиданд. Офтоб ба ғуруб рафта буд, аммо шуоъҳои он ҳанӯз осмонро ба ранги зарди сурхомез равшан мекард. Падар кӯчаву бозор ва саройҳои тиҷоративу пунбафурӯшии шаҳрро хуб медонист: борҳо ба ин шаҳр пунбаҳои ҳаллоҷикардаашро бо шариконаш ба фурӯш оварда буд. Дар яке аз саройҳои пунбафурӯшӣ, ки дар миёнаи шаҳр,

пеши бозори калон воқеъ гашта буд, манзил гузиданд. Мизоҷони падар он шаб ӯро ба меҳмонӣ бурданд. Мансур дар ҳуҷраи тангу торик монд. Порае нон ва косае мост хӯрда хобиданӣ шуд, аммо танҳоӣ, торикӣ ва бегонагӣ дар ин шаҳр дар дили ӯ эҳсоси ногуворе барангехтанд. Ӯ хоб карда натавонист.

*Расул Ҳодизода*

**Машқи 255.** Калимаҳоро бо ҳам алоқаманд намуда, ҷумла тартиб диҳед.

Тобистон, ҳаво, салқин, дилнишин, буд; қуттӣ, талабагон, аз, чӯб, сохтанд, лона; боғ, дер меръяд, себ, анор, нок, ангур, биҳӣ; Шоҳин, Фаррух, дӯст, дерин мебошанд; Мо, китобҳо, забон, модарӣ, адабиёт, математика, харидем.

**Машқи 256.** Зарбулмасалҳоро аз ёд кунед ва навишта гиред, ба зери пайвандакҳо хат кашед. Гӯед, ки вазифаи пайвандакҳо дар онҳо аз чӣ иборат аст?

Ҳар кӣ доно бувад, оқилу тавоно бувад.

Дӯст он бошад, ки гирад дасти дӯст,
Дар парешонҳолию дармондагӣ.

**Машқи 257.** Матнро хонед ва ба зери пайвандакҳои *ва, -у, аммо* хат кашед.

## САГИ НАҶОТДИҲАНДА

Ду писарбача ба заврақ савор шуданд. Аммо ба мобайни наҳрча рафтанашонро надониста монданд. Тӯфоне бархосту заврақро чаппа кард.

Бачаҳоро об ба қаъри худ кашидан гирифт. Ин воқеаро саге, ки дар лаби об меистод, дид. Вай тез худро ба об партофт. Ӯ як бачаро аз куртааш ва бачаи дигарро аз лаби остинаш кашолакунон ба соҳил баровард.

**Машқи 258.** Бо ёрии пайвандакҳои *ва, -у, аммо* ҷумлаҳо тартиб диҳед.

**Намуна:** Ман дӯстамро интизор шудам, аммо вай наомад.

**Машқи 259.** Ба ҷои нуқтаҳо пайвандакҳои заруриро гузошта, ҷумлаҳоро дар шакли пурра нависед.

1. Мо ба ӯ бахт... саодат мехоҳем. 2. Оби ҷӯй соф ... беғубор буд. 3. Синфи мо равшан... васеъ аст. 4. Офтоб аз паси кӯҳ баромад,... ҳаво хунук буд. 5. Писарак як нигоҳ кард, ... аҳамият надод.

**Машқи 260.** Ба ҷои нуқтаҳо калимаҳои мувофиқ гузошта, ҷумлаҳоро пурра намоед.

1. Дар ... тоза саёҳат кардан барои саломатӣ хуб аст. 2. Талабагони синфи мо дар ... ва кор пешқадаманд. 3. Ватанамонро бояд мо мисли ... муқаддас дорем. 4. Палакҳои ... ва ... пурбор шуданд.

**Машқи 261.** Ҳикояи зеринро хонед ва гуфтугӯи байни мӯрча ва пашшаро нақл кунед.

## МӮРЧА ВА ПАШША

Дар зери айвони барҳаво рӯи дастархони пур аз нозу неъмат пашшае аз лаълӣ ба лаълӣ

нишаста, шираю шарбат мечашид. Нохост чашми пашша ба мӯрчае афтод, ки нонрезаи рӯи дастархонро кашолакунон мебурд. Пашша лаби пиёлаи пури мураббо нишаста бо ғурур гуфт:

— Эҳ, мӯрчаи бечора! Азобат зӯр! Аз аввали баҳор то зимистон аз меҳнат сар намебардорӣ. Ҳамин ҳам зиндагӣ шуд! Маро бин, ғами дунё надорам. Гули хӯрок мехӯраму шираву шарбат мечашам.

Мӯрча аз гапи пашша ранҷида бошад ҳам, сир бой надод.

— Чӣ илоҷ, одати мо ҳамин, — бо мулоимӣ ҷавоб дод мӯрча, — бо меҳнати ҳалолу араќи ҷабин ризқу рӯзиамонро ҷамъ мекунем.

— Меҳнати ҳалол ҳамин бошад, аз ҳафт маҳаллаш безорам, ҳа-ҳа-ҳа, — тамасхур кард пашша ва акнун паридани буд, ки ногоҳ пояш лағжида ба шира часпида монд.

Ин вақт писарбачае ҳозир шуда, пашшаро аз даруни мураббо гирифта ба замин зад. Пашша аз зарби сахт дигар наҷунбида монд.

— Ана оқибати кайфу сафои бемеҳнат, — ба пашша нигариста нонрезаро кашола карда ба роҳаш рафт мӯрча.

**Супориш:**

1. Пайвандакҳои матнро ёбед.
2. Аз рӯи мазмуни матн ба саволҳои зерин ҷавоб нависед ва дар он пайвандакҳоро истифода намоед.

**Саволҳо:**

1. Пашша чӣ кор мекард?
2. Вай ба чӣ вохӯрд?

3. Пашша ба мӯрча чӣ гуфт?
4. Оқибати воқеа бо чӣ анҷом ёфт?

**Машқи 262.** Ҳикояти аз «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ интихобшударо хонед ва мазмунашро нақл кунед.

## ҲИКОЯТ

Подшоҳе писареро ба адиб (адабомӯзанда) доду гуфт: — Ин фарзанди туст. Тарбияаш чунон кун чун яке аз фарзандони худ. Адиб хидмат кард ва мутақаббил шуд (ваъда дод) ва соле чанд бор ӯ саъй карду ба ҷое нарасид ва писарони адиб дар фазлу балоғат мунтаҳӣ шуданд. Малик донишмандро муоҳазат карду муотабат (мутоибат), ки ваъда хилоф кардӣ ва вафо баҷо наёвардӣ?

Гуфт:

Бар раъйи худованди рӯи замин пӯшида намонад, ки тарбият яксон асту табоеъ мухолиф.

Гарчи симу зар зи санг ояд ҳаме,
Дар ҳама санге набошад зарру сим.
Бар ҳама олам ҳаме тобад Суҳайл,
Ҷое анбон мекунад, ҷои адиб.

**Супориш:** Нависед ва ба зери пайвандакҳо хат кашед.

**Машқи 263.** Хонед, ба ҷои нуқтаҳо пайвандакҳои мувофиқро гузоред. Аз рӯи матн дар бораи модари худ иншочае нависед.

## МОДАРИ МЕҲРУБОНИ МАН

Модари ман муаллима аст. Ӯ қаҳрамон нест, ... кор, рафтор ... гуфтори ӯ барои ман намуна мебошад.

Модарам дар мактаб раиси занон ва духтарон аст. Вай аз вазъияти зист ... зиндагонӣ ... саломатии занон ... духтарони мактаб хабардор шуда меистод.

Модар шахси муқаддас аст. Барои ҳар як шахс номи модар аз ҳама азиз ... шарафи вай аз ҳама аълотар мебошад, зеро сарчашмаи вуҷуди инсон модар аст.

> Пайвандакҳои *ва, аммо, лекин, ё ки* ҷудо, аммо пайвандакҳои **-у, -ю** бо калимаҳо якҷоя навишта мешаванд.

**Машқи 264.** Хонед, маънидод кунед. Вазифаи пайвандакҳоро гӯед.

Ҳар кӣ атвори некӯ бад гирад,
Ҳама аз ҳамнишини худ гирад.

* * *

Ҳаст илм он чӣ боқию абад аст,
Ҳар чӣ ҷуз илм, об дар сабад аст!

*Камолиддин Биноӣ*

* * *

Шараф чизи таҷовузнопазир аст,
Ҳар он кас, ки шараф дорад, кабир аст.
Муқаддас дошт ҳар кас, ки шарафро,
Набинад ҷабру зулми нохалафро.

*Мирзо Турсунзода*

**Супориш:** Байтҳои болоиро аз ёд кунед.

## Худро бисанҷед:

1. Кадом пайвандакҳоро медонед, номбар кунед.
2. Вазифаи пайвандакҳо аз чӣ иборат аст?
3. Пайвандакҳо ба кадом гурӯҳи калимаҳо дохил мешаванд?

## САВОЛҲОИ ТЕСТӢ

**1. Кадоме аз ин калимаҳо пайвандак мебошанд:**

а) агар, нон, ин, ту, чой;
б) лекин, аммо, ва, -у, -ю;
в) орд, биринҷ, ва, шумо;
г) ду, ях, об, лекин, амал;
ғ) ки, мо, замин, амад.

**2. Дар кадоме аз ин ҷумлаҳо пайвандак ҳаст:**

а) ману Азизхон бодиққат гӯш мекардем;
б) ду понздаҳ — як сӣ;
в) шаст камоли мардист;
г) тарс бародари марг аст;
ғ) Шодиака хаткашони мо мебошад.

# ИБОРА

Ду ва ё зиёда калимаҳои мустақилмаънои ба ҳам алоқаманд **ибора** номида мешавад: *китоби хуб; бинои мактаб; бинои мактаби мо.*

Гули сурх, китоби ман, шаҳри зебо, шаҳри Тошканд, падари Нодир, шеъри вай, муаллими забон ва ғайраҳо.

Дар ин мисолҳо ду калимаи мустақилмаъно бо бандаки изофии (*и*) алоқаманд шудаанд ва ибора ташкил шудааст.

**Машқи 265.** Аз калимаҳои ду сутун мувофиқашро ёфта, ибора созед.

| | |
|---|---|
| Ватан | маҳиннах |
| пахта | Тошканд |
| шаҳр | сиёҳ |
| боғ | пешқадам |
| қалам | мо |
| кӯҳ | сурх |
| себ | баланд |
| талаба | сафед |
| китоб | хониш |

**Намуна:** Ватани мо ...

Бандаки изофии *(и)* як калимаро ба дигараш тобеъ мекунад ва ибора ташкил мешавад.

СЕБ + И — сурх, ширин, турш, қоқ

ТАЛАБА + И — фаъол, аълохон, танбал, пешқадам, беодоб

**Машқи 266.** Ба ҷои нуқтаҳо калимаҳои мувофиқ гузошта, ибораҳо созед.

боғи..., модари..., синфи..., бачаи..., оши..., китоби..., шаҳри..., дарахти..., нони..., ошёнаи... .

**Машқи 267.** Ба ҷои нуқтаҳо калимаҳои мувофиқ ёфта, ибора созед.

... и пахтачинӣ, ... и васеъ, ...и либосдӯзӣ, ...и, паст, ...и чӯбин, ...и ҷаззагин, ...и ширин, ...и хуррам.

**Машқи 268.** Ба ҷои нуқтаҳо бандаки изофии *(и)* гузошта, ибораҳо созед:

Қошуқ... чӯбин, китоб...дарсӣ, муаллим... форсӣ, хона... хиштин, борон... баҳорӣ, пиёла... чиннӣ.

**Машқи 269.** Ба воситаи ибораҳои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед:

Шахси муқаддас, кӯчаҳои мошингард, дастёри мо, устохонаи мактаб, замини корам, китобхонаи шаҳр, лимӯи хушбӯй.

**Намуна:** Модар шахси муқаддас аст.

**Машқи 270.** Матнро хонед. Ибораҳоро муайян карда, ба дафтаратон нависед.

## НУРИ ОФТОБ

Имрӯз офтоби ҷонбахш ба қишлоқ доман-доман нур пошида, гулу сабзаро зеботар ва даштро хуррамтар карда буд.

Оби шӯхи дарёчаи қишлоқ боз ҳам шӯхтар шудагӣ барин ба назар менамуд. Дар зарра ва кафкҳои он нури офтоб акс ёфта буд. Дар ҳама ҷо лола шукуфта буд. Дар доман ва рӯи теппаҳои сабзу хуррам, дар атрофи киштзорҳо, дар сари бому деворҳои қишлоқ ҳама лола буд.

*Ҷалол Икромӣ*

Бандаки изофии *(и)* барои алоқаманд кардани ду ё зиёда калимаҳои мустақилмаъно истифода мешавад. Одатан, бандаки изофии *(и)* дар таркиби калимаи тобеъкунанда ҷойгир мешавад. Аксарияти ибораҳо бо бандаки изофии *(и)* ташкил меёбанд: хӯрок**и** болаззат, меваҳо**и** ширин, хониш**и** булбул, дарё**и** Зарафшон, шаҳр**и** мо, соат**и** ду.

**Машқи 271.** Аз байтҳои зерин ибораҳои бо бандаки изофии *(и)* сохташударо ёбед ва нависед.

Наврӯз шуду лолаи хушранг баромад,
Булбул ба тамошои дафу чанг баромад.

Мурғони ҳаво ҷумла бикарданд парвоз,
Мурғи дили ман аз қафаси танг баромад.

*Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ*

## ВАТАНИ БАЧАГӢ

Ватан — ин деҳаи мо, кӯчаи мо,
Ки дар он мекунӣ шодона бозӣ.
Ватан — ин ҳавлии мо, хонаи мо,
Ки рӯзат бигузарад бо сарфарозӣ.

Ватан — ин бачагии шоду беғам,
Ватан — тинҷии рӯз, оромии шаб.
Ватан — ин хандаи ширини модар,
Туро модар — Ватан бигрифта дар бар.

*Элен Ништ*

## ХЕЛҲОИ ИБОРА

Дар забони тоҷикӣ ибораҳо аз ҳиссаҳои мустақили нутқ — исм, сифат, шумора, ҷонишин, зарф ва феъл ташкил меёбад. Бинобар ин, ибораҳо *исмӣ, сифатӣ, шумораги́, ҷонишинӣ, зарфӣ* ва *феълӣ* мешаванд.

**Машқи 272.** Матнро хонед. Ибораҳоро муайян карда, ба дафтаратон нависед.

Пойтахти давлати Бохтар шаҳри Бохтар буд (воқеъ дар Афғонистони имрӯза). Баъдтар ин шаҳр номи Балхро мегирад. Аз рӯйи боигарӣ ва бузургию зебоии худ Бохтарро дар он замон

«модари шаҳрҳо» меномиданд. Дар китоби муқаддаси дини зардуштии «Авесто» шаҳри Бохтар «Боҳдӣ» ном бурда шудааст. Аз қадимии давлати Бохтар сарчашмаҳои гуногуни таърихии то ба мо расида шаҳодат медиҳанд.

Ибораҳои исмӣ бо бандаки изофии (*и*), пешоянду пасояндҳо ва алоқаи ҳамроҳӣ сохта мешаванд:

а) бо бандаки изофии (*и*) пешоянду пасояндҳо ва алоқаи ҳамроҳӣ сохта мешаванд;

б) бо пешоянд ва пасояндҳо;

сӯҳбат + бо муаллим, муҳаббат + ба ватан, корнамоӣ + дар меҳнат;

в) бо роҳи алоқаи ҳамроҳӣ: ҳамон + мактаб, ду + талаба, ин + бача.

**Машқи 273.** Муайян кунед, ки ибораҳои зерин ба кадом шакли ибораҳо дохил мешаванд.

| | |
|---|---|
| муаллими адабиёт | ин китоб |
| устои хуб | баландтарин кӯҳ |
| чевари моҳир | китоб хондан |

**Дар ибораҳои сифатӣ** сифат калимаи асосӣ аст. Бисёр зебо, оҳу барин чолок, сурхи баланд, оби тоза.

**Машқи 274.** Кадоме аз ибораҳои зерин ибораҳои сифатӣ мебошанд?

Мактаби нав, ин китоб, баландтарин кӯҳ, панҷ нафар духтар, нилуфари обӣ, тоқии сурх.

**Ибораҳои ҷонишинӣ** бо ҳамроҳии ҷонишинҳо сохта мешаванд: мани пир, шумои доништалаб, баъзе аз онҳо...

**Машқи 275.** Бо ибораҳои ҷонишинии зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед ва нависед.

Ҷони ман, шумои азиз, мани серкор, туи камгап, *миллати мо*

**Ибораҳои шуморагӣ** бо шумораҳо сохта мешаванд: аз чап дуюм, дуи онҳо, сеи мо, чор нафарӣ...

**Машқи 276.** Аз байни ибораҳои зерин ибораҳои шуморагиро ёфта, нависед.

Ба шасту як, себи ширин, нақшаи даҳсола, меҳнати панҷоҳсола, лаълии дутабақа, тӯтии гӯё.

**Ибораҳои зарфӣ** бо ҳамроҳии зарфҳо сохта мешаванд: бисёр барвақт, хеле бардавом, ниҳоят оромона...

**Машқи 277.** Аз матни мазкур ибораҳои зарфӣ ёфта, ба дафтар нависед.

Бачагӣ вақти беғамӣ, айёми ширин ва болаззат, давраи аҷоиби зиндагии инсон аст. Ин навбаҳори умри кас чунон пурнашъа, чунон гуворо ва чунон фараҳбор аст, ки одам ҳатто онро ёд карда истода шоду беғам мегардад. Ҳоло ки синну соли ман ба як ҷо рафта

мондааст, баъзан агар аз чизе хафа шуда, бори гарони ғамро аз худ дур карда натавонам, айёми ҷавониро ба ёд меорам. Ҳамин ки аз пардаи хаёлам нақши дилкаши он айём гузашт, сабук ва беғам мешавам.

*Ҷалол Икромӣ*

Агар дар ибора калимаи асосӣ феъл бошад, онро **иборай феълӣ** меноманд: аз хона баромадан, чой нӯшидан, китоб хондан...

**Машқи 278.** Матнро хонед, ибораҳои феълии онро муайян намоед.

Минтақае, ки аз соҳили дарё зина ба зина то деҳи Пасимӯҳраҳову Майдон мебарояд, ба қисмҳо ҷудо гашта, ба устохонаҳои сохтмон табдил ёфтаанд. Бале, то ин ки истгоҳи азамат бунёд шавад, на танҳо нақбҳо кофта ба бунёдгаҳи он расидан, дарёро бастан ва дарғоти баланд сохтан лозим аст, балки барои ҳамаи ин корҳоро ба анҷом расонидан дар майдони фарохтаре устохонаҳо, базаи масолеҳи сохтмон сохтан лозим аст.

*Муҳиддин Хоҷаев*

**Машқи 279.** Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед.

## НАСИҲАТИ ПАДАР

Як деҳқон буд. Ӯ токзори калоне дошт. Вай ҳар сол ангури онро фурӯхта, зиндагониашро

аз рӯи он мегузаронид. Рӯзе деҳқон касал шуд ва писаронашро ҷеғ зада гуфт:

— Писарам, аҳволи ман хеле бад. Рӯзи ман расидааст. Ту ин насиҳати маро нағз дар хотир нигоҳ дор, дар байни токзори мо ду хумча тилло ҳаст. Ту онро фақат дар фасли тирамоҳ ёфта метавонӣ.

Баъд аз чанд вақт деҳқон аз олам гузашт. Аз байн чанд вақт гузашту фасли тирамоҳ ҳам расид. Писари деҳқон каландро гирифта, бехи токҳоро кофт, аммо чизе наёфт. Соли дигар токҳои ангур аз ҳарвақта дида зиёдтар бор оварданд. Писари деҳқон онҳоро ба пули зиёде фурӯхт. Соли оянда ҳам ҳамин ҳодиса такрор ёфт. Деҳқонбача ҳосили бисёр гирифта, ба пули бисёре фурӯхт. Аммо ӯ тиллоро наёфт. Писари деҳқон ҳодисаро ба як дӯсти падараш нақл кард. Ҷӯраи падараш инро шунида, қоҳ-қоҳзанон хандид ва гуфт:

— Писарам, тиллои падарат гуфтаро ёфтӣ-ку!

— Не, падар, ман аз токзор тилло наёфтаам.

— Барои чӣ ту гапи дурӯғ мезанӣ? Ин қадар боигариро аз куҷо ёфтӣ?

— Ман ин боигариро аз меҳнати ҳалоли худ ёфтам.

— Бале, — гуфт ҷӯраи падараш, — падарат ҳамин меҳнати ҳалоли туро дар назар дошта буд.

**Супориш:** Аз матни болоӣ хелҳои ибораҳоро муайян кунед.

**Машқи 280.** Аз таркиби ҷумлаҳо *ибораҳои исмӣ, сифатӣ, шуморагӣ, ҷонишинӣ, зарфӣ ва феълӣ*-ро ҷудо карда нависед.

1. Дар поёни меҳмонхона гули сурх буд. 2. Сангчаи бисёр хурд ба болои бом афтод. 3. Шифти хона бо ранги сурхи баланд оро дода шуда буд. 4. Собир бегоҳӣ соати даҳи шаб омад. 5. Сеяки замин аз об иборат аст. 6. Якуми сентябр Рӯзи истиқлоли Республикаи Ӯзбекистон аст. 7. Мани муаллим ғам нахӯрам, кӣ ғам мехӯрад? 8. Дарахт аз беборишӣ хушкид. 9. Салим аз ҳама болотар нишаст.

**Намуна:** гули сурх — **ибораи исмӣ;** сурхи баланд — **ибораи сифатӣ** ва ғайраҳо.

**Машқи 281.** Шеърро аз ёд кунед. Аз таркиби он хелҳои ибораро муайян намоед.

## МУШТОҚИ НАВРӮЗ

Гули бодом бӯи нози Наврӯз,
Гули сабза пойандози Наврӯз.
Ба роҳаш абри найсон дурр бипошад,
Ки тундар оварад овози Наврӯз.
Насимосо ба печу тоб ояд,
Магар ӯ бо раҳи чорбоғ ояд?
Ҳама муштоқ бар дидори Наврӯз,
Мабодо дар шаби маҳтоб ояд.
Замин аз мақдамаш пурзебу фар шуд,
Шамимаш накҳати боди саҳар шуд,
Табассум кардааст Наврӯз имрӯз,
Ки мавҷи лола бар саҳро бадар шуд!

Биё Наврӯз, бар ҷонам асар кун,
Дарахти умри моро пурсамар кун.
Ба ман бинмой акси навҷавонӣ,
Шарори синаамро пештар кун!

*Абдусалом Деҳотӣ*

**Н а м у н а:** гули бодом — **ибораи исмӣ,** бӯи нози Наврӯз — **ибораи исмӣ.**

**Машқи 282.** Ба ҷои нуқтаҳо калимаҳои заруриро ёфта гузоред ва хели ибораро муайян кунед.

Духтари..., косаи..., ... калон, сурхи..., шаши..., нафари.., ким-кадом..., ҳар кадоми..., ...ро тамошо кардан, дуртар аз ..., ба ...наздиктар,

**Н а м у н а**: хеле калон, ким-кадом шахс, музейро тамошо кардан, дуртар аз хона.

## Худро бисанҷед:

1. Ибораҳо аз чӣ гуна калимаҳо ташкил меёбанд?
2. Вазифаи бандаки изофии *(и)* аз чӣ иборат аст?
3. Бандаки *(и)* одатан дар таркиби кадом калимаи ибора ҷойгир мешавад?
4. Ибораҳо дар забони тоҷикӣ чанд хел мешаванд?
5. Хелҳои ибораро номбар кунед.
6. Барои чӣ ибораҳоро исмӣ, сифатӣ, ҷонишинӣ, шуморагӣ, феълӣ ва зарфӣ мегӯянд?

## САВОЛҲОИ ТЕСТӢ

**1. Кадоме аз ин мисолҳо ибора шуда метавонанд:**

а) ба шаҳр;
б) барои модар;
в) гули сурх;

г) кор кардан;
ғ) ҳар кас.

**2. Аз мисолҳои зерин ибораи исмиро ёбед:**

а зарди паст;
б) дар хона;
в) Зарафшон;
г) нони гарм;
ғ) дида буд.

**3. Ибораи сифатиро нишон диҳед:**

а) ба худаш;
б) калони хуб;
в) дарёи сероб;
г) соати даҳ;
ғ) мани пир.

**4. Ибораи шуморагиро ёбед:**

а) аз мо камтар;
б) девори қалъа;
в) сеи моён;
г) ба шаҳр;
ғ) компютери синф.

**5. Ибораи зарфӣ кадом аст:**

а) хеле зиёд;
б) китоби ӯ;
в) оид ба дарс;
г) як сол;
ғ) дар он.

**6. Ибораи феълиро ёбед:**

а) хонаи зебо;
б) китобро хондан;
в) ин бача;
г) нон ва чой;
ғ) бачаи хуб.

# ҶУМЛА

**Машқи 283.** Матнро хонед.

## ҶАНГОВАРИ ТОҶИК — ТЕМУРМАЛИК

...Темурмалик барои расонидани ҷавонони ҷанговар тайёрӣ медид. Аз ҷавонони Хуҷанд ҳазор нафарро интихоб кард. Онҳо хеле пурқувват буданд.

Темурмалик ба онҳо таълими ҳарбӣ дод. Дар кор фармудани яроқҳои ҳарбӣ ба ҷавонон маслиҳат медод. Пас аз тайёрии зиёд ба ҷанг хабар омад, ки ба Хуҷанд чингизиён наздик расидаанд. Темурмалик барои ҷанг шаш киштиро ҳозир кард...

*Садриддин Айнӣ*

**Супориш:** Муайян кунед, ки матн аз чанд ҷумла иборат аст. Дар охири ҷумлаҳо чӣ гуна аломат гузошта шудааст?

**Машқи 284.** Аз маҷмӯи калимаҳо ҷумлаҳо тартиб диҳед.

а) овард, анор, модарам, ширин,
б) Фарангис, фаъол, талаба, мо, аст, синф.

**Машқи 285.** Хонед, гӯед, ки дар бораи Ҳабиба чиҳо гуфта шудааст.

## ДУГОНАИ МАН

Хонандагони синфи мо бо ҳамдигар дӯст ва меҳрубонанд. Ҳабибаро дар синф ҳамаамон эҳтиром мекунем. Ӯ дарсҳоро бо диққат гӯш ме-

кунад. Ҳабиба толибаи болаёқати синф аст. Ҳамчунин вай боодоб ва рафиқи хуб мебошад. Бо ҳамаи мо як хел муносибат мекунад. Дар иҷрои вазифа, махсусан, фанни математика ба мо ёрӣ медиҳад.

Дар синфи мо ҳама хубхону аълохонанд.

> Калимаҳои бо ҳам алоқаманд **ҷумларо** ташкил медиҳанд.
>
> Ҷумла як фикрро мефаҳмонад. Калимаҳои алоҳида дар таркиби ҷумла бо ёридиҳандаҳои забон алоқаманд мешаванд.

**Машқи 286.** Калимаҳоро бо ҳам алоқаманд намуда, ҷумла созед ва нависед.

а) баромадан гирифт, абрҳо, сафед, байн, офтоб, нисфирӯзӣ.

б) шуданд, гул, сабза, кӯҳсорон, лабрез.

в) зебо, мебароянд, чидан, бачагон, фасл.

г) ғамхорӣ мекунад, бачагон, барои, президент, мо, республика.

**Машқи 287.** Хонед. Мазмуни матнро нақл кунед.

## ҲАЛИМА

Ҳалима як даста рӯзномаи тозаро бардошта, назди бобояш омад. Аҳмадбобо ба норбон баромада мева мечид. Ногоҳ чашми Ҳалима ба море афтод, ки аз таги девор хазида мебаромад. Ҳалима инро ба бобояш гуфт. Бобо зуд аз норбон фуромад. Ӯ даҳони мӯзаро бо як дасташ маҳкам кард. Бо пои росташ мӯзаро кӯф-

тан гирифт. Баъд мӯзаро афшонд. Аз даруни он мори ало афтид. Мор беҷон буд.

*Пӯлод Толис*

**Супориши 1:**

Аз рӯи матн ба саволҳо ҷавоб нависед.

1. Ҳалима ба назди кӣ омад?
2. Бобояш чӣ кор мекард?
3. Ҳалима чиро дид?
4. Мор ба куҷо даромад?
5. Бобо чӣ кор кард?

**Супориши 2:**

Гӯед, ки ҷавоби ба саволҳо навиштаатон аз чанд ҷумла иборат аст.

**Супориши 3:**

Дар сохтани ҷумлаҳо ғайр аз калимаҳои асосӣ боз аз кадом ёридиҳандаҳо истифода бурдед.

**Машқи 288.** Талабагони синфи чорум дар бораи табиат иншо навиштаанд. Яке аз онҳо — Нодир чунин иншо навиштааст:

## ФАРОШТУРУК

Бо ҷӯраҳоям ба боғи деҳаамон ба сайру гашт рафтам. Мо бачаеро дидем, ки як фароштурукро зада маҷрӯҳ кардааст. Мо ӯро сахт ҷанг кардем. Ман фароштуруки маҷрӯҳро ба хона овардам. Ҷои яраашро муолиҷа намудам. Пас аз чанд рӯз ӯро сар дода гуфтам.

— Аз бачаҳои ганда эҳтиёт шав! Мо, бачаҳо, бояд паррандаҳоро эҳтиёт кунем. Онҳо барои табиат ва ҷамъият фоидаоваранд. Барои онҳо бояд лона созем ва хӯрок дода бонӣ кунем.

**Супориш:** Шумо ҳам мисли Нодир як иншоча нависед. Иншоро ин тавр сар кунед:

Охири зимистон, ҳама ҷо аз барф сап-сафед шуда буд. Паррандагон ҳам аз хунукӣ ва ҳам аз гуруснагӣ чириқ-чириқ мекарданд...

**Машқи 289.** Хонед. Гулҳои баҳориро номбар кунед.

## ГУЛИ БОЙЧЕЧАК

Гули бойчечак охирҳои зимистон аз замини мулоиму нарм рӯида мешукуфад. Албатта, ба ин офтоби гарми баҳорӣ низ таъсир мекунад.

Ин гул аз омадани фасли баҳор дарак медиҳад. Бойчечак дар назди садбаргу савсан, наргису хайрӣ барин гулҳои назаррабои зебову хушбӯй намуде надорад.

Қадаш ҳамроҳи решаи пиёзакаш як қади ангушт барин. Танаш ба банди пиёзи кабуд монанд. Гули он зард аст.

*Раҷаб Амонов*

**Супориш:** Номи гулҳои баҳориро нависед ва ба ҳар яки он ҷумла тартиб диҳед.

**Намуна:** савсан, лола ...
Гули савсан ранги бунафша дорад.

**Машқи 290.** Хонед. Гӯед, ки дар васфи Ватан чиҳо гуфта шудааст.

## ВАТАН

Ватан аз дилҳо,
Мебарорад ғам.
Ватан одамро,

Мекунад одам,
Болу пари кас,
Ватан мебошад.
Бахтовари кас,
Ватан мебошад.
Ту бахтиёрӣ,
Эй насли озод!
Ту Ватан дорӣ,
Зебову обод!

*Мирсаид Миршакар*

**Супориш:**

1. Шеърро рӯбардор кунед ва миқдори ҷумлаҳои онро муайян созед.
2. Аввали ҳар як мисраъ бо чӣ хел ҳарф навишта шудааст?
3. Чаро дар охири ду ҷумла аломати хитоб (!) гузошта шудааст?

**Машқи 291.** Хонед. Тадбири зоғро нақл кунед.

## ЗОҒИ ДОНО

Зоғе аз зарби ташнагӣ ба ҷон расида буд. Ба ҳавлие наздик шуда кӯзаеро дид, ки камтарак об дорад. Ҳар қадар зӯр зад, нӯлаш ба об нарасид.

Зоғ фикр карда илоҷи корро ёфт. Чанд дона сангреза чида ба даруни кӯза партофт. Об боло баромад. Зоғ нӯши ҷон кард ва аз ташнагӣ бираҳид.

**Супориш:** Мазмуни матнро аз рӯи нақшаи поён нависед.

**Нақша:**

1. Ташна мондани зоғ.
2. Зоғ дар ҳавлӣ чиро дид?
3. Зоғ чиро фикр кард?
4. Тадбири зоғ.

**Машқи 292.** Хонед. Гӯед, ки дар матн сухан дар бораи чӣ меравад.

ТАЙЁРӢ БА ПАРВОЗ

Давраи парроннчак кардани чӯҷаҳо расид. Чор-панҷ фохта рӯзе чанд бор паси ҳам ба лона парвоз карда меомаданд, бо чӯҷаҳо бозӣ мекарданд. Баъд фохта бачагонашро бо нӯли худ нихта карда, нихта карда аз лона ба навда ва аз навда ба лона меронд. Падар фарзандонашро бодиққат ба парвоз тайёр мекард.

**Супориш:**

1. Дар ҷойҳои зарурӣ аломати нуқта монда, миқдори ҷумлаҳоро муайян кунед.
2. Матнро нависед.

**Машқи 293.** Бо пешояндҳои *аз, дар, бар, бо* чорто ҷумла нависед.

**Машқи 294.** Ба ҷои нуқтаҳо калимаҳои мувофиқ ва ҳиссаҳои ёридиҳанда гузошта, ҷумларо пурра намоед.

1.... ҷашн мегирем. 2. Муаллим ... сарзаниш кард. 3. Республикаи Ӯзбекистонамон ... мешукуфад. 4. Ман... дӯст медорам. 5. Бародари калониам... рафт.

**Н а м у н а :** Республикаи Ӯзбекистон пас аз соҳиб-истиқлол гардидан гул-гул мешукуфад.

**Машқи 295.** Калима ва ибораҳои зеринро истифода намуда, ҷумлаҳои пурмазмун тартиб диҳед.

Ҳосили фаровон, баҳор, мустақил, талабаи доно, маҳфили мусиқӣ.

**Н а м у н а**: Дар мактаби мо маҳфили мусиқӣ обрӯю эътибори калон дорад.

**Машқи 296.** Хонед. Гӯед, ки дар матн чанд ҷумла истифода шудааст.

### ХАТКАШОН

Шомуродака қариб 20 сол инҷониб хаткашон аст. Касбаш бисёр душвор, вале онро аз таҳти дил иҷро мекунад. Ҳар рӯз ӯ бо сумкаи пур аз рӯзномаю хат ба таги дари сокинони қишлоқа-мон меравад. Ӯ ба пиронсолон нафақа ҳам ме-орад. Бо омаданаш ҳама хурсанд мешаванд. Шомуродака паёмбари ҳамаи мост.

## АЪЗОҲОИ ҶУМЛА

**Машқи 297.** Матни зеринро хонед. Ба таҳлили ду ҷумлаи аввал эътибор диҳед. Ҷумлаҳои боқимондаи матн-ро мисли ҳамин таҳлил кунед.

### БАҲОР

Баҳор омад. Шамоли форам мевазад. Муси-чаҳо дар осмон парвоз мекунанд. Гоҳ-гоҳ бо-рони баҳорӣ меборад. Ҳаво тоза шуда, ба ҷисми кас фараҳ мебахшад.

Таҳлил менамоем:

1. Баҳор омад.

Чӣ кор кард? — **омад** — хабар аст, амалро мефаҳмонад. Чӣ омад? — **баҳор** — мубтадо аст, предметро мефаҳмонад.

2. Шамоли форам мевазад.

Чӣ кор мекунад? — **мевазад** — хабар аст, амалро мефаҳмонад. Чӣ мевазад? — **шамол** — мубтадо аст, предметро мефаҳмонад. Шамол чӣ хел мевазад? — **форам** — муайянкунанда аст, аломати предмет — мубтадоро мефаҳмонад.

**Машқи 298.** Ҷумлаҳоро рӯбардор намуда, таҳлил кунед.

1. Муаллим омад. 2. Талабагон ба тамошо рафтанд. 3. Паррандагон парвоз карданд. 4. Бачагони қишлоқ ба подабонӣ баромаданд.

**Намуна: чӣ кор карданд?** — баромаданд — хабар, амалро мафаҳмонад. **киҳо баромаданд?** — бачагон — мубтадо, предметро мефаҳмонад.

**Машқи 299.** Матнро нависед ва ҷумлаҳои чоруму панҷумро таҳлил намоед.

## ГУЛИ ЛОЛА

Лоларо ҳама дӯст медоранд. Вай ороиш ва назокати баҳор аст. Лола ҳамнишини бунафша, зебу ородиҳандаи дашту саҳро мебошад. Баҳорон халқ барои сайри лола ба лолазор мебароянд. Писарон ва духтарон лола мечинанд. Духтарон лоларо дар баногӯши худ ҷой медиҳанд.

**Намуна:** Лоларо ҳама дӯст медоранд.
*чӣ кор мекунанд?* — дӯст медоранд — **хабар.**
*киҳо дӯст медоранд?* — ҳама — **мубтадо.**

Калимаҳо дар ҷумла бо ҳам алоқаманд шуда, **аъзои ҷумларо** ташкил медиҳанд. Аъзоҳои ҷумларо ба воситаи савол муайян мекунем. Инҳо мубтадо, хабар, муайянкунанда, пуркунанда ва ҳол мебошанд.

**Машқи 300.** Хонед. Мазмуни матнро нақл кунед.

## СОАТҲОИ БЕШАГӢ

Вақти таътил ман ба деҳа ба назди бобоям меравам. Бобои ман бешабон аст. Вай ҳаёти растаниҳо ва ҳайвонотро хуб медонад. Ман аз бобоям сиру асрор ва аҷоиботро омӯхтам.

Ҳоло ман дар бораи як воқеа нақл мекунам. Рӯзе ҳамроҳи бобоям дар беша гардиш кардем. Ба ҷое расидем, ки гулҳои бисёр шукуфта буд. Бобоям ба гуле нигоҳ карда гуфт: оҳо, соат аллакай панҷ шудааст. Ӯ ба ман фаҳмонид, ки аз рӯи гулҳо вақтро фаҳмидан осон аст. Инро аз рӯи вақти шукуфтан ва пӯшидашавии ғунчаҳо муайян кардан мумкин аст.

**Супориш:** ҷумлаҳои якум, чорум ва панҷумро навишта, таҳлил кунед.

**Намуна:** Вақти таътил ман ба деҳа назди бобоям меравам. *Чӣ кор мекунам?* Меравам — **хабар.** Кӣ меравад? ман — **мубтадо.** *Кай меравам?* Вақти таътил — **ҳоли замон.** *Ба куҷо меравам?* Ба деҳа — **ҳоли макон.**

**Машқи 301.** Хонед. Гӯед, ки дар матн сухан дар бораи *кӣ?* ва *чӣ?* меравад.

## ОРИФҶОН

Ҳаво гарм шуд. Шамоли форам навдаҳои дарахтонро алвонҷ медод. Гулҳои шафтолу ва себ аз нав ханда мекарданд.

Орифҷон шоду масрур буд. Вай қанотҳои мусичаҳоро сила намуд. Баъд онҳоро ба ҳаво сар дод. Мусичаҳо дар осмони нилгун хурсандона бол кушоданд.

**Супориш:** Матнро рӯбардор карда, ҷумлаҳоро таҳлил намоед.

**Машқи 302.** Матнро хонед. Гӯед, ки Анварҷон аз падараш чӣ пурсид.

## МУФТХӮР

Падари Анварҷон якчанд оила занбӯри асал дорад. Вай ҳар дафъа қуттиҳоро кушода занбӯрҳои калон-калонашро чида мепартояд.

Боре Анварҷон аз падараш пурсид:

— Дада, барои чӣ ин занбӯрҳоро чида мепартоед?

— Чунки онҳо муфтхӯр, писарам.

— Дада, муфтхӯраш-чӣ?

— Муфтхӯраш ҳамин ки кор накарда мехӯрад. Оручаҳои майда ба ҷойҳои дурудароз рафта, гарду шарбати гулҳоро бо худ оварда, хоначаҳояшонро пур мекунанд. Фарбеҳҳояшон аз хона набаромада муфтхӯрӣ мекунанд. Дар натиҷа онҳо фарбеҳ мешаванд. Ба ҷои фоида зарар меоранд.

— Ин чӣ хел ганда-а?

— Албатта, ганда. Кор мекардагиҳояш бақувват. Саломатиашон ҳам хуб мешавад.

Анварҷон ба дасту кифтҳояш нигоҳ карда гуфт:

— Дада ман чӣ кор кунам?

— Аз модарат рафта пурс, ҳар чӣ кор фармояд, иҷро бикун, — ҷавоб дод падар.

**Супориш:** Матнро бодиққат хонед ва ҷумлаҳоро ёбед, ки аъзои он ба саволҳои зерин ҷавоб шаванд.

**Саволҳо:**

1. Кай? кӣ? аз кӣ? чӣ кор кард?
2. Мо дар бораи аъзоҳои ҷумла чӣ медонем?
3. Аъзоҳои ҷумларо ба воситаи чӣ муайян мекунанд?

## МУБТАДО ВА ХАБАР — АЪЗОҲОИ АСОСИИ ҶУМЛА

Мубтадо ва хабар сараъзои ҷумла мебошанд. Муайянкунанда, пуркунанда ва ҳол аъзоҳои пайрави ҷумла мебошанд. Мубтадо ба саволҳои *кӣ? киҳо? чӣ? чиҳо?* ва хабар ба саволҳои предмет *чӣ кор мекунад? чӣ кор кард? чӣ мешавад?* ва ғайра ҷавоб мешаванд.

Ба зери мубтадо як хат ——— ба зери хабар ду хат ═══ кашида мешавад.

Масалан: Ҷавонон аз душвориҳо наметарсанд. Киҳо наметарсанд? — ҷавонон — **мубтадо,** чӣ кор мекунанд? — наметарсанд — **хабар.** Аз чиҳо наметарсанд — аз душвориҳо — **пуркунанда.**

**Машқи 303.** Ба таҳлили грамматикии ҷумлаи якум эътибор дода, ҷумлаи дуюмро таҳлил намоед.

| | | |
|---|---|---|
| 1. **Кай? кӣ?** | **аз куҷо?** | **чӣ кор мекардам?** |
| Рӯзе ман | аз боғ | мегузаштам. |

2. Бачагон ба бозӣ рафтанд.

> *Кӣ мегузашт?* — Ман. *Чӣ кор мекардам?* — мегузаштам. *Кай?* — рӯзе. *Аз куҷо?* — аз боғ. К*ӣ? Чӣ кор мекардам?* Ман, мегузаштам. *Кай? Аз куҷо?* Рӯзе, аз боғ
>
> Кадоме аз ин гурӯҳҳо ҷумларо ташкил кардаанд?

**Машқи 304.** Хонед ва гӯед, ки дар матн дар бораи деҳқон чиҳо гуфта шудааст.

ҶАҲОНРО ХУРРАМӢ АЗ ДЕҲҚОН АСТ

Бачагони азиз! Мову шумо дар шароити хубе зиндагонӣ мекунем. Ҳамеша рӯи дастархонамон аз неъмати муқаддас — нон ва дигар меваҳои хуштамъ пур аст. Оё шумо бачаҳо фикр мекунед, ки ҳамаи ин нозу неъмат аз куҷо меояд, онҳоро кӣ меофарад?

Сару либосе, ки мепӯшем, пеш аз ҳама аз меҳнати кӣ ба вуҷуд меояд? Ҳамаи он аз меҳнати деҳқонон ва боғдорон офарида мешавад. Аз ин рӯ, касби деҳқонӣ аз давраҳои қадим муқаддас ҳисобида мешуд. Ҳама ба он ниёз доштанд.

Шоир дар васфи деҳқонон гуфтааст:

Ҷаҳонро хуррамӣ аз деҳқон аст,
Аз ӯ гаҳ зар, гоҳе бӯстон аст.

**Супориш:** Ҷумлаҳоеро нависед, ки аъзоҳои он ба саволҳои зерин ҷавоб диҳанд.

Кӣ? дар васфи кӣ? чиҳо? чӣ гуна? чӣ кор кардааст?

Ба зери мубтадо як хат (______) ва ба зери хабар ду хат (======) мекашанд.

Талабагон ба саҳро рафтанд.

Чӣ кор карданд? — рафтанд — хабар.
Киҳо рафтанд? — талабагон — мубтадо.

**Машқи 305.** Хонед. Гӯед, ки соч чӣ гуна парранда аст.

## СОЧ

Шумо субҳи офтобӣ ба наѓмасароии паррандаҳо гӯш андозед. Онҳо аз ҳавои гарм наѓмасароӣ мекунанд. Дар моҳи март соч селаи азимеро ташкил менамояд. Соч моҳи март аз Ӯзбекистон ба тарафи шимол парида меравад. Онҳо дар ҳамон ҷо ҷӯҷа мебароранд.

**Супориш:** Матнро рӯбардор намуда, зери мубтадо як хат ва зери хабар ду хат кашед.

**Намуна:** Шумо субҳи офтобӣ ба наѓмасароии паррандаҳо гӯш андозед.

**Машқи 306.** Хонед. Гӯед, ки дар матн сухан дар бораи киҳо меравад.

## САЛОМ, ОФТОБ!

Субҳ навакак дамидааст. Дар бағали кӯҳсор ду ҷавон танҳоанд. Чор тараф кӯҳ. Домани кӯҳҳо сарпӯш. Дар тарафи чап шаршараи баланде мерезад. Дар поён рӯд ҷорист. Аз паси қуллаҳо офтоб оҳиста-оҳиста сар мекашад. Вай аз дур чун лаъли заррин метобад. Духтар дар лаби тахтасанге нишастааст. Вай тулӯи офтобро тамошо мекард...

**Супориш:** Ҷумлаҳоро хонед, аз таркиби онҳо танҳо мубтадою хабарро ҷудо кунед ва алоҳида нависед.

1. Кай? кӣ? аз кӣ? чӣ кор кард?

Ҷумлаи 1. Субҳ навакак дамидааст.

Чӣ кор кардааст? дамидааст — **хабар;** чӣ дамидааст? Субҳ — **мубтадо.** Субҳ, дамидааст.

**Машқи 307.** Ҷумлаҳоеро тартиб дода нависед, ки исмҳои *Республикаи Ӯзбекистон, пахта, истиқлол, тараққиёт, иқтисодиёт, ҷавонони имрӯза* дар онҳо мубтадо шуда оянд.

**Намуна:** Иқтисодиёти имрӯзаи республикаамон пеш меравад. Чӣ кор мекунад? — пеш меравад — хабар. Чӣ пеш меравад? — иктисодиёт — мубтадо.

**Машқи 308.** Ҷумлаҳоеро тартиб диҳед, ки дар онҳо *мекорам, дӯст медорам, ҳурмат мекунанд, мехонад, бозӣ мекунанд, пешвоз мегиранд* — хабари ҷумла шуда оянд.

**Намуна:** Самарқандиён меҳмонони хориҷиро бо тантана пешвоз гирифтанд.

Чӣ кор карданд? — пешвоз гирифтанд — **хабар.** Киҳо пешвоз гирифтанд? Самарқандиён — **мубтадо.**

**Машқи 309.** Ҷумлаҳоеро тартиб диҳед, ки ба вазифаи мубтадо ҷонишинҳои *ман, шумо, онҳо, ин, вай* омада бошад.

**Намуна:** — Ин кори Собир нест! (*Сотим Улуғзода*). Чӣ нест? — кори Собир нест — **хабар.** Чӣ кори Собир нест? — ин **мубтадо.**

> Дар ҷумла бештар исмҳо ва ҷонишинҳо мубтадо шуда меоянд.

**Машқи 310.** Хонед ва мазмуни матнро гӯед.

## НОН МУҚАДДАС АСТ

Рӯзе ман аз саҳни мактаб мегузаштам. Талабагон машғули бозӣ буданд. Ногаҳон дар замин нонеро дидам, ки хоколуд буд. Онро аз замин бардоштам, ба чашмам молидам. Аз ақиб якбора садои ханда баланд шуда, маро ба ҳолати ногувор андохт. Чаро онҳо ханда карданд? Албатта, ин рафторашон барои нон беҳурматист.

**Супориш:** Матнро нависед, ҷумлаҳои 1, 2, 5, 6-умро таҳлил кунед. Гӯед, ки кадом ҳиссаҳои нутқ мубтадо шудаанд.

**Намуна:**

Чаро онҳо ханда карданд?

чӣ кор карданд? — ханда карданд — **хабар.** Киҳо ханда карданд? — онҳо — **мубтадо.**

**Машқи 311.** Шеърро хонед. Феълҳоеро ёбед, ки ба вазифаи хабар омадаанд.

## МЕҲРИ КИШВАР

Эй гулшани доимбаҳор,
Эй кишвари овозадор.
Дорам ба дил азми матин,
Дорам ба сар ақли мубин.
Ободии ҳар рӯзгор
Танҳо зи ту ёбад барор.
Меҳри ту бошад ҷовидон,
Дар синаҳо дорад макон.
Имрӯз бар навъи башар
Гаштӣ азизу мӯътабар.
Хоҳам шавӣ дар баҳру бар,
Ту боз ҳам пояндатар.

*Абдулло Қодирӣ*

**Машқи 312.** Хонед. Гӯед, ки дар матн сухан дар бораи кӣ меравад.

## ЗЕБИ САҲНА

Зери оҳанги форами мусиқӣ дар саҳна духтараке намоён шуд. Ӯ бо рабти мусиқӣ хеле зебо мерақсид. Ҳаракатҳои нозуки ин духтарча тамошобинонро ба шавқ меоварад. Ҳамин буд, ки баробари тамомшавии оҳанг ва аз саҳна рафтани раққосаи хурдакак толорро садои кафкӯбиҳои тамошобинон фаро гирифт. Мухлисон ӯро боз ба саҳна даъват мекарданд.

Ҳоло Заррина ҳамроҳи аъзоёни маҳфил барои нағз пешвоз гирифтани Соли нав тайёрӣ мебинад.

**Супориш:** Матнро рӯбардор намуда, зери мубтадо ва хабари ҷумлаҳои 1, 2, 3, 5 ва 6 хат кашед.

**Машқи 308.** Ба ҷои аломатҳо аъзоҳои мувофиқ ёфта нависед.

1. ____________
2. ____________ _ . _ . _ . _ ____________ .
3. ____________

## Худро бисанҷед:

1. Сараъзоҳои ҷумла кадомҳоянд?
2. Мубтадо чист?
3. Мубтадо ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад?
4. Хабар чист?
5. Хабар ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад?
6. Мубтадо асосан аз кадом ҳиссаҳои нутқ ифода меёбад?
7. Хабар аз чӣ ифода меёбад?
8. Ба зери мубтадо чанд хат ва ба зери хабар чанд хат мекашанд?

## САВОЛҲОИ ТЕСТӢ

**1. Сараъзоҳои ҷумла кадомҳоянд:**

а) ҷонишин ва пешоянд;
б) овоз ва ибора;
в) мубтадо ва хабар;
г) исм ва мубтадо;
ғ) хабар ва феъл.

**2. Мубтадо чист?**

а) мубтадо амалро мефаҳмонад;
б) мубтадо предмети сухан аст;
в) мубтадо исм аст;
г) мубтадо аъзои пайрав аст;
ғ) мубтадо феъл аст.

**3. Кадоме аз ин ҷумлаҳо мубтадо дорад:**

а) Албатта, мо дар мусобиқа ғолиб хоҳем омад;
б) Кори имрӯзаро ба фардо магузор;
в) Аввал андеша, баъд гуфтор;
г) Ваъда додӣ, вафо кун;
ғ) Ба мактаб рафтам.

**4. Ҷумлаеро, ки мубтадо бо исм ифода ёфтааст, ёбед:**

а) Ранҷ бурдӣ — ганҷ бурдӣ;
б) Ба саёҳат рафтанд;
в) Дониш чароғи ақл аст;
г) Ҷӯянда ёбанда аст;
ғ) Ба ӯ ёрӣ додан лозим.

## АЪЗОҲОИ ПАЙРАВИ ҶУМЛА

**Муайянкунанда** аъзои пайрави ҷумла буда, предметро аз ягон ҷиҳат муайян мекунад ва ба саволҳои *чӣ хел?, кадом?, чанд?, чандум?, кӣ?, чӣ?* ҷавоб мешавад.

**Машқи 313.** Ба ҷои саволҳо аъзоҳои пайрав гузоред.

1. Модари ман (дар куҷо?) кор мекунад. 2. Талабагон (ба кӣ?) муроҷиат карданд. 3. Ман (киро?) дӯст медорам. 4. Паррандагон (аз куҷо?) бармегарданд. 5. Китоби (чӣ хел?) харидам. 6. Зебо (чӣ тавр?) рақс мекунад.

**Машқи 314.** Ба ҷои нуқтаҳо аъзоҳои пайрави мувофиқро ёфта гузоред ва нависед.

1. Мо ... гусел кардем. 2. Хонандагони синфи ... иди ...-ро бо тантана пешвоз мегиранд. 3. Солеҳ ва Салим ... бо зодрӯз табрик намуданд.

(меҳмонро, мо, модарро, Соли нав).

**Машқи 315.** Шеърро равон ва бурро хонед.

## МАСНАВӢ

Ҷавонмардо, ҷавонмардӣ биёмӯз,
Зи мардони ҷаҳон мардӣ биёмӯз.
Дарун аз кини кинҷӯён нигаҳ дор,
Забон аз таъни бадгӯён нигаҳ дор.
Накӯӣ кун ба он, к-ӯ бо ту бад кард,
К-аз он бад рахна дар иқболи х(в)ад кард.
Чу ойини накӯкорӣ кунӣ соз,
Нагардад ҷуз ба ту он некӯӣ боз.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

**Супориш:** Аз мисраъҳои шеърӣ аъзоҳои пайрави ҷумларо ҷудо карда нависед.

**Пуркунанда** аъзои пайравест, ки ба кӣ ё чӣ нигаронида шудани амали хабари ҷумларо возеҳ мегардонад. Пуркунанда бештар бо исму ҷонишин ифода ёфта, ба саволҳои *киро?, чиро?, аз кӣ?, аз чӣ?, бо кӣ?, бо чӣ? кӣ? чӣ?* ҷавоб мешавад.

**Машқи 316.** Зарбулмасалҳоро аз ёд кунед.

1. Аз бекор — ҳама безор.
2. Марг аз қаҳрамон метарсад.
3. Як китоби хуб беҳтар аз хазинаи бузург.
4. Зинати шахс ба илму ҳунар аст.

**Супориш:** Зарбулмасалҳоро таҳлил намоед.

**Намуна:** Зинати шахс ба илму ҳунар аст.
*Ба чӣ аст?* — ба илму ҳунар аст — **хабар,** *чӣ ба илму ҳунар аст?* — зинат — **мубтадо,** *зинати кӣ — ба илму ҳунар аст?* — зинати шахс — **муайянкунанда.**

**Машқи 317.** Хонед. Гӯед, ки дар бораи паррандаҳо чиҳо гуфта шудааст.

## ДАР ИНТИЗОРИ ЧӮҶАҲО

Баҳорон ба кишвари мо паррандаҳои нав ба нав меоянд. То моҳи май кӯчидани паррандагон ба охир мерасад. Онҳо ба сохтани лона ва чӯҷабарорӣ шурӯъ мекунанд. Дар ин вақт паррандаҳо хушҳоланд.

**Супориш:** Матнро рӯбардор намоед ва ба зери аъзоҳои пайрави ҷумла хат кашед.

Хатҳо чунинанд.

~~~~~~~~ **муайянкунанда**
– – – – – – **пуркунанда**
– · – · – · – · **ҳол**

**Намуна:** Баҳорон ба кишвари мо паррандаҳои нав ба нав меоянд.
~~~~~~~~

**Машқи 318.** Ба ҷои ин аломатҳо аъзоҳои мувофиқ ёфта, ҷумларо нависед.

1. Бачаҳо – – – – – гуфтанд. 2. Тошканд шаҳри ~~~~~~ аст. 3. Духтарон _._._._ ба машина савор шуданд. 4. Соро _._._._._ ба Шодӣ нигоҳ кард.

**Намуна:** Духтарон хурсандона ба машина савор шуданд.

**Машқи 319.** Ҷумларо таҳлил намоед.

Синфи мо барои тозагӣ мубориза мебарад.

Чӣ кор мекунад?— мубориза мебарад — **хабар.** Чӣ мубориза мебарад? — синф — **мубтадо.** Синфи кӣ? — мо — **муайянкунанда** (мубтадоро эзоҳ додааст.) Барои чӣ мубориза мебарад? — барои тозагӣ — **пуркунанда** (хабари ҷумларо эзоҳ додааст.)

Мисоли дигарро худатон таҳлил кунед:

Рақси ҳиндӣ ба бачаҳо маъқул шуд.

**Аъзоҳои пайрав** дар ҷумла мубтадо ё хабарро эзоҳ медиҳанд.

**Машқи 320.** Байту ҳикматҳои зеринро аз ёд кунед ва андешаҳоятонро баён намоед.

Меҳмон кофир аст, агар диндор,
Ман ба ину ба он надорам кор.

*Камолиддин Биноӣ*

Меҳмони нохонда атои худост.

*Халқӣ*

Агар дӯст меҳмон бувад ё на дӯст,
Шабу рӯз тимори меҳмон накӯст.

*Абӯшакури Балхӣ*

Меҳмон — чун падар азиз.

*Халқӣ*

**Саволҳо:**

1. Оё шумо боз ҳамин гуна ҳикматҳоро медонед?
2. Агар ба хонаатон меҳмон ояд, шумо чӣ кор мекунед?
3. Барои чӣ «Меҳмон — чун падар азиз» мегӯянд?

**Машқи 321.** Хонед. Пеш аз навиштан ба ҷои саволҳо аъзоҳои пайрави мувофиқро гузоред.

1. Офтоби (чӣ хел?) баромад. 2. Ман (чиро?) мешӯям. 3. (Кай?, ба куҷо?) меҳмон омад. 4. Шодӣ (ба чӣ?) мақола навишт. 5. Рустам (ба кӣ?) мактуб фиристонид. 6. (Аз куҷо?) ҷӯби (чӣ хел?) мегузарад.

**Ҳол** аъзои пайрави ҷумла буда, *замон, макон, сабабу мақсад, тарз ва миқдору дараҷаи амалро* мефаҳмонад.

Ҳол ба саволҳои *кай?, аз кай?, то кай?, куҷо?, ба куҷо?, аз куҷо?, чаро?, ба кадом сабаб?, чӣ тавр?, чӣ тарз?, чӣ қадар?* ҷавоб мешавад.

**Машқи 322.** Ба ҷои саволҳо калимаҳои мувофиқро гузошта, ҷумла созед. Хелҳои ҳолро ба воситаи савол муайян намоед.

*Намуна*: Киҳо? кай? ба куҷо? чӣ кор мекунем? — Мо пагоҳ ба Тошканд меравем.

1. Кӣ? кай? ба куҷо? чӣ кор мекунем?
2. Кай? дар куҷо? чӣ? чӣ мешавад?
3. Кӣ? чӣ қадар? кай? чӣ кор карданд?

**Машқи 323.** Дар хона оид ба фасли тобистон дар ҳаҷми 7—10 ҷумла иншое нависед. Аз он панҷ ҷумлаи соддаро ёфта, таҳлил намоед.

Иншоро тахминан чунин оғоз кунед:

Тобистон фасли хуби сол аст. Ҳамаи бачагон ин фаслро дӯст медоранд. Чунки онҳо аз бозӣ сер мешаванд...

**Машқи 324.** Афсонаи зеринро хонед ва мазмунашро нақл кунед.

## ШЕР ВА ЧӮПОН
(Афсона)

Ба пои шере хор халид. Шер аз дард ба танг омада, назди чӯпоне рафта кӯмак хост. Чӯпон хорро кашида гирифт. Шер ба хонааш рафт.

Рӯзе подшоҳ чӯпонро ба коре гунаҳкор карда фармуд, ки ӯро пеши шер партоянд. Шер ба чӯпон меҳрубонӣ кард. Подшоҳ ҳайрон шуд. Баъд аз гуноҳи чӯпон гузашт ва ӯро озод кард.

**Супориш:** Мазмуни афсонаро ба дафтаратон нависед.

**Саволҳо:**

1. Чаро шер назди чӯпон рафт?
2. Подшоҳ ба чӯпон чӣ гуна ҷазо дод?

3. Шер чӣ кор кард?
4. Ба чӣ маҷбур шуд?

**Машқи 325.** Ба ҷои нуқтаҳо аъзоҳои пайрави мувофиқро ёфта, нависед.

Наврӯзи ... омад. Кӯҳсорон ... лабрез шуданд. Дашту саҳро ... чодари ... гирифт. Обшорон ... мехонанд. Кӯдакон ... мебароянд. Насими ... мевазад. Худи табиат ... ҳаловат мебахшад.

**Машқи 326.** Аз аъзоҳои пайрави ҷумла истифода бурда, ҷумлаҳо созед.

Ба Ватан, рангоранг, мисли кӯдак, озодона, бо талабагон, бачагонро, хеле, дар мактаби мо.

**Намуна:** Наргис озодона шеър мехонд.

**Машқи 327.** Байтҳои зеринро хонед, маънидод намоед ва аз ёд кунед.

1. Ҳеҷ шодӣ нест андар ин ҷаҳон,
Бартар аз дидори рӯи дӯстон.
Ҳеҷ талхӣ нест дар дил талхтар,
Аз фироқи дӯстони пурҳунар.

*Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ*

2. Ҳамон дӯстӣ ба касе кун баланд,
Кӣ бошад ба сахтӣ туро ёрманд.

*Абулқосим Фирдавсӣ*

3. Касе к-аз дӯстӣ берун ниҳад пай,
Дар оини вафо саг беҳтар аз вай.

*Бадриддин Ҳилолӣ*

**Машқи 328.** Худро бисанҷед. Дар сутуни якум ҷумлаҳои кӯтоҳ бо сараъзоҳо — мубтадою хабар, дар сутуни дуюм аъзоҳои пайрав дода шудаанд. Аз ҳар ду сутун истифода бурда, ҷумларо пурра намоед ва нависед.

| | |
|---|---|
| 1. Дарс сар шуд. | дар лаби ҷӯй |
| 2. Офтоб баромад. | кӯҳҳоро |
| 3. Бунафша мерӯяд | дар мамлакати мо |
| 4. Дастҳо талқон карданд | ба борон |
| 5. Токпарварӣ тараққӣ кардааст. | аз паси кӯҳҳои баланд. |
| 6. Жола мубаддал шуд. | дар мактаб. |

**Машқи 329.** Аз рӯи расм ҳикоячае нависед. Ба зери сараъзо ва аъзоҳои пайрав хат кашед.





**Машқи 330.** Ҷумлаҳоро нависед ва гӯед, ки кадом аъзоҳои ҷумла чида шудааст.

1. Сурайё, Гулчеҳра, Дилфузаю Нодира дар маҳфили «Дастони моҳир» иштирок мекунанд.

2. Дарахтони олу, себ, гелос, бихӣ ва зардолу гул кардаанд. 3. Талабагон мавзӯи дарсро мешунаванд ва менависанд. 4. Бачагон хишт, чӯб ва сангҳоро ба як ҷо ҷамъ карданд. 5. Дар мактаб, кӯча, хона ва ҳама ҷо мо бояд калононро ҳурмат кунем.

**Намуна:** Олу, себ, гелос, бихӣ ва зардолу — муайянкунандаи чида аст.

Дар ҷумла сараъзоҳо (мубтадо ва хабар) ва аъзоҳои пайрав (муайянкунанда, пуркунанда ва ҳол) дуто ё зиёд бошанд, **аъзои чида** меноманд.

**Машқи 330.** Хонед ва аъзоҳои чидаи ҷумлаҳои матнро ёбед.

## ДЕҲА

Деҳа мисли қалъаҳои қадима бар болои тали баланде ҷой гирифта буд. Сокинони он кайҳо ба заминҳои Мирзочӯл кӯчида рафтаанд. Онҳо хонаву ҷой кардаанд, муқимӣ шудаанд. Деҳаи пешин имрӯз қариб, ки холиву бекас аст. Сукунати онро танҳо шав-шуви оби сой ва нағмаи мурғони баҳор халалдор мекунаду бас. Соҳилҳои рӯдро буттаҳои худрӯи беду сафедор, олучаю дӯлона ва дигар дарахтон печонда гирифтаанд.

*Баҳром Фирӯз*

# ТАКРОРИ СОЛОНА

## Исм

**Машқи 331.** Шеърро хонед, калимаҳои бо ранги сиёҳ навишташударо ба исмҳои хос ва ҷинс табдил дода нависед.

СИТОРА

Шабҳо чароғи роҳӣ,
**Равшан** ба мисли моҳӣ.
**Зебову** хушнамоӣ,
Баҳ-баҳ, чӣ хушнигоҳӣ.
Тобандаву қашангӣ,
**Алмоси** тоҷи шоҳӣ.
Чашмак бизан **ситора,**
Аз ман макун канора.

*Аббоси Яминшариф*

**Намуна:** алмос — Алмос

**Машқи 332.** Исмҳои хос ва ҷинсро муайян карда дар алоҳидагӣ ба дафтаратон нависед.

Шаҳр, Бухоро, республика, Ўзбекистон, ноҳия Нурато, рўзнома, «Овози тоҷик», афсона, «Ҳафт додарон», модаркалон, Фотима, шоир, Мирсаид Миршакар, паҳлавон, Рустам, деҳқон, Абдурасул.

**Машқи 333.** Аз исмҳои танҳои зерин исмҳои ҷамъ созед.

Тадбиргар, корчалон, фермер, савдогар, тиҷоратчӣ, харидор, фурўшанда, ҳунарманд, қассоб, ронанда.

**Машқи 334.** Фикр карда, ба дафтаратон исмҳои ҷинс нависед, ки онҳо исмҳои хос ҳам бошанд.

**Намуна:** ситора (ҷирмҳои осмон, исми ҷинс)— Ситора (номи духтарбача, исми хос), райҳон (номи гул, исми ҷинс) — Райҳон (номи духтарбача, исми хос), рафиқ (дӯст, исми ҷинс) — Рафиқ (номи писарбача, исми хос).

## Сифат

**Машқи 335.** Сифатҳои зеринро ба исмҳои мувофиқ алоқаманд карда, ба дафтаратон нависед.

Хунук, сафед, сахт, хурд, кӯҳна, вазнин, равшан, хуб, танг, шӯр, паст, ғафс, хароб.

**Намуна:** оби хунук.

**Машқи 336.** Аз дараҷаҳои оддии сифатҳои зерин бо пасвандҳои **-тар** ва **-тарин** дараҷаи муқоисавӣ ва дараҷаи олӣ созед.

Сахт, равшан, талх, бад, торик, беҳ, чуқур, дур, баланд, зӯр, вазнин.

**Намуна:** сахт, сахттар, сахттарин.

**Машқи 337.** Матнро хонед, сифатҳоро ба дафтаратон нависед ва ба онҳо саволҳои мувофиқ гузоред.

### МӮРЧАИ СИЁҲАК

Дар канори қишлоқ мӯрчаҳои хурд, калон ва сиёҳу зард ҳамсоя буданд. Рӯзе як мӯрчаи хурдтараки сиёҳак донаи гандум ёфт. Вай зӯр зад, зӯр зад, аммо донаи гандумро бардошта натавонист. Мӯрчаи сиёҳак ёронашро ба ёрӣ даъват накард. Вай мехост, ки худаш танҳо донаи гандумро ба хонаашон бардошта барад

ва ҳама ба ӯ таҳсин гӯянд. Дар ин вақт як мӯрчаи калони зард омад ва донаи гандумро бардошта бурд. Мӯрчаи сиёҳак худ ба худ гуфт:

— Афсӯс, ҷӯраҳоямро ба ёрӣ чеғ назадам!

**Машқи 338.** Калимаҳои зеринро ба дафтаратон нависед, пасвандҳои сифатсозро аз реша бо хатча (-) ҷудо кунед.

Рангин, кӯҳӣ, соягӣ, алафин, обӣ, баҳорӣ, сангин, мевагӣ, кунҷитин, офтобӣ, хонагӣ, қандин, намакин, тунукагӣ, чӯбин, корӣ, пахтагӣ.

## Феъл

**Машқҳои 339—340.** Шеърро хонед, феълҳо, ҳиссаҳои нутқашро муайян карда дар алоҳидагӣ ба дафтаратон нависед.

### АЙЁМИ БАҲОР

Шабона борид, борони гулкор
Насиме вазид аз сӯи кӯҳсор.
Чашми рӯз кафид, баромад Офтоб
Замину осмон гардид пуртоб.
Омад баҳорон бо боду борон,
Дилро навозад хуршеди хандон.
Чашмаҳо дар ҷӯш рӯдҳо пурхурӯш
Суруди обшор мерасад ба гӯш.
Ҳаво мусаффо чун обаки соф,
Шохи дарахтон чу мӯйи навбоф.
Омад баҳорон бо боду борон,
Дилро навозад хуршеди хандон.

*Асад Гулзодаи Бухороӣ*

**Машқи 341.** Аз ҷумлаҳои зерин феълҳоро ба замонҳо ҷудо карда, ба дафтаратон нависед.

Ӯ меояд. Ӯ омад. Ӯ хоҳад омад. Мо медӯзем. Мо дӯхтем. Мо хоҳем дӯхт. Ман мехонам. Ман хондам. Ман хоҳам хонд. Ту мепазӣ. Ту пухтӣ. Ту хоҳӣ пухт. Онҳо мегиранд. Онҳо гирифтанд. Онҳо хоҳанд гирифт. Шумо мехаред. Шумо харидед. Шумо хоҳед харид.

**Намуна:** Замони ҳозира:

Замони гузашта:

Замони оянда:

**Машқи 342.** Ҷумлаҳои зеринро ба дафтаратон нависед ва ба ҷои нуқтаҳо феълҳои замони ҳозира гузоред.

| Феълҳои замони ҳозира |
|---|
| Ман аз мактаб ...... |
| Ту аз мактаб ...... |
| Ӯ аз мактаб ...... |
| Мо аз мактаб ...... |
| Шумо аз мактаб ...... |
| Онҳо аз мактаб ...... |

**Машқи 343.** Ҷумлаҳои зеринро хонед, фикр кунед, ки феълҳо кадом замонро мефаҳмонанд.

1. Шодӣ оббозӣ мекунад. 2. Нӯъмон пагоҳ оббозӣ мекунад. 3. Ту аз кино меоӣ? 4. Ту пагоҳ ба назди ман меоӣ. 5. Мо пагоҳ тирезаҳоро мешӯем. 6. Мо бегоҳӣ тирезаҳоро мешӯем.

**Машқи 344.** Бо феълҳои замони ҳозира, гузашта, оянда яктогӣ ҷумла нависед.

## Шумора

**Машқи 345.** Бо илова кардани пасвандҳои **-ум, -юм** ададҳоро бо ҳарф нависед.

21, 29, 30, 35, 44, 48, 53, 58, 66, 67, 73, 79, 88, 89, 96, 99

**Машқи 346.** Бо интихоби шумораҳои тахминӣ ҷумлаҳо тартиб диҳед.

**Намуна:** Шахсони аз дур намоён шуда панҷ-шаш нафаранд.

**Машқи 347.** Шашто шумораҳои касриро аввал бо адад ва сонӣ бо ҳарф нависед.

**Машқи 348.** Тезгӯякҳоро такрор кунед ва баъд аз он шумораҳояшро номбар кунед.

Панҷу ду панҷ понздаҳ чилучору шонздаҳ.
Аз як дара себ омад, аз як дара сел.
Шаб се шамъ андар сарой рӯшноӣ кунад.

**Машқи 349.** Санаҳои моҳи майро аввал бо адад ва сонӣ бо ҳарф нависед. Сохту таркиби шумораҳоро номбар кунед.

## Ҷонишин

**Машқи 350.** Ҷонишинҳои шахсиро ба хотир оред ва онҳоро аз рӯи шахсу шумора ба гурӯҳҳо тақсим карда нависед.

**Машқи 351.** Исмҳои хоси ҷумлаҳои зеринро муайян кунед, онҳоро бо иваз кардани ҷонишинҳои шахсӣ ба дафтаратон рӯбардор кунед.

1. Ҳусайн аз устохона болғаю арра, рандаю исканаҳоро гирифта баромад. 2. Таҳмина духтараки хушфеъл аст. 3. Айнӣ бисёр асарҳои пурқимат навиштааст. 4. Духтараки ҳамсояи мо Латифа дар гирди гулҳояш парвона шуда мегардад.

**Машқи 352.** Бо интихоб ва корбасти ҷонишинҳои шахсӣ ҷумлаҳо тартиб диҳед.

**Машқи 353.** Шеърро хонед, исм ва феълҳояшро муайян карда, ба дафтаратон рӯбардор кунед.

## ХОБ ОМАД

Хоб омаду хоб омад
Аз сӯи Варзоб омад,
Аз бари Анзоб омад,
Лаб-лаби Такоб омад.
Ба хонемон омад об
Бо бӯи гули Яғноб.
Хоб омаду якбора
Даромад ба гаҳвора.
Нӯг-нӯги пойи Бону
Оҳиста рафт то зону.
Бӯсид ду дасти Бону,
Лабҳои хандони вай,

Ҳатто ду дандони вай.
Ханда ба лаб, рӯ маҳтоб,
Бонухонам рафт ба хоб.

*Маҳбуба Неъматзода*

**Машқи 354.** Матнро хонед, воситаи алоқа ва аъзоҳои чидаро муайян кунед.

Ман деҳаи хурдакаки худро хеле дӯст медорам. Деҳаи моро аз чор тараф кӯҳҳои осмонбӯси сар ба фалаккашида печонидаанд. Баҳору тобистони деҳаи мо назаррабост. Ҳама ҷой бо қолини сабз рӯйпӯш, дарахтон ғарқи гулу мева, кӯҳу ёна ҳама гулпӯш, аз шохсорон навои кабку булбул ба гӯш мерасад.

**Машқи 355.** Аъзоҳои ҷумлаҳоро бо саволҳояшон муайян кунед.

1. Ду рӯз боз беором борон меборад. 2. Овозаш басе ширадор буд. 3. Осмони пурситора хеле наздик менамуд. 4. Нобино дасти ӯро фишурд. 5. Аз ҳаво намреза meборид. 6. Духтарҳо хайрухуш карда, роҳашонро давом доданд. 7. Ман ва бачагони дигар дар пеши созандагон ғун шуда онҳоро тамошо мекардем.

**Машқи 356.** Дар мавзӯи «Забони хушам — посбони сарам» матне тартиб диҳед. Аз таркиби матн ҷумлаҳои дилхоҳатонро интихоб карда, даҳонӣ ва хаттӣ таҳлил кунед.

**Машқи 357.** Нависед, муайян намоед, ки кадом аъзои ҷумла чида шудааст.

## ГУЛДӮЗӢ

Гулдӯзӣ дар байни занону духтарони тоҷик аз қадим расм шудааст. Гулдӯзии тоҷикӣ нақшу нигор, тарзи дӯхти махсус дорад. Курта, рӯмол, чодару болин, тоқию сачоқ ва дигар анҷомҳои рӯзгор нозуку дилрабо гулдӯзӣ карда мешаванд.

Дар ноҳияҳои кӯҳсори тоҷикнишин занону духтарон бо ин касб машғул мешаванд. Дар рӯи матоъ аз риштаҳои рангин эъҷозҳо меофаранд.

**Намуна:** занону духтарон — пуркунанда

**Машқи 358.** Хонед ва мазмунашро нақл кунед.

## РАМЗИ СУЛҲ

Борон қатъ гардид. Шамоли форам вазида ба димоғ бӯи гулу сабзаҳоро овард. Навдаҳои дарахтони себ, шафтолу, ток, зардолу алвонҷ дода, хишир-хишир садои дилнавоз мебароварданд. Оби ҷӯйча аз ҳарвақта дида тезтар ҷорӣ мешуд.

Ман ин манзараро тамошо мекардам, ки тирезаро бод пӯшонд. Аз гӯшаи боми хона чизе парида ба шохи дарахти нок нишаст. Ин кабӯтар буд. Аз паси ӯ кабӯтари дигар парида омаду дар паҳлӯяш нишаст. Онҳо бозикунон аз як шохча ба шохчаи дигар мепариданд. Манзара боз ҳам хушрӯй шуд.

Тирезаро кушодам. Ин дафъа кабӯтарон ба сӯи осмони софу беғубор парвоз карданд. Май-

лаш, бигузор онҳо баландтар парвоз кунанд. Бигузор аз парвози онҳо осмон ҳусн гирад!

**Супориш:**

1. Ҷумлаҳои чидааъзоро ёбед.
2. Муайян кунед, ки кадом аъзоҳои ҷумла чида шудаанд.?
3. Ҷумлаи «Оби ҷӯйча аз ҳарвақта дида тезтар ҷорӣ мешуд»-ро таҳлил кунед.

**Машқи 359.** Иншочаеро дар мавзӯи «Фасли баҳор» нависед. Дар 3 ё 4 ҷумлаи он аъзоҳои гуногуни ҷумла чида шуда бошанд. Иншочаро тахминан чунин сар кунед:

Фасли баҳор аст. Дарахтони себ, олу, зардолу, нок, олуболу ва гелос кайҳо гул кардаанд. Дар зери шохи дарахтони гулкарда ...

**Машқи 360.** Ҷумлаҳоро нависед ва таҳлил кунед.

1. Аз мағозаи супермаркет қалам, дафтар, ҳисобкунак (калкулятор), ручкаи ранга харидам. 2. Фаррух бо компютер ва ҳисобкунак кор мекунад. 3. Шаҳноза математика, забони модарӣ ва забони англисиро хуб медонад.

**Машқи 361.** Ба ҷои нуқтаҳо аъзоҳои чидаи ҷумларо гузоред ва нависед.

1. Мо дар боғ зери ..., ..., ... -ро нарм кардем. 2. ... ва ... аълохон мебошанд. 3. Бачагон ... ва ... -ҳоро ба деҳа ронданд. 4. ... ва ... шаҳрҳои қадимтарини республикаи мо ба шумор мераванд.

**Машқи 362.** Ҷумлаҳоро рӯбардор намуда, гӯед, ки дар байни аъзоҳои чидаи ҷумла кадом хели пайвандакҳо омадаанд.

1. Ҷамшед ва Гулчаҳон пешқадам мебошанд. 2. Деҳқон мекорад ва медаравад. 3. Дар кӯҳҳои мо кони нуқраю тилло бисёр аст. 4. Оҳану қӯрғошим филизоти ранга ба шумор мераванд. 5. Боғу токпарварӣ касби аҷоиб аст.

Аъзоҳои чидаи ҷумла бо пайвандакҳои **ва, -у, -ю** ва аломати вергул ҷудо карда мешаванд.

**Машқи 363.** Хонед ва мазмунашро баён кунед.

## БАҲОР ОМАД

Баҳор омад, чаман гулпӯш омад,
Дили мо, бачагон бар ҷӯш омад.
Давидему ба сӯи боғ рафтем,
Ҳама монанди гул болида гуфтем:
Дарахти нав ба боғи нав шинонем,
Дарахти себу шафтолу расонем.
Ба боғи мо дарахти нок рӯяд,
Анори лоларангу ток рӯяд.
Ҳамон соле, ки онҳо бор оранд,
Ба мо хурсандии бисёр оранд.

*Мирзо Турсунзода*

**Супориш:** 1. Дар кадом мисраъҳо аъзои чидаи ҷумла мавҷуданд? 2. Дар байни аъзоҳои чидаи ҷумла кадом пайвандакҳо дида мешаванд? 3. Кадом аъзоҳои ҷумла чида шудаанд.

**Машқи 364.** Матнро хонед ва маънидод кунед.

## АЛОМАТҲОИ ҶАВОНМАРДӢ

Ҷавонмардӣ ҳаракати мардумӣ буда, пайравони он инсондӯстиву накӯкорӣ, ростқавливу бекинагӣ, покдоманиву меҳрубонӣ, дӯстиву шафоқат, бузургдошти аҳду паймон, ягонагии қавлу амалро муқаддас медонанд. Барои онҳо кӯмак расонидан ба эҳтиёҷмандону асирон, зиндониёну бандиён шаъну шараф буд.

Меҳмондориву меҳмоннавозӣ барин расму оинҳои мардумӣ асоси таълимоти онҳоро ташкил менамояд.

*Аз «Номаи ҷавонмардӣ»-и Қурбон Восеъ*

**Супориш:** Аъзоҳои чидаи ҷумларо муайян кунед.

**Машқи 365.** Матнро рӯбардор намуда, аъзоҳои чидаи ҷумларо ёбед.

## КИТОБ ГАНҶИ БЕБАҲОСТ

Китоб ганҷи бебаҳо, хазинаи шеъру суханҳои оқилона, маскани илму дониш ва ҳамдаму раҳнамои мост.

Ба китобхонӣ ман ҳанӯз аз хурдсолӣ шавқу рағбат пайдо карда будам. Дар лаҳзаҳои холӣ хондани ҳикоя, повест, шеърро хеле дӯст медорам. Ҳар гоҳ китоб хонам, ягон воқеаи навро барои зиндагӣ ва ҳаётам ёд мегирам. Ҳозир шумораи китобҳоям аз 200 номгӯй гузаштааст.

**Саволҳо:**

1. Дар матни боло кадом аъзои ҷумла чида шудааст?
2. Дар байни аъзоҳои чидаи ҷумла кадом пайвандакҳо омадаанд?

**Машқи 366.** Шеърро равон ва бурро хонед.

БОМДОДИ БАҲОРОН

Айёми баҳору бомдодӣ,
Вақти фараҳ асту шодӣ.
Бар ҷониби марғзор бинӣ,
Ҳар сӯ гулу лолазор бинӣ.
Ҳаст оби равон, равон ба ҳар сӯ,
Сабз аст зи сабзаҳо лаби ҷӯ.
Аз бӯи гулу гиёҳи навхез,
Боди саҳарист анбаромез.
Гул хурраму барги ток хуррам,
Аз сабза тамоми хок хуррам.

*Садриддин Айнӣ*

**Супоришҳо:**

1. Дар кадом мисраъҳо аъзои чидаи ҷумла омадааст?
2. Кадом аъзоҳои ҷумла чида шудаанд?
3. Мо дар бораи аъзоҳои чидаи ҷумла чиҳо медонем?

**Худро бисанҷед:**

1. Аъзоҳои пайрави ҷумла кадомҳоянд?
2. Дар ҷумла кадом аъзоҳо чида мешаванд?
3. Дар байни аъзои чидаи ҷумла кадом пайвандакҳо гузошта мешаванд?

## САВОЛҲОИ ТЕСТӢ

**1. Дар кадоме аз ин ҷумлаҳо аъзои ҷумла чида шудааст:**

а) дар ҳавои фораму соф паррандагон хурсандона месароянд;
б) онҳо аз субҳ то шом бозӣ мекунанд;
в) дар мактаби мо олимпиада баргузор гардид;
г) сӯзаниаш дар ҳақиқат, зебо буд;
ғ) ин маслиҳат ба Гулрухсор маъқул шуд.

**2. Мубтадои чидаро ёбед:**

а) дар хона ва болохона меҳмонон пур буданд;
б) ба Рустам ва Фарҳод фаҳмонидам;
в) ману Зебӣ бо диққат гӯш меандохтем;
г) Олим омад ва гуфт;
ғ) ин садои занбӯри асал мебошад.

**3. Хабари чидаро ёбед:**

а) С.Айнӣ дар оилаи деҳқон таваллуд ёфтааст;
б) Айнӣ бисёр одами боақл буд;
в) номи ӯ Бобо, касбаш деҳқонист;
г) моҳи май хосияти хос ва шукӯҳу таровати хос дорад;
ғ) онҳо бино месозанд ва обод мекунанд.

# МАЪЛУМОТИ УМУМӢ ДАР БОРАИ НУТҚИ ХАТТӢ ВА ДАҲОНӢ

Инсон фикри худро бо ду роҳ баён мекунад: хаттӣ ва даҳонӣ. Тарзи хаттии нутқ хеле инкишоф ёфта, ба меъёр даромадааст. Бо нутқи

хаттӣ асарҳои илмӣ, китобҳои дарсӣ, рӯзномаву маҷаллаҳо, шеъру достонҳо, китобҳои бадеӣ ва ғайра навишта мешаванд.

Маънои «нутқ» он аст, ки инсон дар ҷараёни ифодаи фикр аз боигариҳои забон истифода менамояд. Одамон дар ҳама маврид — дар хона, бозор, мактаб, ҷои кор, кӯча ва ғайра калимаҳоро истифода мебаранд. Бо ҳам гуфтугӯ мекунанд. Ин фаъолияти забонро «нутқи даҳонӣ» меноманд.

Нутқи даҳониро аз забони қаҳрамонҳои асар низ равшан дидан мумкин аст.

**Машқи 367.** Хонед. Мазмуни матнро накл кунед.

## МЕҲРИ ДЕҲА

Ман деҳаи худро дӯст медорам. Деҳаи моро аз чор тараф кӯҳҳои осмонбӯси сар ба фалаккашида печонидаанд. Баҳору тобистони деҳаи мо назаррабост. Ҳама ҷой ба қолини сабз рӯпӯш, дарахтон ғарқи гулу мева, кӯҳу ёна ҳама гулпӯшанд. Аз шохсорон навои кабку булбул ба гӯш меояд. Дар поёни деҳа дарёчаи пурмавҷи Зарафшон ҷорист. Ин дарё оби софу зулол дорад... .

Матни боло ба кадом нутқ хос аст.

**Машқи 368.** Хонед, муайян намоед, ки дар ин матн кадом намудҳои нутқ ифода мешаванд.

## МОДАР ВА ГУРГ

(*Афсона*)

Гурги гурусна ба хонаи чангалбон наздик шуд. Тифлаке мегирист. Модараш ӯро тарсониданӣ шуда мегуфт:

— Ором шав, набошад аз дар берун мекунам, гурги гурусна омада мехӯрад.

Гург ин овозро шунида хеле хурсанд шуд ва то субҳ поида истод. Субҳ дубора овози модарро шунид, ки мегуфт:

— Бисёр хуб шуд, ки бачам ором шудӣ. Ҳоло агар гург биёяд, ӯро зада мекушам...

Гурги гурусна тарсида гурехт.

**Машқи 369.** Хонед ва гӯед, ки матни зерин ба кадом навъи нутқ дохил мешавад.

## ХУДДОРӢ АЗ ДУРӮҒГӮӢ

Дурӯғгӯӣ яке аз падидҳои бадест. Инсон аксаран нопухта ва ба камолоти ақлӣ нарасида бошад, ба такаббурӣ ва дурӯғгӯӣ майл мекунад. Дурӯғгӯӣ маризест, ки соҳиби худро ба ҳамаи он ногувориҳо гирифтор мекунад. Шахсе, ки ба дурӯғгӯӣ одат кардаасту дурӯғи зиёд мегӯяд, ба содир кардани қабоҳат омода аст. Дигар ин ки аз фалокати дурӯғ ҳамеша эмин мондан амри маҳол аст. Инсон бояд ҳамеша худро аз дурӯғгӯӣ боз дорад.

*Аз «Мунтахаби осор»-и Закариёи Розӣ*

**Машқи 370.** Аз матни зерин нутқи даҳониро ҷудо кунед.

...Рӯзи дуюм Рустам ба хонаи кари Бӯрӣ рафт.

— Рустам, омадӣ, биё, — гуфт кари Бӯрӣ. Ӯро ба хона даъват кард.

— Рустамҷон, нон бисёр, ба ту то сол мерасад, ана худат бин.

— Лекин, Рустамҷон, як маслиҳат, — кари Бӯрӣ риши мошубиринҷашро дошта давом намуд:

— Ҳабибаро ба ман медиҳӣ...

Кари Бӯрӣ боз чиҳо гуфт дигар ӯро намешунавид. Осмон гӯё ба сараш фурӯ рафт...

*Аз «Гӯшвора»-и Кароматуллоҳи Мирзо*

**Машқи 371.** Аз рӯи расм нақл нависед ва дар он ҳам аз нутқи хаттӣ ва ҳам нутқи даҳонӣ истифода баред. Матни поёниро бо диққат хонед.



## МАДАНИЯТИ НУТҚ

Маданияти нутқ аз муҳимтарин масъалаҳои маданияти инсон мебошад. Бояд ҳар як шахс зебо, бомаданият, форам, таъсирнок гап занад. Дар вақти гап задан аз калимаҳои бемаънӣ, дағалона ва дурушт даст кашидан лозим. Калимаю ибораҳои кӯчагӣ, шевагӣ, ҳақорат, дурушт-ро умуман истифода накунед.

Ифодаи дурусти фикр, маданӣ ва бо риояи ҳусни сухан баён намудани мақсад нахустин нишонаи маданияти шахс аст. Ӯ бояд дар нутқи худ боадабона «хӯш», «лаббай», «тановул кардан» (хӯрдан), «қадам ранҷа намудан», «изҳор намудан» (гуфтан) барин садҳо калимаҳоро кор фармояд. Аз худаш хурд ва калонро ҳурмат намояд.

Ҳусни маъниро бо ҳусни баён зоҳир намудан маданияти сухан аст. Маданияти сухан дуруст, содда, фаҳмо ва дар айни замон зебову пуртаъсир ифода кардани фикр аст.

**Машқи 372.** Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед.

### АНДАР СУХАНДОНӢ

Эй писар, бояд ки мардум сухандону сухангӯй бошад ва аз бадон сухан нигоҳ дорад. Ту писар рост гӯй.

Сухан, ки бар мардумон намоӣ, накӯтарин намоӣ то мақбул бувад. Мардумон бо сухани ту дараҷаи туро бишиносанд. Сухан ҳамеша зебо ва муассир

(таъсирнок) бигӯ, ки аз шунидани он рух тоза шавад...

*Аз «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус*

**Саволҳо:**

1. Кайковус оид ба сухангӯӣ чӣ гуфтааст?
2. Сухангӯиро чӣ гуна тасвир кардааст?





**Машқи 373.** Аз рӯи расм иншочае нависед. Дар иншои шумо суханҳои таъсирбахш истифода шуда бошад.

**Машқи 374.** Матни зеринро хонед ва гӯед, ки шумо дар айёми таътил бо кадом корҳо машғул мешавед.

## АЙЁМИ ТАЪТИЛ

Чӣ хушу хуррам аст айёми таътил ва фасли тобистон! Дар ин фасли сафобахш шумо, бачаҳои азиз, дар доманаи талу теппа, кӯҳсору лаби дарёҳои шӯхи обаш чун нуқра, таги дарахтони сояафкан дам мегиред, сайру саёҳат

мекунед, сурудхонон ба сӯи қуллаҳои осмонхарош чандин бор саёҳатҳо ташкил менамоед, манзараҳои зебову дилрабои кишвари азизи худро тамошо мекунед, ки ин як умр дар хотири Шумо мемонад.

Хурсандӣ, таронахонӣ, рақсу бозиҳои гирди гулхан, шиносоӣ бо рафиқони нав ҳамаи инҳо дар хотири Шумо нақш мебандад.

Соли оянда таҳсил Шумо бо қувваи наву руҳи тоза ба мактаби азизи худ, назди муаллимони мушфиқу ғамхор бо як ҷаҳон фикру андешаҳо бармегардед!

## ХАЙР, САЛОМАТ БОШЕД!

# ЛУҒАТ

## А

**Айём** — вақт, замон, давр.
**Амонӣ** — бехавфӣ, осудагӣ, бехатарӣ, осоиштагӣ, сулҳ.
**Амал** — кор, рафтор, фаъолият.
**Анбӯҳ** — бисёр, беандоза, бешумор, ғулӣ, зич.
**Аср** — давр, аҳд, замон (як аср — сад сол).
**Афзун** — фузун, бештар, бисёр, зиёд.
**Афкандан** — партофтан, андохтан.
**Афрӯхтан** — даргирондан, равшан кардан.
**Аҷз** — нотавонӣ, заифӣ, оҷизӣ.

## Б

**Ба ваҷд омадан** — шавқу шодӣ кардан, хурсандӣ намудан.
**Бедодгар** — беадолат, золим, ситамгар.
**Бекарон** — беканор, васеъ, фарох, беҳад, бепоён, беинтиҳо.
**Беш** — бисёр, зиёд, афзун.
**Болидан** — хурсанд шудан, фахр кардан, нашъу намо кардан.
**Бор** — ҳосил, маҳсул.
**Бохтан** — бой додан.
**Бунёд кардан** — сохтан, барпо намудан, ба вуҷуд овардан.

## В

**Васф** — таъриф кардан, сифат намудан.
**Васл** — пайванд кардан, тобеъ намудан.
**Виқор** — тамкин, бузургӣ.
**Виҷдон** — шараф, номус.
**Вусъат** — васеӣ, фарохӣ, кушодӣ, паҳноварӣ.

**Вуқӯъ** — воқеъшавӣ, ба вуҷудоӣ, зоҳиршавӣ.

## Г

**Ганҷ** — чизи қиматбаҳо, хазинаи тилло, нуқра, ҷои пинҳон кардаи чизҳои қиматбаҳо.
**Гесӯ** — мӯи бофтаи занону духтарон, кокул.
**Гуворо** — хушмаза, хуштаъм, форам.
**Гуна** — рӯй, рухсора, чеҳра.
**Густохӣ** — беибо, беадабӣ, бешармӣ.

## Ғ

**Ғоратгар** — тороҷгар, яғмогар, толонгар.

## Д

**Далел** — ҳуҷҷат, асос, мисол,
**Дастгоҳ** — ҷои кор, корхона, асбоби кор.
**Дур** (р) — марворид, санги қиматбаҳо.

## З

**Закӣ** — ҳушёр, зирак, тезфаҳм.
**Заковат** — теззеҳн, пок, покиза, заракӣ.
**Зомин шудан** — сабабгори воқеъ шудани чизе будан, кафил шудан.

## И

**Идрок** — дарк кардан, фаҳмидан.
**Илҳон** — хониш, нағмасароӣ, хушхонӣ.
**Инъом** — тӯҳфа, бахшиш.
**Ирода** — майл, хоҳиш, ихтиёр.
**Истиқбол** — пешвоз гирифтан, ба пешвози касе ва ё чизе баромадан.
**Ифтихор** — фахр кардан, болидан, аз ҳад зиёд шодмонӣ кардан.
**Ихтисос** — касб, ҳунар.

**Иқтидор** — қудрат, қувват, тавоноӣ, зӯрӣ.

## К

**Кашф** — кушодан, ихтироъ кардан, ёфтан, ошкор намудан.

**Кироми** — азиз, меҳрубон, қимат, қадрнок, боҳурмат.

**Комбинат** — муассиса, корхонаи саноатӣ.

**Комёбӣ** — муваффақият, пешравӣ.

**Коҷ** — дарахти сӯзанбарги ҳамешасабз.

**Кулфат** — азоб, машаққат, сахтӣ.

**Кура** — оташдон, хумдон, ҷое ки дар он маъдан мегудозанд.

## Қ

**Қадр кардан** — баҳо, арзиш, қимати муносиб додан.

**Қаър** — чуқурӣ, зери дарё.

**Қодир** — тавоно, боиқтидор, пурқувват.

## Л

**Лавҳа** — ҷои хатнависӣ, тахта ё фанере, ки барои расму сурат овехта мешавад.

**Лафз** — сухан, забон, шева.

## М

**Мавқеъ** — ҷой, маҳал, макон.

**Мамнун** — миннатдор, хурсанд будан.

**Манбаъ** — ҷой, чашма, маъхаз, сарчашма, маҳалли баромади чизе.

**Манҳус** — шум, бадбахт, нофарҷом.

**Марғзор** — алафзор, сабзазор, чаманзор.

**Масъул** — ҷавобгар будан, вазифаи серталаб доштан, ба таври қатъӣ вобаста будан.

**Матлаб** — хоҳиш, орзу, мақсад.

**Матоъ** — порча, либосворӣ.

**Мафтун** — шефта, дилбаста будан, ба чизе дода шудан.

**Машварат** — маслиҳат.
**Маърифат** — дониш, илмдор будан.
**Маъюс** — ноумед, дилшикаста, рӯҳафтода, ғамнок будан.
**Меҳр** — муҳаббат, офтоб.
**Меъмор** — бинокор, бинокор.
**Минтақа** — доира, вилоят, байн.
**Мовароуннаҳр** — байни ду наҳр.
**Мужда** — хабари хуш, навид.
**Мукотиба** — ба ҳамдигар мактубнависӣ.
**Мускул** — мушакҳои дасту пой.
**Мушк** — моддаи сиёҳранги хушбӯй.
**Муштарӣ** — харидор, ҷазманд.
**Мутаассифона** — афсӯс хурдан, афсӯс кардан.
**Мӯр** — мӯрча.
**Мӯнис** — дӯст, ғамхор, унсгирифта.
**Мӯъҷиза** — кори аҷоибу ғароиб, ҳайратовар.
**Мӯҷиб** — сабаб.

## Н

**Навъ** — хел, ҷинс, тарз, гуна.
**Назокат** — нозукӣ, зебоӣ, хушрӯӣ.
**Насим** — боди форам, боди суст, шамоли форам.
**Наққош** — рассом, суратгир.
**Неъмат** — мол, боигарӣ, сарватҳои моддӣ ва маънавӣ.
**Нодир** — камёб, кам дучоршаванда, ноёб.

## О

**Оламшумул** — шӯҳрати оламӣ дошта, дар тамоми ҷаҳон номбароварда.
**Оқил** — доно, боақл, хирадманд.
**Оҷиз** — нотавон, беқувват, бечора, дармонда, нобино.

## П

**Паём** — пайғом, хабар, мужда, хабари хуш.

**Пероҳан (пераҳан)** — курта, либоси таги яккабата, либоси зер.

## Р

**Рабудан** — гирифтан бо чолокӣ.
**Ранҷ** — азоб, машаққат.
**Рағбат** — хоҳиш, орзу, майл, ҳавас.
**Руд** — асбоби мусиқӣ.
**Рӯҳафзо** — рӯҳбахш, ҷонбахш.

## С

**Сайёр** — бисёр сафаркунанда, гардишкунанда.
**Самар** — мева, ҳосил, бор.
**Сана** — сол, давр, замон.
**Сарват** — боигарӣ, давлатмандӣ.
**Сафо** — тозагӣ, покӣ, равшанӣ, беғуборӣ, осудагӣ.
**Саҳн** — майдон, рӯи ҳавлӣ, сатҳ.
**Саъй** — кӯшиш, ҳаракат.
**Серун** — форам, гуворо, вазидани боди сабук.
**Суд** — фоида, манфиат, нафъ.
**Суфта** — ҳамвор, силиқ, ҷилодиҳанда.

## Т

**Таъзиқ** — фишор додан, танг кардан.
**Такмил** — пурра кардан, мукаммал намудан.
**Тамиз** — ақлу ҳуш, одоб, фарқ кардан.
**Тамкин** — эътибор, вазнинӣ.
**Татбиқ** — дар амал ҷорӣ кардан, андоза кардани ду чиз, мутобиқ кунонидан.
**Тароват** — тару тозагӣ, шодобӣ.
**Таҳсин** — таъриф, офарингӯй.
**Таъмир** — иморат кардан, шикасту рехт кардан, обод кардан.
**Тоҷир** — савдогар.

## У

**Урён** — луч, бараҳна.
**Устод** — муаллим, омӯзгор.
**Устувор** — маҳкам, пойдор.
**Уфуқ** — канора, канораи осмон, сӯй, тараф.

## Ф

**Файз** — некӣ, хубӣ, баракат.
**Фазл** — афзалият, бартарӣ доштан, дониш, илму маърифат.
**Фазо** — холигӣ, қабат, ҷои кушода.
**Фараҳ** — шодӣ, хурсандӣ, хушҳолӣ.
**Фараҳбахш** — шодибахш, хурсандибахш.
**Фарш** — палоси рӯи замини хона, рӯи замин, зери по.
**Фасеҳ** — васеъ, паҳновар, бурро, зебо, дилкаш будани сухан
**Фатҳ** — ғалаба кардан, фирӯзӣ ёфтан.
**Фақир** — камбағал, қашшоқ, нодорам, мӯҳтоҷ.
**Фохта** — паррандаи ёбоии хокистарранги аз кабӯтар хурдтар, ки дар гардан тавқи сиёҳ дорад.
**Фузулӣ** — забондарозӣ, сафсатагӯӣ, доноӣ.

## Х

**Харсанг** — санги калон.
**Хеш** — худ.
**Хиёбон** — майдони ободу зебо, кӯча, роҳи кушоди ҳамвор.
**Холис** — соф, пок, беғаш.
**Хоро** — санги сахт, санги сахти нотарошида.
**Хуршед** — офтоб.
**Хуфтан** — хоб кардан.

## Ҳ

**Ҳариф** — ҳамкор, ҳамкасб, ҳампеша, ҳаммусобиқа.

**Ҳифз кардан** — аз ёд, аз бар кардан, нигоҳдорӣ кардан.
**Ҳомун** — водӣ, замини ҳамвор.
**Ҳомӣ** — ҳимоятгар, пуштибон, пуштупаноҳ.

## Ш

**Шамс** — офтоб.
**Шаҳд** — асал, ширинии гуворо.
**Шақиқ** — ҳангос задани хар, гӯшхарош.
**Шаффоф** — соф, беғубор.
**Шафқат** — меҳрубонӣ, дилсӯзӣ, ғамхорӣ, марҳамат кардан.
**Шефта** — шайдо, мафтун.
**Шукӯҳ** — бузургӣ, дабдаба, тавоноӣ, ифтихорнокӣ.
**Шуур** — ақл, идрок, фаросат.

## Э

**Эътибор** — боварӣ, обрӯ, қадру қиммат.
**Эътимод доштан** — бовар кардан, такя намудан, эътибор додан.

## Ч

**Чаман** — замини сабзу хуррам, гулзор, сайргоҳ.
**Чамидан** — бо ифтихор роҳ гаштан, ҳаракат кардан.
**Чаридан** — гардиш кардан ва алаф хӯрдани ҳайвонот.
**Чашмасор** — ҷое, ки чашмаҳои бисёре дорад.
**Чеҳра** — рӯй, симо, сурат, афт.
**Чора** — илоҷ, тадбир.

## Ҷ

**Ҷаҳд** — саъй, кӯшиш.
**Ҷашн** — ид, маҷлиси шодӣ.
**Ҷовид** — ҳамеша зинда, абадӣ, доимӣ.

## МУНДАРИҶА


Такрор ... 5
Такрори ҳиссаҳои нутқ ... 5
Такрори ибора ва ҷумлаҳои содда ... 11
Такрори ҷумлаҳои содда ... 14
Аъзоҳои чидаи ҷумла ... 17
Сараъзоҳои чида ... 19
Аъзоҳои пайрави ҷумла ... 20
Пайвандакҳо — воситаи алоқаи аъзоҳои чида ... 21
Аломати вергул — воситаи алоқаи аъзоҳои чида ... 23
Ҳиссаҳои нутқ ... 24
Исм ... 26
Исмҳои хос ... 38
Исмҳои танҳо ва ҷамъ ... 51
Пасвандҳои исмсоз ... 54
Пешванди исмсози ҳам- ... 57
Феъл ... 59
Замонҳои феъл ... 64
Феъли замони гузашта ... 66
Феъли замони ҳозира ... 69
Феъли замони ҳозира-оянда ... 69
Сифат ... 73
Сифатҳои аслӣ ва нисбӣ ... 81
Пасвандҳои сифатсоз ... 85
Пешвандҳои сифатсози но-, бо-, ба-, бе- ... 88
Шумора ... 90
Ҷонишин ... 96
Зарф ... 101
Пешояндҳо ... 106
Пасояндҳо ... 114

Пайвандакҳои пайвасткунанда ........ 118
Ибора ........ 126
Хелҳои ибора ........ 129
Ҷумла ........ 185
Аъзоҳои ҷумла ........ 142
Мубтадо ва хабар — аъзоҳои асосии ҷумла ........ 147
Аъзоҳои пайрави ҷумла ........ 154
Такрори салона ........ 162
Маълумоти умумӣ дар бораи нутқи хаттӣ ва даҳонӣ ........ 175
Маданияти нутқ ........ 179
Луғат ........ 182

**Зоҳидов Абдунабӣ**

З 87 Забони модарӣ: Китоби дарсӣ барои донишомӯзони синфҳои чоруми мактабҳои миёнаи таълими умумӣ. — Нашри панҷум. — Т.: «O‘zbekiston», 2013. —192 саҳ.

ISBN 878-9943-01-087-1

**УДК: 811.222.8(075)**
**ББК 81.2 Тож-9**

*O‘quv nashri*

**Abdunabi Zohidov**

**ONA TILI**

4-sinf o'quvchilari uchun darslik

(Tojik tilida)

Beshinchi nashr

Муҳаррир: *З. Тоҳириён*
Муҳаррири техникӣ *Т. Харитонова*
Муҳаррири бадеӣ *Д. Муллажонов*
Саҳифабанди компютерӣ *Л. Абкеримова*

Литсензияи нашр AI № 158, 14.08.09.
Ба чопаш 12 июни соли 2013 иҷозат дода шуд. Андозаи 70x90$^{1}/_{16}$.
Гарнитураи «Pragmatic TAD», кегели 12, 14.
Бо усули офсет дар коғази офсет чоп шудааст.
Ҷузъи чопии шартӣ 14,04. Ҷузъи нашриву ҳисобӣ 7,89.
Адади нашр 6856. Супориши №

Оригинал-макет дар Хонаи эҷодии табъу нашри «O‘zbekiston»-и Оҷонсии матбуот ва иттилооти Ӯзбекистон. 100128, ш. Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30 тайёр карда шудааст.

Дар Хонаи эҷодии табъу нашри «O‘qituvchi», Тошканд даҳаи Юнусобод, кӯчаи Янгишаҳар, хонаи 1 чоп шудааст.

## Ҷадвали нишондиҳандаи ҳолати китоби ба иҷора додашуда

| № | Ному насаби хонанда | Соли хониш | Ҳолати китоб ҳангоми гирифтан | Имзои раҳбари синф | Ҳолати китоб ҳангоми супоридан | Имзои раҳбари синф |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | | | | | | |
| 2. | | | | | | |
| 3. | | | | | | |
| 4. | | | | | | |
| 5. | | | | | | |

## Ҷадвали боло ҳангоми ба иҷора дода шудан ва дар охири соли хониш баргардонида гирифтани китоб аз тарафи раҳбари синф аз рӯи меъёрҳои зерин баҳо гузошта мешавад:

| Нав | Ҳолати китоб ҳангоми бори аввал супоридан. |
|---|---|
| Хуб | Муқовааш бутун, аз қисми асосии китоб ҷудо нашудааст. Ҳамаи варақҳояш ҳаст, надаридааст, ҷудо нашудааст, дар саҳифаҳо навишт ва хатҳо нест. |
| Қаноатбахш | Муқова каҷ шудааст, канорҳояш коҳида, якчанд хатҳо кашида шудаанд, ҳолати аз қисми асосӣ ҷудошавӣ дорад, аз тарафи истифодабаранда қаноатбахш таъмир шудааст. Варақҳои ҷудошудааш аз нав таъмир гаштааст, дар баъзе саҳифаҳо хат кашида шудаанд. |
| Ғайри-қаноатбахш | Муқова хат кашида шудааст, даридааст, аз қисми асосӣ ҷудо шудааст ё ки умуман нест, ғайриқаноатбахш таъмир гашиаст. Саҳифаҳо дарида, варақҳо намерасанд, хат кашида, ранг карда партофта шудааст, китоб барқарор карда намешавад. |

**Зоҳидов Абдунабӣ**

З 87 Забони модарӣ: Китоби дарсӣ барои донишомӯзони синфҳои чоруми мактабҳои миёнаи таълими умумӣ. — Нашри панҷум. — Т.: «O‘zbekiston», 2013. —192 саҳ.

ISBN 878-9943-01-087-1

**УЎК: 811.222.8(075)**
**КБК 81.2 Тож-9**

*O‘quv nashri*

**Abdunabi Zohidov**

**ONA TILI**

4-sinf o'quvchilari uchun darslik

(Tojik tilida)

Beshinchi nashr

Муҳаррирон: *З. Тоҳириён, Э. Турдиқулов*
Муҳаррири техникӣ *Т. Харитонова*
Муҳаррири бадеӣ *О. Фозилов*
Саҳифабанди компютерӣ *Л. Абкеримова*

Литсензияи нашр AI № 158, 14.08.09.
Ба чопаш 12 июни соли 2013 иҷозат дода шуд. Андозаи 70x90$^{1}/_{16}$.
Гарнитураи «Pragmatic TAD», кегели 12, 14.
Бо усули офсет дар коғази офсет чоп шудааст.
Ҷузъи чопии шартӣ 14,04. Ҷузъи нашриву ҳисобӣ 7,89.
Адади нашр 1053. Супориши №

Оригинал-макет дар Хонаи эҷодии табъу нашри «O‘zbekiston»-и Оҷонсии матбуот ва иттилооти Ӯзбекистон. 100128, ш. Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30 тайёр карда шудааст.

Дар Хонаи эҷодии табъу нашри «O‘qituvchi», Тошканд даҳаи Юнусобод, кӯчаи Янгишаҳар, хонаи 1 чоп шудааст.

УЎК: 811.222.8(075)
КБК 81.2 Тож-9
З 87

Донишомӯзи азиз!

Хуб дар хотир дошта бошед, ки Шумо чашми бино ва ояндаи Ӯзбекистони соҳибистиқлол буда, бо дилҳои ҷавони худ муждарасони рӯзҳои нек ҳастед. Ватани озоди мо аз Шумо умедҳои зиёд дорад. Барои ин хондан ва омӯхтан лозим аст. Бигузор ин китоби дарсӣ дар фатҳи қуллаҳои дониш мададгори Шумо бошад. Ҳар як фикр ва қоидаи он ба идроки шумо нерӯ мебахшад. Аз ин рӯ, ба ҳар як саҳифаи он бо назари ихлос нигаред. Онро тозаю озода нигоҳ доред ва эҳтиёткорона истифода баред, то ки ҳар шахси дигар пас аз Шумо ба одоби хубу шоистаатон таҳсин хонад.

Дар фатҳи қуллаҳои дониш ба Шумо омад ёр бод!

ХЭТН «O'zbekiston»

Муҳаррирони масъул:
номзади илми филология,
профессор **Т. Чориев,** сармутахассиси ВТХМТР **Ҷ. Эшонзода**

— Супоришҳои асосӣ

— Супоришҳои амалӣ

— Тестҳо (Санҷиши амалӣ)

**Аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ чоп шудааст.**

**Бепул.**

ISBN 878-9943-01-087-1

© Нашриёти «ЎЗБЕКИСТОН», 2004.
© ХЭТН «O'zbekiston», 2007, 2009, 2011, 2013.